СамДУ ҳузуридаги педагог кадрларни қайта тайёрлаш ва уларнинг малакасини ошириш минтақавий маркази

# ҲОЗИРГИ ЗАМОН ТОЖИК АДАБИЁТИ МУАММОЛАРИ

модулидан ўқув-услубий мажмуа

САМАРҚАНД - 2022

**Модулнинг ишчи дастури Олий ва ўрта махсус таълим вазирлигининг 2020 йил 7 декабрдаги 648-сонли буйруғи билан тасдиқланган ўқув дастури ва ўқув режасига мувофиқ ишлаб чиқилган ҳамда СамДУ Илмий кенгашининг 2020 йил «28» декабрдаги 4 -сонли қарори билан тасдиқланган.**

| | |
|---|---|
| **Тузувчи:** | СамДУ Тожик тили ва адабиёти кафедраси доценти, ф.ф.н. С.Хўжақулов |
| **Тақризчи:** | СамДУ Тожик тили ва адабиёти кафедраси профессори ф.ф.д. Ж.Ҳамроев |
| **Хорижий экспертлар:** | Тожикистон Миллий университети, филология факультети профессори, ф.ф.д. Эмомали Сирожиддини |
| | Тожикистон Миллий университети, филология факультети профессори, ф.ф.д. Дилмурод Ражабович Хомидов |

# МУНДАРИЖА

I. ИШЧИ ДАСТУР........................................................................................................4

II. МОДУЛНИ ЎҚИТИШДА ФОЙДАЛАНИЛАДИГАН ИНТЕРФАОЛ ТАЪЛИМ МЕТОДЛАРИ.....................................................................................7

III. НАЗАРИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАР ................................ ..........13

IV. АМАЛИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАРИ.......................................101

V. ГЛОССАРИЙ...........................................................................................102

VI. АДАБИЁТЛАР РЎЙХАТИ......................................................................104

VII. ЭКСПЕРТ ХУЛОСА.................................................................................106

# І.Ишчи дастур

## КИРИШ

Мазкур дастур Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича Ҳаракатлар стратегияси тўғрисида”ги ПФ-4947-сон, 2019 йил 27 августдаги “Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг узлуксиз малакасини ошириш тизимини жорий этиш тўғрисида”ги ПФ-5789-сон, 2019 йил 8 октябрдаги “Ўзбекистон Республикаси олий таълим тизимини 2030 йилгача ривожлантириш концепциясини тасдиқлаш тўғрисида”ги ПФ-5847-сонли Фармонлари ҳамда Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамасининг 2019 йил 23 сентябрдаги “Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг малакасини ошириш тизимини янада такомиллаштириш бўйича қўшимча чора-тадбирлар тўғрисида”ги 797-сонли Қарорларида белгиланган устувор вазифалар мазмунидан келиб чиққан ҳолда тузилган бўлиб, у олий таълим муассасалари педагог кадрларининг касб маҳорати ҳамда инновацион компетентлигини ривожлантириш, соҳага оид илғор хорижий тажрибалар, янги билим ва малакаларни ўзлаштириш, шунингдек амалиётга жорий этиш кўникмаларини такомиллаштиришни мақсад қилади.

Қайта тайёрлаш ва малака ошириш йўналишининг ўзига хос хусусиятлари ҳамда долзарб масалаларидан келиб чиққан ҳолда дастурда тингловчиларнинг мутахассислик  фанлар доирасидаги билим, кўникма, малака ҳамда компетенцияларига қўйиладиган талаблар такомиллаштирилиши мумкин.

**Фаннинг мақсади ва вазифалари**
**Ҳозирги замон тожик адабиёти муаммолари**
**фанининг мақсади ва вазифалари:**

- педагог кадрларни қайта тайёрлаш ва малака ошириш курси тингловчиларида XX аср бошларидаги тарихий шароит ва тожик адабиётидаги ўзгаришлар, жадид адабиётининг шаклланиши ва асосий хусусиятлари, шўролар даври адабиётининг майдонга келиши ва бадиий адабиётнинг янги йўналиши, мафкуравий тазйиқ ва адабий жараён 20-30 йиллар адабиётининг ғоявий йўналиши, мавзулари ва йирик вакиллари, социалистик реализм ижодий методи ва унинг бадиий адабиёт тақдиридаги ўрни бўйича кўп сонли тадқиқотлар ҳақидаги фан – ҳозирги замон тожик адабиёти муаммолари ҳақида тасаввурни шакллантиришдан иборат. Шунингдек тингловчиларга миллий мустақиллик мафкураси ва ҳозирги адабий жараённинг асосий тамойиллари, мустақиллик даври адабиётининг асосий хусусиятлари, мавзу ва ғоявий йўналиши, ҳозирги адабий жараёндаги сифат ўзгариши ва унинг

ифодаланиш шакл ва жанрлари, ҳозирги адабий жараёнга хос қонуният ва бадиий –эстетик кашфиётлар, ҳозирги тожик адабиётининг ғоявий йўналиши, мавзулар доираси ва жанрий хусусиятларидаги янгиланишларнинг усуллари ва ютуқларини ёритиб беради;

**Модулнинг ўқув режадаги бошқа модуллар билан боғлиқлиги ва узвийлиги**

"Ҳозирги замон тожик адабиёти муаммолари" фани тожик адабиёти муаммоларини ҳал қилишда, адабиётшунослик, лингвокультурология, математика ва тизимли таҳлил усулларидан фойдаланади. Фан юзасидан тайёргарлик – адабиётга оид муҳим ахборотни олиш мақсадида шеърият структурасига доир экспериментал маълумотларни таҳлил қилиш учун компьютер технологияларидан назарий ва амалий билим ва кўникмалар олиш имкониятини беради. Шу боис тингловчилар уни тўлиқ ўзлаштиришлари учун XX аср бошларидаги тарихий шароит ва тожик адабиётидаги ўзгаришлар, жадид адабиётининг шаклланиши ва асосий хусусиятлари, шўролар даври адабиётининг майдонга келиши ва бадиий адабиётнинг янги йўналиши, мафкуравий тазйиқ ва адабий жараён 20-30 йиллар адабиётининг ғоявий йўналиши, мавзулари ва йирик вакиллари, социалистик реализм ижодий методи ва унинг бадиий адабиёт тақдиридаги ўрни, миллий мустақиллик мафкураси ва ҳозирги адабий жараённинг асосий тамойиллари, мустақиллик даври адабиётининг асосий хусусиятлари, мавзу ва ғоявий йўналиши, ҳозирги адабий жараёндаги сифат ўзгариши ва унинг ифодаланиш шакл ва жанрлари, ҳозирги адабий жараёнга хос қонуният ва бадиий –эстетик кашфиётлар, ҳозирги тожик адабиётининг ғоявий йўналиши, мавзулар доираси ва жанрий хусусиятларидаги янгиланишлар содир бўладиган мураккаб жараёнларни умумлаштириш учун етарли билим ва кўникмаларга эга бўлиши талаб этилади.

**Модулнинг олий таълимдаги ўрни**

Республикамизнинг иқтисодиёти ижтимоий фанларнинг ривожланишига ва унинг ютуқларига ҳам боғлиқ. Қайта тайёрлаш ва малака ошириш йўналишининг ўзига хос хусусиятлари ҳамда долзарб масалаларидан келиб чиққан ҳолда дастурда тингловчиларнинг мутахассислик фанлар доирасидаги билим, кўникма, малака ҳамда компетенцияларига қўйиладиган талаблар такомиллаштирилиши мумкин. Шу сабабли ҳам ушбу модулни ўзлаштириш орқали тингловчилар ҳозирги замон тожик адабиёти муаммолари фанини амалда қўллаш ва тожик тили соҳасидаги мавжуд муаммоларни баҳолашга доир касбий компетентликка эга бўладилар.

## Модул бўйича соатлар тақсимоти

| № | Модул мавзулари | Тингловчининг ўқув юкламаси, соат | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳаммаси | Аудитория ўқув юкламаси | | | Кўчма машғулот |
| | | | Жами | жумладан | | |
| | | | | Назарий | Амалий машғулот | |
| 1. | Муқаддима | 2 | 2 | 2 | | |
| 2. | Адабиёти маорифпарварӣ. Адабиёти давраи муборизаҳои ичтимой-сиёсӣ ва мафкуравӣ (1917-1929). | 2 | 2 | 2 | | |
| 3. | Даврони инкишофи суннатҳо ва мерос | 2 | 2 | 2 | | |
| 4 | Насри бадеии адабиёти ниммаи аввали асри XX | 2 | 2 | 2 | | |
| 5 | Дарачаи ташаккули насри бадеии точик аз солҳои 60 карни XX- то имрўз | 2 | 2 | 2 | | |
| 6 | Трилогияи Чалол Икромӣ | 2 | 2 | | 2 | |
| 7 | Мавқеи достон дар эчодиёти М.Турсунзода | 2 | 2 | | 2 | |
| 8 | Сотим Улуғзода ва таърихият дар осори ў | 2 | 2 | | 2 | |
| 9 | Инкишофи жанри достони манзум дар эчодиёти М. Қаноат | 2 | 2 | | 2 | |
| 10 | Тасвири проблемаҳои ахлоқи ичтимой, қувватгирифтани психологизми тасвир, вусъати монологи ботинӣ | 2 | 2 | | 2 | |
| | **Жами:** | **20** | **20** | **10** | **10** | |

## ЎҚИТИШ ШАКЛЛАРИ

Мазкур модул бўйича қуйидаги ўқитиш шаклларидан фойдаланилади:

- маърузалар, амалий машғулотлар (маълумотлар ва технологияларни англаб олиш, ақлий қизиқишни ривожлантириш, назарий билимларни мустаҳкамлаш);
- давра суҳбатлари (кўрилаётган лойиҳа ечимлари бўйича таклиф бериш қобилиятини ошириш, эшитиш, идрок қилиш ва мантиқий хулосалар чиқариш);
- баҳс ва мунозаралар (лойиҳалар ечими бўйича далиллар ва асосли аргументларни тақдим қилиш, эшитиш ва муаммолар ечимини топиш қобилиятини ривожлантириш).

# I. МОЛУЛНИ ЎҚИТИШДА ФОЙДАЛАНИЛАДИГАН ИНТЕРФАОЛ ТАЪЛИМ МЕТОДЛАРИ

## “SWOT-таҳлил” методидан фойдаланиш

**Методнинг мақсади:** мавжуд назарий билимлар ва амалий тажрибаларни таҳлил қилиш, таққослаш орқали муаммони ҳал этиш йўлларни топишга, билимларни мустаҳкамлаш, такрорлаш, баҳолашга, мустақил, танқидий фикрлашни, ностандарт тафаккурни шакллантиришга хизмат қилади.




**Намуна:** Анаънавий ва замонавий таълим шаклларини “SWOT-таҳлил” методида таҳлил қилинг.

| | | |
|---|---|---|
| | Оддий маърузада маърузачи талабалар, тингловчиларга кўп маълумот бера олади | Муаммоли маърузада камроқ маълумот берилади, бироқ улар талабалар онгига сингдириб берилади |
| | Ўқитувчи асосан ўзи ва аълочи, қизиқувчи талабалар билан гаплашади, яъни дарсда оз сонли талабалар қамраб олинади | Муаммоли маърузада кўп сонли талабалар, тингловчилар қамраб олинади |
| | Оддий маърузада фақат ўқитувчи режа асосида ва тайёрлаб келган маълумотлари атрофида гаплашилади | Муаммоли маърузада муҳокама жараёнида янги-янги масалалар, муаммолар юзага чиқиши, ғоялар туҳилиши мумкин. |
| | Ўқитувчи учун асосий тўсиқ – дастурдан чиқиб кета олмаслик, талаба учун қизиқмаса ҳам ўқитувчини эшитиб ўтириш мажбурияти | Кенг муҳокама учун вақтнинг чегараланганлиги, талабаларни мавзудан четга буришга интилишлари |

## Резюме, Веер методидан фойдаланиш

**Методнинг мақсади:** Бу метод мураккаб, кўптармоқли, мумкин қадар, муаммоли характеридаги мавзуларни ўрганишга қаратилган. Методнинг моҳияти шундан иборатки, бунда мавзунинг турли тармоқлари бўйича бир хил ахборот берилади ва айни пайтда, уларнинг ҳар бири алоҳида аспектларда муҳокама этилади. Масалан, муаммо ижобий ва салбий томонлари, афзаллик, фазилат ва камчиликлари, фойда ва зарарлари бўйича ўрганилади. Бу интерфаол метод танқидий, таҳлилий, аниқ мантиқий фикрлашга ҳамда ўқувчиларнинг мустақил ғоялари, фикрларини ёзма ва оғзаки шаклда тизимли баён этиш, ҳимоя қилишга имконият яратади. “Хулосалаш” методидан маъруза машғулотларида индивидуал ва жуфтликлардаги иш шаклида, амалий ва семинар машғулотларида кичик гуруҳлардаги иш шаклида фойдаланиш мумкин.

**Методни амалга ошириш тартиби:**



тренер-ўқитувчи иштирокчиларни 5-6 кишидан иборат кичик гуруҳларга ажратади;



тренинг мақсади, шартлари ва тартиби билан иштирокчиларни таништиргач, ҳар бир гуруҳга умумий муаммони таҳлил қилиниши зарур бўлган қисмлари туширилган тарқатма



ҳар бир гурух ўзига берилган муаммони атрофлича таҳлил қилиб, ўз мулоҳазаларини тавсия этилаётган схема бўйича тарқатмага ёзма баён қилади;



навбатдаги босқичда барча гуруҳлар ўз тақдимотларини ўтказадилар. Шундан сўнг, тренер томонидан таҳлиллар умумлаштирилади, зарурий ахборотлр билан тўлдирилади ва

Намуна:

| **Филологиядан малака талаблари** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Собиқ стандартлар** | | **Амалдаги стандартлар** | | **Такомиллаштирилган стандартлар** | |
| афзаллиги | камчилиги | афзаллиги | камчилиги | афзаллиги | камчилиги |
| | | | | | |
| **Хулоса:** | | | | | |

**“ФСМУ” методидан фойдаланиш**

**Технологиянинг мақсади:** Мазкур технология иштирокчилардаги умумий фикрлардан хусусий хулосалар чиқариш, таққослаш, қиёслаш орқали ахборотни ўзлаштириш, хулосалаш, шунингдек, мустақил ижодий фикрлаш кўникмаларини шакллантиришга хизмат қилади. Мазкур технологиядан маъруза машғулотларида, мустаҳкамлашда, ўтилган мавзуни сўрашда, уйга вазифа беришда ҳамда амалий машғулот натижаларини таҳлил этишда фойдаланиш тавсия этилади.

Технологияни амалга ошириш тартиби:

- қатнашчиларга мавзуга оид бўлган якуний хулоса ёки ғоя таклиф этилади;
- ҳар бир иштирокчига ФСМУ технологиясининг босқичлари ёзилган қоғозларни тарқатилади:




-

ФСМУ таҳлили қатнашчиларда касбий-назарий билимларни амалий машқлар ва мавжуд тажрибалар асосида тезроқ ва муваффақиятли ўзлаштирилишига асос бўлади.

Намуна.

**Фикр:** “Филологиядан малака талабларини халқаро андозалар асосида такомиллаштириш ва сертификатлаштириш таълим самарадорлигининг энг муҳим омилларидан биридир”.

**Топшириқ:** Мазкур фикрга нисбатан муносабатингизни ФСМУ орқали таҳлил қилинг.

## Венн Диаграммаси методидан фойдаланиш

**Методнинг мақсади:** Бу метод график тасвир орқали ўқитишни ташкил этиш шакли бўлиб, у иккита ўзаро кесишган айлана тасвири орқали ифодаланади. Мазкур метод турли тушунчалар, асослар, тасавурларнинг анализ ва синтезини икки аспект орқали кўриб чиқиш, уларнинг умумий ва фарқловчи жиҳатларини аниқлаш, таққослаш имконини беради.

## Методни амалга ошириш тартиби:

- иштирокчилар икки кишидан иборат жуфтликларга бирлаштириладилар ва уларга кўриб чиқилаётган тушунча ёки асоснинг ўзига хос, фарқли жиҳатларини (ёки акси) доиралар ичига ёзиб чиқиш таклиф этилади;
- навбатдаги босқичда иштирокчилар тўрт кишидан иборат кичик гуруҳларга бирлаштирилади ва ҳар бир жуфтлик ўз таҳлили билан гуруҳ аъзоларини таништирадилар;
- жуфтликларнинг таҳлили эшитилгач, улар биргалашиб, кўриб чиқилаётган муаммо ёҳуд тушунчаларнинг умумий жиҳатларини (ёки фарқли) излаб топадилар, умумлаштирадилар ва доирачаларнинг кесишган қисмига ёзадилар.

Намуна: Филологияни турли йўналишларда ўқитишнинг фарқли жиҳатлари ўзига хосликлари




“Зинама-
зина”,
Матн билан
ишлашга
йўналтирилган
интерфаол
метод ва
усуллар
“Бумеранг”
“Инсерт”
“Кейс-
стади”


Ижодий фаолият ва мантиқий фикрлашни
ривожлантиришга
йўналтирилган интерактив методлар:
“Идрок харитаси”
“Эссе”
“ФСМУ”
“Кластер”
“Гуруҳларда ишлаш”


Ўқув жараёнида муаммолар ва муаммоли вазиятларни ечишга йўналтирилган интерфаол методлар
“CWOT-универсал таҳлил”
“Дебат”,
Муаммоли вазият яратиш”
“Резюме”,


“Т-чизмаси”,
“Венн диаграммаси”,
“Органайзер”,
Ҳар хил чизмалар, жадваллар ёрдамида амалга ошириладиган интерфаол методлар:

## II. НАЗАРИЙ МАШҒУЛОТ МАТЕРИАЛЛАР

**Мавзӯи 1** | **Муқаддима** | **Маърӯза**

***Нақша:***

1. *Мафњуми адабиёти муосири тољик*
2. *Муаммоўои адабиёти навини тољик, ҳамчун давраи тоза ва сифатан нав.*
3. *Муаммоҳои адабиёти навини тољик ва алоќаи он бо фанњои дигар.*
4. *Омилњои асосии ташаккул ва пайдоиши адабиёти навини тољик*
5. *Марњилањои асосии инкишофи адабиёти навини тољик*

Таърихи адабиёти ин ё он халқро маљмӯи адибон ва осори онҳо ба ҳам меоварад. Агар таърихи адабиётро дар ҳамин контекст баррасӣ кунем, зокири ҳодисаҳои адабӣ фурӯзгор шуда, моҳияти аслии онҳо ошкор мегардад. Воқеан ҳам, ба қавли мунаққиди барљастаи рус В.Г.Белинский «Бе китоб, бе нависанда ва бе хонанда ҳељ адабиёт вуљуд дошта наметавонад, ҳамчунон ки театр бе саҳна, бе репертуар, бе актёр ва тамошобин, вале танҳо китоб, нависанда ва хонанда ба сари худ адабиётро тарк намедиҳанд: онро рӯҳи халқ, ки дар таърихи он љорист, меофаринад».

Ба назари мо, аз ҳамин мавқеъ бояд ба танзими барнома ва таълими курси «Таърихи навини адабиёти тољик» шурӯъ кард. Дар ин замина омили муҳимтарин ташаккули тољиконро чун халқи соҳибзабону соҳибфарҳанг бояд дар назар дошт. Беш аз ин пайдоиш ва ташаккули адабиёти сифатан наверо, ки хоси ин халқ ва муҳити маънавии он аст, низ ба инобат гирифтан ба мақсад мувофиқ аст.

Имрӯз равшан гардид, ки вақт ба тарҳсозиҳои қаблии мо дасти таҳрири саҳеҳ ворид кард. Дарҳамшикании империяи шуравӣ ва дар ҳудуди он таъсиси ёфтани давлатҳои мустақил, минљумла Љумҳурии Ўзбекистону Тољикистон, назари моро ба воқеият дигар кард. Акнун бояд, ки воқеияти таърихи навини адабиёти тољикро аз дидгоҳи дигар тарҳ ва танзим кунем. Тамоюлҳо, ҳадафҳо

ва марҳилаҳои инкишофи онро аз ҳамин назаргоҳ санљем ва муайян кунем. Танҳо ба хотири он ки ин таърих бо ҳама печухамҳояш, сафедиву сиёҳиҳояш аниқ ва саҳеҳ арзёбӣ шавад.

Барномаи таърихи навини адабиёти тољикро мо наметавонем дар контексти ягонаи адабиёти форсӣ тарҳ диҳем. Зеро сарфи назар аз алоқаҳои кўтоҳи адабӣ ин адабиётҳо билкул ҳар заминаҳои мутафовит марҳилаҳои инкишофро тай намудаанд. Ҳамчунин, муҳимтар аз ҳама, савия ва ҳадафҳои адабиёти Эрону Афғонистон ва Тољикистон дигар будаанд, ки ин воқеият пазируфтанӣ аст. Дар ин замина мо аз пайвандҳои бунёдӣ ва алоқаҳои адабӣ сарфи назар карданӣ нестем. Ин масъалаҳо, албатта бояд мавриди омўзиш қарор гиранд.

Назари мо ба даврабандии ин таърих низ комилан дигар аст. Ба фикри мо адабиётро танҳо аз рўи тамоюлоти тааллуқоти ҳизбиву сиёсӣ ва замонӣ наметавон даврабандӣ кард. Дар ин равиш моҳияти аслии дигаргуниҳои сифатии ғоявию бадеии адабиёт бояд мавриди назар бошад. Чунин дигаргунӣ дар адабиёти тољик аз нимаи дуюми асри XIX ба мушоҳида мерасад, ки ҳодисаи қонунмандии инкишофи он аст. Тағйирот ва дигаргуниҳои минбаъдаро, ки бояд асоси даврабандии адабиёти навинро муайян кунанд, низ љустуљўҳои ғоявӣ ва бадеӣ муайян мекунанд.

Ҳадафи аслии барнома ва таълими курси «Таърихи навини адабиёти тољик» ҳамоно баррасӣ ва арзёбии махсусиятҳои ин адабиёт мебошад, ки тақозои вақт аст. Вобаста ба мақсади омўзиши курси «Таърихи навини адабиёти тољик» ҳудуди маводи таълимии онро низ бояд муайян кард. Ин фан толибонро бо муҳимтарин равишҳои инкишофи адабиёти ин давр ошно карда, бурду бохти онро ба онҳо нишон медиҳад, љараёнҳои манфию мусбатро тафовут медиҳад, дар бораи шахсиятҳои эљодие, ки дар адабиёти ин давра мақоми шоён доранд, маълумоти љомеъ таҳия мекунад.

Аз ин мавқеъ, мо мундариљаи ин барномаро дар заминаи дигар андешиҳо оид ба адабиёти навини тољик таҳия кардем. Ҳангоми танзими

барнома «сари таърихи адабиёти нави тоъик»-ро бо назардошти дигаргуниҳои ғоявӣ ва бадеии ин адабиёт нимаи дуюми асри XIX шинохтем ва дар ҳамин замина марҳилаҳои инкишофи ин адабиётро чунин тавсиф кардем:

Дар мавдрадҳое аз ин барномаҳо истифода кардем ва дар лаҳзаҳое аз консепсияи муаллифон сарфи назар кардем, ки танҳо ба тақозои воқеияти адабӣ буд. Таърихи адабиёти навин љузъи таърихи адабиёти њазорсолаи тоъикї буда, махсусиятњои адабиёти ин давраро ифода мекунад. Барои амиќ донистани  њодисањои таърихи адабиёт ва дарёфти заминањои воќеъии инкишофи он омўзиши даврањои ташаккули он нињоят муњим мебошад.

Мундариъан барнома дар ҳамин замина шарҳ ёфт ва таълими дарсҳои назарӣ ва амалиро ҳаъми соат дар назар дорад.

Хангоми таҳияи ин барнома нашрҳои қаблии «Программаи адабиёти советии тоъик (се нашр), барномаи нашркардаи Х.Асозода (1989) ва ниҳоят барномаи нисбатан мукаммали Х.Асозода ва А.Раҳмонӣ «Адабиёти садаи XX-и форсии тоъик» зери дасти мо буд.



Бинобар ин ба ифодаи устод Айнї мо «сари адабиёти навини тољикї»-ро пештар бурдем. Адабиёти маорифпарвариро, ки замони пайдоиш ва ташаккули он нимаи дуюми асри XIX аст, ибтидои ин адабиёт донистем, ки ин далели худро дорад. Дар ин равиш дигаргунињои ѓоявию бадеии адабиёти нимаи дуюми асри XIX мањакаи асосии таќсимбандии мо ќарор дошт. Чунин таќсимбандї зоњиран шартї ба назар ояд њам, воќеан аломатњои хоси адабиёти навини тољик на дар дањсолаи аввали асри XX, балки дар нимаи дуюми садаи пешин ба зуњур омад. Аз њамин мавќеъ мо доир ба махсусиятњои адабиёти маорифпарварї ва сарнавишти инсониву њунарии намояндагони саршиноси он таваљљўњ кардем. Дар ин замина ба шахсиятњое эътибор додем, ки сарнавишти њунариашон воќеияти адабии даврро то андозае тафсир мекунанд. Дар шинохти ин гуна шахсиятњо њаќиќати њунарї мањак ва меъёри арзёбї буд.

**Устод Айнї ба далели он ки «Ањмад махдуми Дониш дар боби адабиёти мансура хеле роњи нав ва услуби тозаро бо илњоми дањо ва истеъдоди фитрии худ эљод карда» (1,529), ин давраро њангоми таќсимбандии адабиёт тафовут додааст. Бо вуљуди таъкид махсусиятњои њунарї ва равишњои тозаи эљодиёти Ањмади Дониш, ки «то 1905-и милодї, яъне оѓози адабиёти нави тољик намедонад, Айнї «сари таърихи адабиёти нави тољикро соли 1905 ба ин далел шинохтааст, ки «ваќте ки инќилоби мазкур ба вуќўъ омада, чопи рўзномаљот ва китобњои тоза дар Бухоро ва Туркистон умумият гирифт, соњибќаламони тозанавис љо-љо сар баровfarданд»**

Дар тадќиќотњои ќаблї адабиёти ин давра аз назари иљтимоъгарої тањлилу тањќиќ шуда, воќеияти аслии њаёти адабї сарпечида тафсир мешуд ва гоњо барѓалат маънидод мегардид. Кўшише рафт, ки дар ин росто сарнавишти нависандагї ва инсонии намояндагони адабиёти ин давра чун Ањмад махдуми Дониш воќеъбинона баррасї шавад.

Агар мо сари ин сухани Айнї истодагарї кунем, аз њаќиќати њаёти адабї

то андозае сарфи назар мекунем. Воќеият њамон аст, ки худи Айнї иќрор кардааст. Ањмади Дониш нафаќат «дар роњи адабиёти мансура хеле роњи нав ва услуби тозаро» эљод кард, балки мазмуни адабиёти ин давраро дигар сохт. Вай аќибмондагии иљтимоию сиёсї ва иќтисодии Бухоро ва барномаи мадорисро сахт танќид карда, «роњњои тараќќии замонии сарзамини тољиконро муайян намуда буд» (113,111**).** Ин далелњо кофї буд, ки мо суханро аз адабиёти навини тољикї мањз аз эљодиёти Ањмади Дониш шурўъ кунем.

Воќеан њам санадњои адабиёт гувоњанд, ки тафаккури бадеї на фаќат баъди инќилоб, балки пештар аз он дигар шуда ва ин дигаргунї дар адабиёти тољикї аз нимаи асри XIX, яъне аз замони пайдоиши адабиёти маорифпарварї оѓоз шуда, минбаъд таќвият ёфтааст. Аксари муњаќќиќон љиддитарин натиљањои эстетикии ин марњиларо ба замони баъди Инќилоб мансуб медонанд, ки ба назари мо сањењ нест. Балки њанўз аз замони фаъолияти эљодии Ањмади Дониш ва баъд мазмуну шакли адабиёт ба суръат дигар мешуд. Дар ин марњила дар радифи осори Ањмади Дониш, хоса «Наводир-ул-ваќоеъ»-и ў осори дигаре, монанди «Тўњафи ањли Бухор»-и Мирзо Сирољи Њаким, «Мунозира», «Баёноти Сайёњи њиндї», «Рањбари наљот»-и А. Фитрат, маснавињои Сайид Ањмадхољаи Аљзї «Миръоти ибрат», «Анљумани арвоњ» ва ѓайра ба майдон омаданд, ки пайки наве дар њаёти адабї буданд.

Яке аз шохањои адабиёти маорифпарварї адабиёти љадида буд. То замони бозсозї адабиётшиносї дар заминаи шуури эстетикии иљтимогаро ва сотсиологизми вулгар шакл гирифта буд, ва њаракати љадидия низ монанди бисёр њодисањои адабї ѓайривоќеї тафсир мешуд. Дар ин боб солњои охир муњаќќиќон на танњо сухани тоза гуфтанд, балки бисёр номњое, ки ба таќозои сиёсати зуровар аз ёд рафта буданд, ва ё ањён-ањён ёдоварї мешуданд. Акнун имкони воќеї пайдо шуд, ки дар бораи Фитрат, Аљзї ва Мањмудхољаи Бењбудї барин намояндагони таърихи адабиёти навини тољикї њарфи воќеї гўем.

Зикри номњо ва шахсиятњои баргузида дар ин таърих бозгўи воќеияти њаёти адабии замони шўравии тољик аст. Дар ин равиш мо воќеъияти

таърихии њаёти адабиро бо дар назардошти тамоюлњо ва равишњои эљодї баррасї кардем. Вале таваљљўњ бештар ба љињатњои мусбати адабиёт воќеъ шуд. Дар ин замина асосан арзишњои бадеии эљодиёти ин ё он адиб мавриди назар буданд.

Албатта, хонандаи огоњ ба ќадри арзишњои воќеии бадеї новобаста ба шароити ба вуљудоии онњо мерасанд ва ба онњо мустаќиман бањо медињанд. Вале таърихи љараёни адабї ин гуна санадњоро наметавонад фурў гузорад. Мутаассифона, адабиётшиносии замони шўравии тољик дар ин замина роњи мустаќиман надошт. Вай асосан тобеъи зургўињои давлат ва њазби эљодгари идеалогияи расмї ва зўровар буд. Мањз дар њамин замина адабиёти тољик чун сањнаи фаъолияти чењрањои баргузаи адабї шинохта шуда, эљодиёти намояндагони он дар ќиёс боа намондагони њамин гуна шахсиятњои адабиёти иттифоќ тањлилу тадќиќ мешуд. Яъне адабиётшиносии ќиёсї низ мушкилоти худро дар зери таъсири љараёни идеологии зургў вазъ карда буд.

Таъсири њамин равиш буд, ки адабиёти сирфан беарзиши замонї аз навсозињои сохтмони сотсиалистї чун намудњои баргузидаи њунар тавсиф шуда, осори бисёр шахсиятњои эљодкор, ки воќеан осорашон арзишњои бадеї ва маънавї дошт, аз назарњо дур мемонд. Ин гуна, чењрањо аз ёдњо рафта ва ё ќурбони дасисањои сиёсии зургўёни ваќт мешуданд.

Чунин муносибатро мо дар тамоми даврањои таърихи адабиёти навини тољик мушоњида мекунем. Дар њама њолатњо арзиши маънавї ва мавќеи фарњангии адабї сарфи назар мешуд. Таъсири њамин гуна афкор буд, ки њанўз њам адабиётшиносї сухани ба арзишманд ва воќеие дар боби шахсияти инсонї ва њайсияти адабии Айнї, Фитрат, Бењбудї ва нафарони дигар нагуфтааст. Албатта дар ин замина ишорае аз љониби донишманди адабиёт Муњаммадљони Шакурї воќеъ шуд (114,106). Вале дар маљмўъ ин мушкилот њал нашудааст. Ба њамин сабаб на њар адабиётшинос тарафњои айниро эътироф мекунад, балки маќоми љараёни љадидия ва намояндагони он Фитрату Бењбудї, ки ба навъе ифодагарони рўњи илмї буданд, низ хамчунон мавриди таваљљўњ амиќ ќарор намегиранд. Њол он ки бисёр шахсиятњои

адабиёти ибтидои аср дар эњёи миллї ва таърихии халќ хидмати арзандае доштанд.

Шахсияти пурѓонљоиши Айнии љадид, Айнии солноманависи «ќадамњои ќатъи сотсиализм», Айнии сирфан миллатдўсту ватанпараст дар маљмўъ мутааллиќ ба таърихи љараёни адабии ин давра аст. Як соњаи фаъолияти њунарии ў – адабиётшиносї низ таљдиди назар мехоњад. Вай шояд аз аввалин ва охирин касоне буд, ки таърихи адабиёти пешинро ба хизмати муосирон кашид. Ифтихороти маънавиро дар пешрафти миллат арзишманд шинохт. Лобалои њама гуна арзишњои сиёсї пайвандњои таърихї ва маънавии халќњои миллатњоро таъкид кард.

Интихоби номњо ва осори бадеї, арзиши онњо аз мушкилоти мављуд ва њалнашудаи таърихи адабиёти навин аст. Њанўз њам шахсиятњои маъмул ва осори онњо дар китобњои дарсї бо фањмиши кўњна зикр ва тафсир мешаванд. Вале муњим он аст, ки дар ин замина њељ кас ба шахсияти сарнавиштсоз будани Айнї шўбња надорад, вале пањлўњои сафеду сиёњи фаъолияти ў бояд аз мавќеи адабиёти асил арзёбї шавад.

Дар солњои фошгўии бозсозї низ мутаассифона консепсияи фањмиши љомеъ ва амиќи адабиёт дар адабиётшиносии мо рўй кор наомад. Шояд таъсири ин њодиса буд, ки имрўз низ адабиёти тољик сањнаи хандахези эљоди асарњои косибона аст. Махсусан, њолати инкишофи наср таассуфовар буда, њувваияти эљодии адибон эњсос намешавад. Дар солњои бозсози тамоюли шинохти њаќиќати њунарї, бешак, зиёд буд. Вале дар ин равиш низ њадшиносї меъёри нигоњи мунаќидону адабиётшиносон набуд. Яъне, Айнї ва осори ў халалнопазир шинохта шуда, Турсунзодаро санг задан раво дониста мешуд. Шахсиятњои дигар сирфан мавриди назар ќарор намегирифтанд. Дар њама њолатњо номњои Садриддин Айнї, Сотим Улуѓзода, Љалоло Икромї, Фотењ Ниёзї пеши назар буданд.

Таасуфангез ин аст, ки дар адабиётшиносї мо чунин консепсияе вуљуд намуда, ки асарњои ба арзиш ва беарзиши бадеиро ташхис дода бошад. Мо љуръат намекунем ба хонанда талќин кунем, ки осори фалон адиб арзиши бадеї ва иљтимої надорад ва баръакс фалон асарњо дорои арзиши бадеї ва

омўхтанист.

Дар асарњои баъзе аз муњаќќиќон таъкиди маќоми дастнорасии ин ё он адиб низ ба гўш мерасад. Чунон ки назари интиќодии Рањими Мусулмониёнро муњити адабї напазириуфт ва аз «шахсияти бенуќси сарояндаи сулњу амонї» њимоя љуст. Умуман то ба имрўз бозгўи дастоварду камбудињои адибони «дастнорас» расм нашудааст. Илова бар ин адабиётшиносон дар гуфтани сухани воќеї дар њаќќи ќаламкашони нисбатан љавон, ки њарфашон бевазн аст, истињола мекунанд, ки ин њама назари хонанда махсусан донишомўзонро тирра медорад.

Ин гуфторро мо барои донишомўзон тањия намуда, кўшиш кардем, ки назари сатњи ва як тарафаро ба осори адабї, аз љумла, эљодиёти ин ё он адиб ба ќадри ќудрат ислоњ кунем. Аз рўи дастурњои адабиётшиносї бояд, ќабл аз њама кам ё беш дастоварди бадеии соњибони каломи бадеъ тафовут дода шавад. Аз њамин мавќеъ дар интихоби номњо низ мо меъёрњои ќаблии адабиётшиносиро то њадде шикастем. Дар ин замина меъёри назар завќи њунарии соњибони каломи бадеъ буд.

| Мавзўи 2 | Адабиёти маорифпарварӣ. Адабиёти давраи муборизаҳои ичтимой-сиёсӣ ва мафкуравӣ (1917-1929). | Маърўза |
|---|---|---|

***Нақша:***

1. *Муҳимтарин заминаҳои инкишофи адабиёт дар нимаи дуюми асри XIX*
2. *Равишҳои адабии ин аҳд; Адабиёти маорифпарварӣ;*
3. *Марҳилаи љадидия; Пайвандҳои адабӣ.*
4. *Инқилоби Феврали соли 1917 ва акси садои он дар кишварҳои Туркистон ва аморати Бухоро.*
5. *Шикасти ғояҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва шакли дигари амалӣ касб кардани он.*
6. *Афзоиши тазйиқҳои мафкуравии ҳизбӣ. Инқилоби Бухоро ва иштироки чадидҳо дар он.*
7. *Оқибатҳои фочианоки ин инқилоб.Ташкилёбии республикаҳои мустақил.*
8. *Равишҳои асосии инкишофи назму насри ин давра ва вакилони он.*

Нимаи дуюми асри XIX дар роњи инкишофи афкори иљтимоӣ ва раванди таърихии ташакулли таърихи адабиёти тољик марњилаи муњим мебошад ва

муњимтарин њодисае, ки дар њаёти фарњангии Осиёи Марказии нимаи дуюми асри XIX воќеъ шуд, зуњури љараёни маорифпарварї аст. Пайдоиши ин љараён њодисаи тасодуфї набуда, балки зуњури он диди аќли назарро ба воќеият, шароити иљтимої ва вазъи њаёти љомеаи аморати Бухоро таѓйир дод.

Табиист, ки њама гуна падида дар фазои холї пайдо намешавад ва барои арзи њастї намудани он ангезае лозим меояд. Аз њамин нуктаи назар метавон гуфт, ки харобињое, ки сулолаи манѓитиён дар иќтисод ва фарњанги кишвар ворид сохта буданд, оќибатњои фољиаангезе ба бор оварда дар зиндагї бори гароне бар дўши мардум гардид. Ва мањз заминањои иљтимої шароити аввалї буд барои пайдоиши ин љараёни маорифпарварї. Зимнан бояд гуфт, ки равия ё худ љараёни маорифпарварї дар адабиёти тољик ќабл аз њама дар заминаи анъанањои худї зуњур ва рушд кард, сонияи инкишофи ин љараён аз таъсири тамаддуни ѓарбї низ бархурдор будааст.

*Дар асоси маводи дастрас мо ба хулосае омадем, ки љараёни маорифпарварї дар нимаи дуюми асри XIX шомили ду равиш будааст. Намояндагони равиши аввал асосан пайгири аќоиди озодандешона дар заминаи адабиёти пешин ва ахлоќи исломї будаанд, ки дар ин роњ фаъолияти Шоњину Њайрт ва Возењро метавон ба ќадр шинохт. Равиши дувуми ин љараён, ки Ањмади Дониш сарвари бебадали он буд, дар тањлили иљтимої ва илмии муњити љомеъ сањми чашмгир дошт. Сарманшаи тозаљўйињои ин равиш њаёти пурвоќиаи замон буд***.**

**Моњияти ин равишро донишманди маъруфи таърихи адабиёт Муњаммадљон Шукуров хеле возењ тавсиф кардааст. Ў менависад, ки «равшангарон нисбат ба муњофизакорони кўњнапараст, нисбат ба ќадамиён худро љадид номиданд ва хостанд љомеъаро нав кунанд, миллатро аз гирдоби њуруфоту таасубот берун оварда, ба шањроњи тараќќии илму фанни замон бароранд, то ки миллат аз фарњанги тозаи асри мо, аз дастовардњои илму маорифи нави даврон бањра бардорад» (113,111-112).**

**...адабиёт комилан мазмуни иљтимої пайдо кард ва адабиёти миллї шуд, на тањњо дар бораи инсон, балки бештар дар бораи миллат сухан меронд, сарнавишти миллатро, имрўзу фардои онро ба андеша гирифт ва агарчи он гоњ дар бораи миллату миллият тасавурот њанўз чандон мушаххас набуд, ба њар њол адабиёт ба ташаккули худшиносии милї мусоидат кард» (М.Шакурї).**

Хусусияти дигари ин љараён иборат аз он буд, ки ѓояњои равшангарої ба шеър ба ваљњи устувории анъанањои адабї камтар ворид мешуд, вале дар наср ба зудиву бонатиља амалї мегардид. Њарчанд њукумати вақт барои рушди њамаљонибаи мактабу маориф ва илму адабиёт имконоти лозимаро муњайё накарда буд, чењрањое арзи вуљуд карданд, ки бо хидматњои адабї дар таърихї адабу фарњанги тољик  зинда монданд.

Ањмади Дониш аз баргузидаи ин таърих ва маорифпарвари бузурги тољик аст, ки сухани воқеиро оид ба таърихи садаи XIX Бухоро гуфтааст. Вай аз шахсиятњое буд, ки барномаи  таълиму  тарбияро  сахт танқид  карда, роњњои наљотро аз ақибмондагии иљтимоиву  сиёсї нишон дода буд. Аз ин љињат навиштањои Ањмади Дониш  сањифаи тоза  дар таърихи адабиёти тољик  мањсуб  мешаванд. Мањз ба кўшиши  Ањмади Дониш ва њаммаслакони ў дар ин  давра  мазмуну  шакли  адабиёт  то њадде  дигар шуд.

Муњаққиқони таърихи адабиёт Ањмади Донишро чун сарвари  насли аввали  маорифпарварони тољик тавсия  кардаанд.  Мањз  бо таъсири фаъолияти насли якуми маорифпарварон  аз оѓози  садаи XX  насли дуюми маорифпарварон  ба  майдон  омаданд, ки Њайрат,  Аљзї, Асирї, Сањбо, Фитрат, Айнї, Мирзо Сирољ ва дигарон ворисони  ин насланд. Аз њамин давра мазмуну шакли  адабиёт комилан дигар шуд. Асарњое таълиф гардид, ки роњу равиши тозаеро дар адабиёт ифтитоњ карданд. Дар ин раванд асари Мирзо Сирољиддини Њаким «Тўњафи ањли Бухоро» (1911), аввалин асарњои Абдуррауфи  Фитрат «Мунозира» (1909), «Баёноти  сайёњи  њиндї» (1912), «Рањбари наљот» (1915), маљмўаи  шеърњои ў «Сайња» (1910), маснавињои Сайид Ањмадхољаи Аљзї «Миръоти ибрат» (1913) ва «Анљумани арвоњ» (1913), маљмўаи ѓазалиёти иљтимоии ў «Ганљинаи њикмат» (1913) ва «Айн-ул-адаб» (1916), ашъори Тошхўљаи Асирї, баъзе нигоштањои Айнї, осори Мањмудхољаи Бењбудї  ва дигарон буданд. Воқеан, дар чунин навишатњо доираи мавзўву масъалањо комилан нав буд. Бори аввал устод Айнї дар «Намунаи адабиёти тољик» ба ин масъала ишора карда, аз љумла навишта буд, ки мавзўи ин гуна осор «ба эътибори умумият ватан, миллат, дин, илм ва маориф буда, ташвиқ ба муқобили њукумати мустабида зимнан, њуљум ба

уламо сароҳан аз мавзўҳои муҳимми ин давра ба шумор мерафт» (1,529).

Ана дар ҳамин равиш адабиёти равшангарии тоҷик, ки адабиёти ҷадида низ як шохаи он аст, зуҳур кард ва инкишоф ёфт. Мутаасифона, солиёни дароз адабиёти ҷадида ҳамчун зуҳуроти манфӣ дар таърихи адабиёт зикр мешуд. Дар асл ҷараёни ҷадида дар таърихи адабӣ тоҷик маќоми мусбат дошта, дар замонааш рисолати бузурги иҷтимоиро бар дўш дошта будааст.

Воќеан ҳам ҷадидон мехостанд миллатро аз чанги вомондагӣ раҳо бахшанд. Бинобар ин ҳам таъкид мекарданд, ки «аввалин наҷотдиҳандаи мо илм аст». Дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX назм инкишофи зоҳирӣ дошт. Кўшиши амирони манѓит дар роҳи ҷалби аҳли адаб ба дарбор чандон натиҷанок набуд. Бо вуҷуди он ки Бухоро маркази ҷомеъи фарҳангӣ ба назар меомад, рушди неруҳои адабӣ ба ҳоли худ буд. Муҳаќќиќон ду равия, яъне адабиёти дарборӣ ва берун аз дарбор – ба истилоҳ мухолифро дар адабиёти ин давр зикр кардаанд, ки ба назари мо чандон муҳим наменамояд.

Умуман адабиёти ин давраро вобаста ба пешрафти ҷамъият бояд баррасӣ кард. Танҳо ба ҳамин васила арзиши аслии осори адибон муайян хоҳад шуд. Яъне арзиши аслии осори маддоҳона ва адлҷўёна танҳо дар ќиёс равшан мешавад. Муќоиса нишон медиҳад, ки шеър дар ин давра чандон рушд надоштааст. Ҳатто дар эҷодиёти Шоҳин барин шоири тавонои ин аҳд мо таҷаддудхоҳиро намебинем, ҷустуҷўҳои озодихоҳона ва равшангароёнаи ў аз заминаи суннатҳои мавҷудаи адабиёти пешин берун намеравад. Аммо таѓйироти чашмраси адабиёти ин давр дар бештарин ҳол ва рушди наср вобастааст. Дар ҳамин замина насри ин давраро як навъ давраи бедорӣ ва худшиносии он низ метавон таъбир кард. Ин адабиёт танҳо дар ҳамин замина ҳамвора бо вазъи пурошўби замона муќовимат карда, бешак дорои хусусиятҳои тоза гардид.

Чунон ки таъкид шуд, агар дар давраҳои пешин асосан шеър бештар инкишоф ёфта бошад, дар ин аҳд наср маќом ва манзалати хос пайдо кард. Дар рушди беҳтарин фазилатҳои адабиёти ин давр хизмати мутафаккирони бузург Аҳмад махдуми Дониш зиёд аст. Аҳмади Дониш бо таъифи як силсила осор адабиётро аз худхоҳӣ берун овард, рўи онро ҷониби ҷомеа гардонид.

Махсусан, асарҳои ӯ «Рисола ё таърихи мухтасари сулолаи манғития» ва «Наводир-ул-ваќоеъ» дар ин раванд бесобиќа буданд. Аз намояндагони пешќадами адабиёти ин аҳд Шамсиддин Шоҳин, Абдулќодирхоҷаи Савдо, Музтариб, Исо Махдум, Дилкаш, Писандии Самарќандї ва ғайраро метавон зикр кард. Як шохаи тозаи адабиёти маорифпарварї – адабиёти ҷадида маҳз дар ҳамин замина зуҳур ва рушд кард. Мутаассифона, дар адабиётшиносии мо кам касоне ин ҳаракатро саҳеҳ арзёбї кардаанд. Ҳатто баъди бозсозию ошкорбаёнї низ афкори муҳити адабї нисбат ба ин равия ва намояндагони он бетағйир монд. Ҳатто мо фаҳмиши ғалатро доир ба ҷадидия дар муќаддимае, ки дар китоби Мирзо Сироҷи Ҳаким «Тӯҳафи аҳли Бухоро» омадааст низ мебинем. Муаллиф барғалат миёни маорифпарварї ва ҷадида мухолифат мебинад ва таъкид мекунад, ки «аммо баръакси ҷунбиши ҷадидизм, ки бо ғояҳои исломпарастї ва туркпарастї пайваста буда, дар байни синфҳои истисморкунандаи мамолики Шарќ интишор ёфта буд, ҳаракати маорифпарварї чун дар замони фаъолияти Аҳмади Дониш беҳтарин хусусиятҳои худро нигоҳ медошт: кӯшиши хидмат кардан ба мардум, танќиду мазаммати аморат, таваҷҷӯҳ ба Россия ва кишварҳои пешќадами Аврупои Ғарбї» (47,4). Ин тафсир билкул ғалат аст, зеро моҳияти равияи ҷадида чунин набуд. Ҷадидон барномаи комили навсозии маорифпарваронаи ҷомеаро ба миён гузошта буданд. Дар нигоҳи ин гурӯҳ бозҷусти роҳи фардо бо танќиди сохти воќеияти замонї ҳамроҳ мерафт. Интиќоду ифшогарї аз хусусиятҳои аслии адабиёти ин равия буд. Ормонҳои олии маорифпарварии навхоҳон дар асарҳои Фитрат, Аҷзї, Беҳбудї барин намояндагони ин равия равшан ба назар мерасад. Дар ваќташ Фитрат каҷфаҳмиҳоро дар шинохти мароми ҷадидон хеле равшан тафсир карда буд, ки имрӯз низ арзиш дорад. Ӯ сабаби ихтилофоти ҷадиду ќадимро шарҳ дода таъкид карда буд, ки «миллати наҷибаи Бухороро пӯшида нахоҳад буд, ки муддатест ихтилофи ҷадид ва ќадим, ки мабдаъаш ба ҷуз иштибоҳкорї ва фасодати баъзе хоинони миллат чизи дигаре нест, Ватани муќаддаси моро фаро гирифта, ҷамоъаи муттаҳидаи аҳолиро ба унвони ҷадид ва ќадим -ду фирќа ва ҳар кадомро нохушнудони дигар намуд.

Бадеҳист, ки сабаби умдаи хорӣ ва харобии мусулмонон нест магар ҳамин ихтилофоти маъно! Бинобар он ҳар ки худро ходими дини мубини ислом медонад, мекӯшад то ин ихтилофи хонабарандозро аз миёни мо Бухориён бардоранд» (101,7).

Мутаассифона, назари нодуруст нисбат ба моҳияти ин равия то имрӯз идома дорад. Дар асл бо навиштаҳои маорифпарварон афкори иҷтимоӣ қадаме бузург гузошта ва шуури шинохти зебоӣ хеле тағйир ёфта бошад, бо зуҳури ҷадидия ва афкори ҷадидон мафҳумҳои «Ватан», «Миллат», «Ислом» ва «Ватандорӣ» маънои тозаи иҷтимоӣ касб карда, асли адабиёт қарор ёфт.

Дар ин замина, воқеан ҳам:

«Дар бораи миллату миллият» тасаввуроти «ҳанӯз чандон мушаххас» надоштаи ҷадидон аз барномаи воқеии онҳо сарманша мегирад. Ислом рукни идеологии ҷадидон буд. Танҳо дар заминаи ахлоқ ва афкори исломӣ, на ҳуруфот онҳо барномаи амалашонро мураттаб сохта буданд.

Маълум аст, ки ислом ба ҳамаи ақвоми муслим қадр ва манзалати мусовирро қоил аст. Ана дар ҳамин заминаи муҳим ҳуввияти кулли муслимин буд, ки «миллати Бухоро» ҷузъе аз он аст. Намояндагони адабиёти ҷадида ҳамин ақоиди бунёдиро маҳаки амали хеш шинохта, дар ин замина Туркияро чун «паногоҳи афкору ормонҳои хеш» мешинохтанд. Аз ҳамин манша муносибати ҷадидия ва пантуркизмро муҳаққиқон матраҳ кардаанд, ки дар баъзе мавридҳо воқеан хилофкориҳое доштааст.

И.С.Брагинский менависад, ки «дар асл ҷадидияи Осиёи Миёна нисбат ба маорифпарварӣ қадаме ба пас буд» (19, 441). Ин хулоса низ ба сабаби таҳқими мафкураи ғалат нисбат ба ин равия ба миён омадааст. Дар асл ҳақ ба ҷониби Муҳаммадҷони Шакурист, ки дигаргуниҳоеро, ки дар оғози садаи гузашта пеш, аз инқилоби 1917 дар адабиёти форсии тоҷикӣ рӯй доданд, дигаргуниҳои кулли шинохта, даври рушди адабиётро ба он вобаста медонанд.

Воқеан ҳам танҳо аз навиштаҳои барномавии Абдурраufи Фитрат «Раҳбари наҷот» ва «Оила» пайхас кардан мумкин аст, ки ҷадидон сарфи назар аз ихтилофҳои ғоявӣ, ҳадафҳои волои маърифатӣ ва ватанхоҳӣ

доштаанд ва адабиёти таљаддудхоњи љадидия низ њамин гуна маќсаду маромро ифода мекард. Муњимтарин њадафи ин адабиёт таблиѓи худшиносии миллї, халќпарварї ва ватандўстї буд.

Бо таъсиси аввалин рўзномањову бунёди чопхонањо вазъи интишори афкори љадидия дар кишвар рў ба афзоиш буд. Танњо дар давоми солњои 1906-1917 беш аз 10 номгўи рўзномаву маљаллот арзи вуљуд кард. Аз рўзномаи «Ўрта Осиёнинг умр гузорлигї» сар карда, ба баъд нашриятњои зер ба чоп мерасид, ки муњимтарини онњо – «Тараќќї» (нахустин рўзномаи хоси љадидон), «Хуршед», «Шўњрат», «Осиё», «Бухорои Шариф», «Тўрон», «Самарќанд», «Оина», «Садои Фарѓона», «Садои Туркистон», «Шарќї» мебошанд. Бояд гуфт, ки аксари ин нашриятњо аз забонњои ўзбекї ва туркї љо мешуданд. Дар ин миён танњо рўзномаи «Бухорои шариф» махсус ба забонњои тољикї ва ўзбекї нашр мешуд. Муњаќќиќон сарчашмаи ѓоявии љадидия ва адабиёти онро ба се манбаъ таъин кардаанд: Нахуст манбаи он аќоиди љадидони тоторї Поволже будааст; манбаи дигарпанисломизим ва пантуркизми Шарќ, хосса Туркия; сеюм, манбаи равияи маорифпарварии нимаи дуюми асри XIX Бухорост.

Њангоме ки дар бораи адабиёти љадида сухан меронем, мо бояд маводи дар рўзномањову маљаллањои ин давр чоп шуда, њамчунин васоити таълимии барои мактабњои нав таълифшуда ва муњимтар аз инњо адабиёти бадеиро ташхис дода тавонем.

Чунонки ишора шуд љадидон барномаи мушаххасиислоњоти иќтисодї, сиёсї ва маънавиро пайгирї мекраданд. Дар ин замина онњо таќозои љиддиро дар таѓйири таълиму тадрис дар макотиб ва мадорис доштанд. Онњо мехостанд дасти тањрир ба сиёсати ваќт, усули идораи амирї ворид созанд, бунёди иќтисод ва тиљорати рў ба инкишоф, бењдошти шароити зиндагї мардум аз наќшањои айнулваќти эшон буд. Рушди тиљорат, бунёди корхонањои бузурги саноеъ аз муњимтарин њадафњои ин равия буд. Ормонњои идеологии онон исломи рошидї буда, њама гуна њуруфотро мањкум мекарданд. Ин армонњо дар осори намояндагони адабиёти ин давра инъикос мешуд.

Боиси таассуф аст, ки тамоми фаъолияти адибони љадид дар тахърихи адабиёти мо то ба имрўз алоќаманд бо «идеологияи зиёновари љадидия» мањкум шудаанд. Дар асл њаќиќати њол чунин набуд. Дар уфуќи аморати Бухоро ќабл аз инќилоб љадидон вопасин пайки умеди мардум дар роњи рушди маънавию иљтимої буданд. Љадидон мехостанд исломи рошидиро ба сањнаи сиёсат оваранд, ки он њуввияти фард, ватан, дин ва миллатро воло медонист. Онњо исломи расмиро, ки њукумати ваќт ба воситаи он ѓаразњои хешро пиёда месохт, сахт танќид мекарданд ва таъкид менамуданд, ки ин усули пайравї аз ислом оммаи халќро дар торикї, нодої ва танги иќтисодї нигоњ дошта, дари рушду камолро ба мардум мебананд.

Њадафњои ѓоявии адабиёти ин равия низ дар њамин замина шарњ ёфтааст, ки муњимтаринаш озодии шахсият, рафоњияти рўњ, бењдошти мактабу маориф, шароити зиндагии љомеъа, озодии занон ва ѓайра будааст.

Муњаќќиќон Садри Зиё, домулло Икром, Садриддин Айнї, Мирзо Сирољи Њаким, Абдурраufи Фитрат, Мањмудхољаи Бехбудї, Њабибулло- њи Авњадї, Њайрат, Мунзим, Њамдї ва дигаронро намояндагони саршиноси адабиёти љадидия шинохтаанд, ки њар кадоми онон дар ин замина хизмате доштаанд.

Осори адабиёти љадиди бешак як сањифаи пурмўњтавои таърихи адабиёти навини тољик аст. Ин адабиёт аввалин идомбахши бењини майлонњои адабиёти њазорсолаи мо, минљумла адабиёти маорифпарварї буда, њамчунин аз лињози ѓояву бадеият аз адабиёти дањањои баъди инќилоб, хоса солњои бист волотар аст. Илова ба ин адабиёти љадидия ифодагари мафкураи судманди табаќаи пешќадами љомеъаи ибтидои садаи бист аст, ки њадафњои пурарзиши ватанхоњї доштанд ва озодии ватану миллатро муњимтарин рисолати хеш медонистанд. Гузашта аз ин, таърихи дину миллат барои адибони љадид арзиши бузург дошта, ба назари онон ин ба суннатњои неки ахлоќиву фарњангии гузаштагон роњи мустаќиме буд, ки љомеаро аз ќасодии ахлоќиву маънавї мерањонад.

Дар ин замина онон ба воќеият аз равзанаи адабиёт нигариста, камбудињои муњити ахлоќї ва маънавии љомеаро ошкор менамуданд ва

муосиронро ба ислоњи он во медоштанд. Зимнан бояд гуфт, ки ин адабиёти билкул воќеанавис набуд, балки арзиши хоси бадеї низ дошт. Њарфи намояндагони он шираи адабиёти њазорсоларо дошт, суханашон вазну тамкини хосе доро буд, њусне дошт, яъне аз бадеият орї набуд. Дар ин замина ба тамаддунњои дигар эњтироми хосро ќоил буданд. Бар фарњанг ва адабиёти Аврупо арљ додани онњо низ далели пешрав будани ин љараён аст.

Адабиёти дарсии љадидия низ мањз дар хамин замина таълиф гардида буд, ки билкул хусусияти маърифатї ва равшангарої дошт. Дар ин замина аз «Гулдастаи адабиёт»–и Шакурї, «Устод»–и Абдулмаљидзода, «Рањбари наљот» –и И. Рањматуллоев ва ѓайра метавон ном бурд. Ин асарњо илова ба моњияти тарбиявї арзиши бадеї низ доштанд.

Барои бисёре аз намояндагони ин равия њадафњои фарњангї нисбат ба ормонњои сиёсї арзиши бештаре дошт. Мањз бо шинохти ин мушкилот онњо ба таълиму тадрис ва маърифатнок кардани мардум бештар таваљљўњ мекрданд. Баъди инќилоб мањз њамин тамоюл равнаќи тоза касб кард.

Додгоњи танќидї ва воќеият баъди инќилоб намояндагони адабиёти љадидиро ба иќдомњои љиддитар во дошт. Махсусан, равияи танќидии ин адабиётро баъзе намояндагони он ба хизмати вақт кашиданд. Худи инќилоб ба инкишофи ин равия имконият фароњам овард, «дидигоњи тозае эљод кард» (114). Вале танќид низ њадафи сиёсї дошт, на истилоњотхоњї. Гузашта аз ин нишонаи асосии танќид буд. Замони гузашта ва бозмондањои он мавриди накўњиш ќарор мегирифт. Мањз дар њамин равия дидгоњи воќеъашиносие тарњ ёфт, ки минбаъд боиси коњиш ёфтани принсипњои асилї адабиёт гардид ва адабиёти асилро аз маљрои воќеии инкишоф берун бурд, арзишњои ѓоявию бадеии онро коњиш дод.

Аз баррасии иљмоли ин мавзўъ хулосаи дигаре бармеояд: оњангњои таблиѓии адабиёти маорифпарварии оѓози сада, ки бунёди он бар ватандўстї, миллатпарварї буд, пас аз соли њабдањ идома ёфт ва мазмунан дигар шуд. Муњимтарин њадафњои ин равия даъват ба мактабу маорифи шўравї, фаъолиятмандии иљтимої, озоди занон, мубориза барои бунёди љомеъаи бесинфу табаќа шинохта шуда буд. Назар ба пайбурди донишманди адабиёт

Муњаммадљони Шакурї «оњанги маорифпарваронаи тарѓибу ташвиќи адабї дар замони шўравї зуд аз байн рафта, љои худро ба таблиѓи сиёсї, ба таблиѓи урёни инќилобї дод, бо тарѓиби љанглљўёнаи табаќотї, зидди дин, зидди анъанањо ва урфу одати миллї бо тарѓибе, ки моњиятан зидди шахсият ва миллат равона гардида буд, иваз шуд» (113,113). Бисёре аз намояндагони адабиёти љадидия дар ин гирдоб ѓўтавар шуда, њадафњои аслии ѓоявию бадеии хешро фурў гузоштанд, ки баъдтар ин муросокорї гурўње аз онњоро аз доругири солњои Истолинї наљот набахшид.

Зимнан чанд мушоњидаи дигарро оид ба адабиёти ин давр, даврабандии он ва тааллуќоти ин ё он ба ин даврањо бояд зикр кунем.

Чунон ки гуфтем, ки бар хилофи пиндошти Айнї мо сари адабиёти навини тољикро нимаи дуюми асри XIX шинохтем ва дар ин росто чанд далелро пеш гузоштем. Воќеан њам агар ба моњияти воќеањои адабї тавалљўњ кунем мебинем, ки адабиёт асри XX бо Ањмади Дониш ва пайравони вай дар охири садаи XIX зуњур кард. Чењраи Ањмади Дониш табдилнашаванда аст. Вай бо тафаккур ва иќдомоти адбию ислоњотхоњияш дар саргањи таљаддудхоњињои асри баъд меистад. Махсусан, хидмати ў дар рољи эљёи насри комилан нав ба ќадр аст. Роње, ки ў падид овард, пайравон пайдо кард, ки минбаъд боиси эњёи равишњои тоза ва судманди адабї гардид. Гузоришоти ў дар «Наводир-ул-ваќоеъ» диди сарењи бадеї ва љомеашиносии ўро собит мекунад. Њам дар шеър ва њам дар наср ў љонибдор ва тањкимбахши майлњои тозакориву таљаддудхоњї буд.

Муњим он аст, ки таљрибаи Ањмади Дониш барои равиянњои баъдии адабиёт, хоса адабиёти љадидия натиљанок омад. Њатто ин таљрибаро яке аз чењрањои саршиноси адабиёти шўравии тољик Садриддин Айнї амалан дар эљодиёташ корбаст намуд. Ба ин тариќ сарњади адабиёти нав тољикро мо аз назари принсипи идеологї таъин карда будем, ки ба воќеият рост намеояд. Вале имрўз равшан гардид, ки адабиёти бадеї ва сарњади онро аз рўи меъёрњои идеологї ва њатто сиёсї наметавон муайян кард. Вале ин омилњоро инкор кардан њам намешавад. Бо таъсири методологияи сиёсї (на илмї) адабиёти як халќ, як муњит бо шохањо таќсим карда мешуд, моњияти ин адабиёт дар

ягонагӣ таҳқиқ намешуд: ташхиси адабиёти дарборӣ ва опозитсионӣ дар таърихи навини адабиёти тоҷик аз чунин тамоюлҳои номатлуб аст. Инқилоб адабиётро танҳо аз мавқеи сиёсӣ тақсимбандӣ кард. Амалан пайвандҳои адабии форсизабон, ки як адабиёт ва фарҳангӣ ҷомеъаро пайгир буданд, гусаста шуд. Ҷудоии бузург солҳои баъди инқилоб рух дод. Дар дохил табақабандӣ ва тафриқаандози идеологӣ бо суръат оғоз гардид, ки оқибатҳои он барои халқи тоҷик фоҷиабор омад. Дар адабиёт ононе имтиёз доштанд, ки воқеан «адиби пролетарӣ» шинохта шуда буданд. Дар шинохти эшон арзишҳои ҳунариро тамоюли идеологӣ иваз мекард. Завқи ҳунарӣ низ чандон коршоям набуд. Ин равия заминае гузошт барои равнақи адабиёти косибона ва беҳунарона ва низ имкони дигареро фароҳам овард, ки бисёр шахсиятҳои тавонои адабиёти ҷадидия ҷисман ва ё маънан «безарар» карда шаванд. Амалан аз он солҳо ба баъд адабиёти мамнӯъ ва эътирофшуда рӯи кор омад. Номи адибони осорашон мамнӯъ буда, дар таърихҳо чун далели «раҳгуми идеологӣ» зикр мешуд. Мутаассифона, идеологияи расмӣ ба «адабиёти пролетарӣ»-е арҷ медод, ки танҳо аз ҷиҳати идеологӣ хизмати замонро иҷро мекард. Дар асл ин адабиёт арзиши ғоявӣ ва ҳунарӣ надошт.

Ҳамин тариқ, аз нахустин солҳои Инқилоб сар карда, адабиёт тадриҷан давраи гузаришро ҳам аз лиҳози шакл, ҳам мазмуну мундариҷа аз сар гузаронд. Ин адабиёт акнун ба адабиёти солҳои қабл аз инқилоб ҳамвазн набуд. Шеър мавқеъ ва мақоми аввалаашро аз даст дод. Вай номаи рӯз гардид. Наср мавқеи бештаре пайдо кард.

Дар шаклҳои шеърӣ тағйироти ҷиддие ба вуҷуд омад. Суннатшикани ба хотири фарогирии мавзӯи рӯз бо суръат идома пайдо кард. Устувории қофия ва вазни шеър зина-зина аз байн рафт. Адабиёти нав ритми замонаи навро тақлид мекард ва асарҳои ҳамвазни «иншоотҳои бузурги аср» ба майдон меомаданд.

Аз ибтидои солҳои бист асолати ҳунарӣ дар адабиёт муҳим шинохта намешуд. Камбағалии маънавӣ аз ҳамин солҳо шурӯъ гардид ва то солҳои панҷоҳ бо суръат идома ёфт. Аз шоирони тавонои тоҷик Пайрав дар ин равиш зарбаҳои сахте дида, худ ҳунарашро қурбони принсипҳои соддаи

адабиёт карда, нињоят худро низ дар ин рољ бохт.

Як њодисаи басо таассуфовар дар адабиёти ин давраи тољик он аст, ки дар асрњои ќаблї, њатто асри XIX шоирону нависандагони косибию бењунар ба дараљае, ки дар адабиёти замони шўравї пайдо шуданд, набуданд. Њатто агар он эроди Љомиро ба шеъри замонааш љиддан муќоиса кунем, дар меёбем, ки он шоирон маъзулшинохтаи Љомї аз лињозї завќи њунарї аз бисёре аз ањли ќалами саршиноси солњои бист ва баъд маќоми волотаре доштанд.

Пас аз Инќилоб дар адабиёти тољик усули реалистии тасвирро пайгир шуд ва аз лињози жанру услуб низ дигаргунињои љиддї ва мусбиву манфї рух дод. Наср аз назм пешсафтар гардида, махсусан достонњои кўчак, румон ва достонњои миёна равнаќ пайдо карданд. Пайдоиши дром ба зуњури театри миллї мусоидат кард.

Пас аз Инќилоб дар адабиёти тољик усули реалистии тасвирро пайгир шуд ва аз лињози жанру услуб низ дигаргунињои љиддї ва мусбиву манфї рух дод. Наср аз назм пешсафтар гардида, махсусан достонњои кўчак, румон ва достонњои миёна равнаќ пайдо карданд. Пайдоиши дром ба зуњури театри миллї мусоидат кард.

Аз солњои баъди инќилоб дигаргунињои шакливу маънавї дар назм ба вуљуд омад. Дар раванди дигаргунињо адабиёти рус бештар таъсири худро гузошт ва ин таъсир шакли таќлидро ба худ гирифт, ки натиљањои мусбї њам дошт. Фурў гузоштани шаклњои адабиёти худї ва њамзамон рў овардан ба жанру равияњои эљодии адабиёти рус натиљаи ин таќлиду пайравињо буд. Ба мушоњидаи Муњаммадљони Шакурї «адабиёти русї њар лањза ба адабиёти тољикї наќше мегузошт. Ин наќшњо гоњ хосияти мусбат доштанд, гоњ хосияти манфї, гоњ ба адабиёти тољикї рангњои наву љолиб меоварданд, гоњ онро аз вожагињои миллиаш мањрум месохтанд. Бешак, риволљи роману повест ё њикоянњои реалистї, шаклњои нави достони манзум ё ќофиябандињои тоза, пайдоиши навъњои мухталифи намоишнома – дром, фољиа, мазњака ва бисёр навпардозињои дигар, ки дар адабиёти тољикї пайваста сурат мегирифтанд, њамаро рўёдоди муњиме ба шумор бояд овард. Мо дар ин рољ аз адабиёти руси намуна мегирифтем ва аксаран нависандагони рус моро дар

роњњои нав ва бозљуст мебурданд. Ин роњњо ноњамвор буданд, каљу килеби зиёд доштанд ва баъзан мо бьа сўи кўчањои бумбаст рањнамунї медидем. Дар чунин мавридњо на адабиёти русї, ки яке аз адабиётњои бузургї љањон аст, балки баъзе нависандагон дурусттар он ки режими шўравии томравоию истеъморї, идеологияи њизбї гунањкор буд» (113,113).

Боиси таасуф аст, ки адабиёти навини тољикї аз рўзњои аввали баъди Инќилоб роњи серењи инкишофро аз даст дод. Методи реализми сотсиалистї, ки ба гардани ин адабиёт бор шуд, бисёр нависандагонро аз роњи мустаќими инкишофи эљодї берун бурд. Њатто дастовардњои ин адабиёти ќадим дар роњи шинохти воќеият ва дарки фалсафии њаёт зери пардаи иштибоњоти сотсиализми вулгар монд. Чунон ки равшан аст адабиёти садаи XIX бо насри Ањмади Дониш дар оѓози асри нав бо осори Абдуррауфи Фитрат усули тозаи воќеигароиро пеш гирифта буд ва ин маљроро реализми маорифпарварї шинохтаанд. Сиёсати зўровар адабиёти тољикро на фаќат ба роњи барѓалати дарки воќеият њидоят кард, балки аз бозљўстњои ќаблии маънавият низ мањрум сохт.

**Савол ва супоришот:**

1. *Вазъи адабу фарҳанги тољик дар нимаи дуюми қарни XIX.*
2. *Таблиғи ғояҳои худшиносии миллӣ, халқпарварӣ ва ватандӯстӣ аз љониби намояндагони ин љараён.*
3. *Услуби бедилӣ ва муносибати намояндагони равияҳои адабии ин аҳд ба он.*
4. *Мавқеи зиёиёни Кафкоз дар интишори ақоиди љадидия дар Осиёи Марказӣ.*
5. *Мавқеи матбуоти ин давра дар таблиғи ғояҳои љадидӣ.*
6. *Намояндагони ин адабиёт: Садри Зиё, домулло Икром, Садриддин Айнӣ, Сацдакмадхочаи Васлӣ, Сиддиқии Аљзӣ, Тошхољаи Асирӣ, Мирзо Сирољи Ҳаким, Абдурауф Фитрат, Маҳмудхољаи Беҳбудӣ, Хабибуллоҳи Авҳадӣ, Ҳайрат, Мунзим, Ҳамдӣ ва дигарон.*
7. *Арзиши осори адабии давраи љадидия.*

Мавзӯи 3 | Даврони инкишофи суннатҳо ва мерос | Маърӯза

***Нақша:***

1. *Адабиёти давраи муборизаҳои ичтимой-сиёсӣ ва мафкуравӣ*
2. *Инқилоби Феврали соли 1917 ва акси садои он дар кишварҳои Туркистон ва аморати Бухоро.*
3. *Шакли амалӣ гирифтани муборизаҳои истиқлолиятхоҳӣ дар адабиёти бадеї.*
4. *Шиддатёбии зиддиятҳои қадимиёну чадидҳо.*
5. *Адабиёти навини тоҷик ва оѓози ташаккули он.*
6. *Марҳилаи инкори суннат ва мерос дар адабиёти тоҷик.*

*Моҳияти асосии адабиёти марҳилаи мавриди назар.*

Сиёсати саффок ва террорписанди ҳукумати Россияи подшоҳї бо маќсади пиёда сохтани ҳадафҳои геополитикї дар Осиёи Марказї мехост аморати Бухороро ба воситаи худаш аз байн барад. Бо ин маќсад шароити сиёсиро омода сохт. Баъди нокомии инќилоби аввали рус бедории равшанфикрони Бухоро барои ин кор шароити мусоидеро фароҳам овард. Наќшаи зидди равшанфикрони Бухоро дар зинаи аввал тартиб ёфт. Сонї, амир кори худро бо аксари онҳо тамом кард. Арафаи Инќилоби болшевики шароити мусоидеро барои ин амал муҳайё сохт. Амир дастгирони ѓоявиашро аз даст дод ва нерўи низомиаш низ коршоям набуд. Ин ҳама боиси фурупошии аморат ва минбаъд таҳкими ҳукумати болшевикии рус дар Осиёи Марказї гардид.

Ҳукумати нав заминаи мусоиди идеологиеро дар кишвари мусулмонї фароҳам овард. Бо барангехтани як низоъи фарогири идеологї миёни уламои ислом ва рўшанфикрони Бухорои ҷанги сард ва худфурўширо вусъат бахшид. Аз майдони ин муборизаи шадид якта-нимта зинда мондаҳоро ҷудо кард, ба онҳо «хилъат» пўшонд ва заминаеро барои «фарҳанги нави миллї», ки идеологї болшевикиро пазиро бошад, омода сохт.

Нахустин вассофони сустниҳоди Инқилоб муаллифони китобу рисолаҳои тараннумӣ гардиданд. Ана ҳамин замонаро аксар адабиётшиносон замони тавлиди адабиёти шӯравии тоҷик шинохтаанд. Ин адабиёт дар оғоз рисолати вассофиро бар ӯҳда дошт. Удабо асосан ба васфи Инқилоб ва дастовардҳои он машғул буданд. Дар ин замина рӯҳия ва маслаки сарфи назар кардан аз гузашта тадриҷан боло мерафт, ки минбаъд ба авҷ гирифтан ва реша рондани нигилизми миллӣ боис шуд. Дар ҳамин шароит аввалин гурӯҳҳо ва ҷамъиятҳои адабӣ ба вуҷуд омад.

Дар аксари адабиётҳои илмӣ ибтидои солҳо бистро бо сабаби набудани матбуоти тоҷикӣ давраи холигии адабиёт гуфтаанд. Албатта чунин баҳо натиҷаи ноогоҳӣ аз вазъият буд. Ягона касе, ки ҳаддалимкон ба омӯзиши ҳуҷҷатҳои адабии ин давра машғул шуда буд, донишманди фақид Холиқ Мирзозода мебошад. Ин марди огоҳ соли 1965 бо номи «Муносибати партия ба адабиёт ва тарбияи кадрҳои адабӣ» мақоле чоп кард, ки дар он оид ба ҷамъиятҳо ва қувваҳои нахустин адабӣ сухан меравад. Муаллиф аз будани қувваҳое хабар медиҳад, ки барои ба вуҷуд овардани ташкилоти адабии тоҷикӣ саъй доштаанд. Дар натиҷаи кӯшиши чунин гурӯҳҳо нахустин ташкилоти адабӣ соли 1922 дар Самарқанд бо номи «Ҷамъияти шоирон» таъсис шуда будааст, ки муассиси он Абулқайюми Қурбии Самарқандӣ ва роҳбаронаш Васливу Тамҳид буданд. Назар ба маълумоти Х.Мизозода соли 1925 низ дар Самарқанд аввал «Ҷамъияти муҳаррирон» ва баъд (соли 1930) сексияи тоҷикии ташкилоти адабии нависандагони тоҷикзабони Ӯзбекистон бо номи «Қалами сурх» амал мекарданд.

«Қалами сурх» бештар ҷамъияти сиёсӣ буд ва маҳз дар заминаи ҳамин ташкилот «соли 1930 (7 феврал) сексияи нависандагони шӯроии тоҷик» таъсис шуд. Соли 1931 бошад ба ҷои ин сексия (ассотсеатсия)-и нависандагони пролетарии Тоҷикистон ташкил шуд ва соли 1932 ин ҷамъият барҳам дода шуда, дар заминаи он Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон таъсис гардид.

Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон нависандагони пролетариро ҷамъ

карда ба аъзогии худ ќабул мекард ва бо ин адабиёти пролетариро тараќќї медод, барномаи амалашро дар асоси нишондодњои партия ва роњбари он Сталин тартиб медоду амалї месохт. Дар њамин давраи мураккаб тозакунии сафи аъзоёни Иттифоќи нависандагон шурўъ шуд, ки дар ин маърака гурўњњои «Содиќ њар ќадар тавонистан, муќобили «њамсафарон» - онњое, ки ба идеалњои сотсиализм садоќати комил надоштанд, мубориза карданд. Дар ин таошњои синфї дањњо тан адибони тољик зарарњо дида, ќисме аз онњо дар зиндонњои сталинї нобуд шудаанд. Аз шоирони баркамоли тољик Пайрав Сулаймонї низ дар ин муборизањо зиёни бисёр кашидааст».

Ин давра замони оѓози адабиёти Шўравии тољик аст. Бинобар ин њам њар чизе ки дар адабиёт ба вуљуд омад, зери таъсири сиёсати давлати нав ва сиёсати барои муњити маънавии халќњои Осиёи Марказї комилан нав шакл мегирифт. Табиест, ки адабиёт, аз љумла, назм низ зери таъсири идеологияи расмї шакл мегирифт ва назми дар ин давра ба вуљуд омада, аз љињати шакл бо шеъри гузашта наздикї дошта бошад њам, аз љињати мазмуну мундариља чизи тамоман нав буд. Ба ин маънї, муњаќќиќон санаи даќиќи тавлиди шеъри советии тољикро соли 1918 мелодї донистаанд. Дар ин давра Айнї, Мунзим, Њамдї, Розї, Зењнї, Њилмї барин шоирон бо шеърњои тараннумии инќилобї баромад карда, аввалин ќадамњои инќилоб ва њокимияти навро таљассум кардаанд.

Дар солњои аввали ташкили давлати нав барои ањли ќалами тољик вазъияти ногуворе фароњам омад. Солњои 1922-1924 амалан матбуоти тољик вуљуд надошт. Ба њамин сабаб аз рўзи баста шудани маљаллаи «Шўълаи инќилоб» (моњи декабри соли 1921) то нашри рўзномаи «Овози тољик» (25 августи соли 1924) ягон шеъри тољикї чоп нашудааст.

Дар саргањи адабиёти нави тољикї Садриддин Айнї меистод. Аввалин шеъри ба истилоњ нави тољикиро низ ў гуфтааст. Ин шеър «Суруди озодї» ё худ «Марши њурурият» ном дошт ва соли 1919 дар шумораи 23 маљаллаи «Шўълаи инќилоб» ба чоп расид. Ин шеър ба маънои томаш нахустин шеъри иљтимоии тољикї буд, ки мардумро ба ќиёми синфї даъват мекард. Айнї шояд

аз аввалин шахсиятњои адабї буд, ки маќсаду сиёсати давлати навро нисбат ва Осиёи Марказї амиќ дарк кард. Айнї роњи дигар њам надошт, љуз хизмат ба инќилоб ва сиёсати русњо. Чунки мањз аксарони инќилобии рус баъди 75 дарра хўрданаш наљотбахши ў шуданд ва зери ниќоби «табааи Россия» ба Самарќанд паноњ бурда зинда монд. Бо он њама њаводисе, ки Айнї аз сар гузаронида буд, бо таасуроти тира ва дањшатборе, ки аз сохти мустабиди аморати Бухоро дошт, наметавонист овозашро бар зидди «бедоду ситам» баланд накунад. Оњанги эътироз ва нафрати Айнї зидди њукумати Амирї дар шеъри дигар ў, ки баъди аз тарафи љаллодони амир ќатл гардидани бародараш Сирољиддин гуфтааст, ќавитар садо медињад. Ин шеър моњи августи соли 1918 навишта шудааст. Ин фаќат марсияи оддї набуда, балки сурурди нафрат, дуои аламгири Айнии шоир нисбат ба онњое буд, ки «хонаи бедоду ситам» сохта, сабабгори бадбахтии њазорон бевафою бечора гашта буданд.



Дар шеърњое, ки Айнї солњои бист чоп кард, асосан инќилоб ва дастовардњои он мадњ шудаанд. Шеърњои ин давраи Айнї оњангњои иљтимої, таблиѓї дошта, таблиѓи дониш, тасвири табиат ва ѓайраро дар бар мегирифтанд.

Дар ќатори Айнї шоирони дигар, аз ќабили Тўраќул Зењнї, Абдувоњиди Мунзим, Фитрат, Њамдї ва дигарон низ дар ин давра шеър гуфтаанд, ки мавзўи осорашон табрику тавсифи Њокимияти Советї ва истиќболи хуш аз таълиму тарбияи маљбурї дар мактаби Шўравї буд. Бештари ин шеърњо дар шакли суннатии ќасида навишта шуда бошанд њам, аз љињати бадеї суст буданд.

Баъди нашри ќарори машњури КМ РКП (б) «Дар бораи сиёсати партия дар соњаи санъату адабиёти бадеї» (18 июни соли 1925) бисёр шоиру нависандагоне, ки як навъ хомўшї ихтиёр карда буданд, аз нав ба фаъолият шурўъ намуданд, ки Мунзим, Њамдї, Сарвар, Пайрав, Ноил Шерзода, Зењнї, Пинадўз, Аљзї, Муинзода, Љавњарї ва сонитар Рањимию Сулаймонї ва Аминзода аз ќабили онњо буданд.

Яке аз шоирони пурќудрати ин давра Пайрав Сулаймонї нахустин шеърњояшро мањз дар њамин давра гуфтааст. Пайрав низ чун Айнї Инќилоби Бухороро бо шеъри «Ба муносибати Инќилоби Бухоро» (1920) муборакбод гуфт. Њарчанд фаъолияти Пайрав дар боби гуфтани шеърњои ишќї дар ин давра аз љониби танќиди расмї сахт сарзаниш шуда бошад њам, вале ин шеърњо аз љињат ва тасвиркории шоирона аз бењтарин офаридањои ин давраина Пайрав мањсуб мешаванд.

Муњаќќиќони таърихи адабиёти тољик эљодиёти яке аз щоирони кўњансоли ин давра Зуфархони Љавњариро «љолиби диќќат» (96, 34) шинохтаанд. Љавњарї, ки ќабл аз инќилоб шеърњои ирфонї мегуфт низ Инќилобро хушњолона истиќбол кард ва дар ситоиши замони нав бо шаклњои анъанавї ќасидањо гуфт. Вале шеърњои ин давраинаи ў аз љињати њунари шоирона бо ашъори ќабл аз инќилобиаш њамвазн нестанд (94, 5-26).

Аз шоирони дигари ин давра, ки дар таърихњо ёд шуда ва то инќилоб аосан дар таблиѓи илму дониш ва мактабу маориф шеърњо гуфтааст, Мирњайдари Сарвар мебошад. Сарвар ибтидои солњои бист асосан хомўш

буда, фаќат соли 1925 баъд аз даъвати њукумати Тољикистон бо номи «Адабиёт» шеъре гуфтааст.

Яке аз намудњои шеър, ки ин солњо хеле ривољ ёфт, ашъори њаљвї мебошад. Дар ин намуд беш аз њама Суњайлї, Аљзї, Аминзода, Муинзода, Шерзода, Ализода ва дигарон шеър гуфтаанд.

Мазмуни асосии шеърњои солњои бистро лирикаи иљтимої, таблиѓи илму дониш ва мактабу маориф, ишќ ва тасвири табиат ташкил медињад.

Дар лирикаи иљтимоии ин солњо мавзўи асосї инќилоб ва тараннуми ѓоянњои он буд. Шоирон мекўшиданд, ки Инќилобро чун оѓози давраи нави созандагї дар таърихи башар маънидод кунад. Ва дар ин мавзўъ чунин ки ишора шуд, Айнї аввалин шеърро гуфт. Баъд шеърњои дигаре аз ќабили «Ба шарафи Инќилоб» (1921) ва ѓайрањоро эљод кард, ки асосан истиќболи хуш ва ќаноатмандии ўро аз Инќилоб ва сохти Шўравї ифода мекарданд. Ин шеърњои Айнї ду нишона доштанд: яке зидди дунёи истибдод буд ва дигаре пазириш ва истиќбол аз «воќеаи Уктабар». Љамъияти нав мардумро ба табаќа људо кард. Дар шуури Айнї низ мафњумњои синф, пролетар, муздур оњиста-оњиста реша гирифт ва Айнї шеърњое гуфт, ки њадафњои сиёсию иљтимої доштанд.

Ин шеърњо даъвати рўйрост ба синтез ва љанг алайњи синфи муќобил доштанд. Ба ин маънї, адабиёти ин давр, хоса шеър дар зери ливои Инќилоб заминаи таблиѓию ѓоявие љанги њамватаниро дар Осиёи Марказї омода сохт. Ин мавзўи муќовиматљуї дар шеъри ин давра рўз аз рўз густариш пайдо мекард. Фаќат Пайрав дар баъзе аз шеърњои ин ваќт гуфтааш, аз љумла «Ба муносибати Инќилоби Бухоро» (1920) оњанги ќасосу кинаро фуру гузошта, фаќат љавононро даъват кардааст, ки дар бунёди њаёти нав сањм гиранд:

Њон, мужда шуд озодии љумњурии моён,

Эй љамъи љавоно.

Шуд навбати моён!

Шуд байраќи сурх аз дару девор парфшон,

Чун меҳру дурахшон,

Ҳар сӯ шуда тобон…

Мазмуни иҷтимоии шеърҳои Аҳмадҷони Ҳамдӣ «Хитоб ба фақирони Бухоро» (1920) ва «Асари омол» (1920) он буд, ки вай «бо қувваи камоли бадеӣ» (6, 8) халқҳо «ба қиёми умумӣ» (ҳамон ҷо), ҷанги табақотии зидди ҳамдигар даъват мекард:

Хезад, дӯстони киромӣ, ғазо кунед!

Бо золимони миллати худ моҷаро кунед!…

Яке аз мазмунҳои муфиде, ки дар шеърҳои ин давра роҳ ёфт – дӯстиву бародарӣ ва баробарҳуқуқии инсонҳо сарфи назар аз миллату қавм буд. Манзумаи «Иди занони пролетар»-и Ҳамдӣ мавқеияти бисёр қаламкашонро ифода мекард.

Ӯзбеку тоҷикему, русу яҳуд,

Нест фарқе миёни мо мавҷуд.

Мо ба ҳам ҷумла ёру дӯст шавем,

Пурлитирона мағзу пӯст шавем…

Ашъори иҷтимоии мазмуни ин давра дар баробари истиқболи Инқилоб масъалаҳои мактабу маориф муқовимат бо дунёи кӯҳна, дин ва хуровот, муқовимати синфӣ дар сатҳи ҷаҳон ва ғайра низ фаро гирифтааст. Дар ин замина Айнӣ, Пайрав ва баъдтар Лоҳутӣ шеърҳои сиёсатолуд ва синфиятҷӯй гуфтаанд, ки чандон арзиши бадеӣ надоранд. Ин шеърҳо сухани оддӣ буда, танҳо бо вазну қофия гуфта шудаанд. Масалан, ин байти Пайрав аз шеъри «Ду ҳуҷум» диққат диҳед:

Ин ҷо ҳуҷум баҳри халосаи Чину Ҳинд,

Он ҷо ҳуҷум баҳри асирии Ҳинду Чин.

Идеологияи дунёи дуқутбӣ ва муборизаю муқовимати ду дунё – сотсиалистию капиталистӣ бо ҳамин усул дар шеъри тоҷик ҷой гирифт ва реша давонд. Ҳамин тариқ, мавзӯи «ҷанги дувол» дар шеъри тоҷик аз мавзӯъҳои муҳим ва аз нигоҳи идеологияи Шӯравӣ «Ҷовидона» гардид. Мо дар ин мавзӯъ шеърҳои каммояи Пайрав баъдтар Лоҳутӣ, Раҳимӣ ва дигаронро метавонем

зикр кунем. Идеяи ниќорталабии идеологиро дар шеъри ин давра, ин байти Пайрав хеле барљаста ифода кардааст:

Дашту биёбон шавад пас аз ту гулистон,
Бадбахт хушбахт гардад, хушбахт бадбахт.

Аз рўзе, ки шоири рус Н. Тихонов дар съезди якуми нависандагони Шўравї гуфт, ки «дар сарњади ќањрамони асосї»-и адабиёти Шўравї «обарзи бузурги Ленин меистад», адибони тољик, хоса шоирон дар гуфтани мадњияњо бар васфи Ленин ба мусобиќа даромаданд. Бештарини сањифањои адабиёти ин солњо аз мадњу бузургдошти Ленин ахборот шуд. Лоњутї ва Рањимї дар сархати ин марафони адабї ќарор доштанд. Шеърњои Рањимї «Таъзия ба В.И. Ленин» (1924), Лоњутї «Зинда аст Ленин» ва ѓайра аз намунаи Ленинномањои ин солњоянд, ки љуз мадњу ситоиш ва ягона шинохтани «Хизри роњ», «Худои охирзамон» ва ѓайра чизи дигаре надоштанд.

Дигар аз пањлўњои шеъри иљтимоии ин давр назми мењнат буд, ки ќитъаи зерини Савар тимсоли хаёлу андешаи шоирони ин давр дар мавзўи мењнат аст.

Чи хўш соли хуб аст ин соли љорї,
Њама гашта машѓули кишти бањорї.
Яке ѓуза корад, дигар гандуму љав,
Яке пила монад, дигар пахтакорї.

Аслан њарфи шоирона дар бораи мењнат, бунёдкорї ва ба ин монанд фазилатњо арзиши ахлоќї дошт, вале бадии кор дар он буд, ки дар фони ин мавзўъњо шеър ба майдони муќовимот, кашмакаш ва низоъњои сиёсиву табаќотї бадал шуд. Дар ин гуна шеърњо љои тасвирињои шоиронаро сухани хушки берўњи шеъргуна гирифт.

Мазмуни маърифатпарварї низ дар шеъри ин давра хеле роиљ буд. Аз устод Айнї сар карда, њамаи шоирон оид ба ањамияти илму маориф дар њаёти инсон ва мамлакат сухан мегуфтанд. Вале, мутаассифона, дар оѓоз хосияти умумиинсонї доштани илму дониш сарфи назар шуд ва мавќеияти синфї нуфўз кард. Илму дониш барои «Бани инсон» не, балки хоси табаќаи

«муздур» дониста мешуд. Матлаи ин аќида дар шеъри ин давра ин байти Мунзим аст:

Дар олам агар мардуми нодон набувад њељ,
Ба тоифаи муфтахўрон нон набувад њељ.

Бештарин шеърњое, ки Рањимї, Аминзода, Мунзим ва дигарон дар ин мавзўъ гуфтаанд, аз даъвати хушк иборат буда, арзиши таблиѓотї доштанд. Дар бештарини њол рўи суханони шоирон љониби занњо буд, ки Инќилоб шароити хонданро ба онњо муњайё сохта буд. Лоњутї дар ин мавзўъ ба радифи «мебоист кард» шеъре гуфт ва Мунзиму Пайрав онро тазмин карданд. Ин дупора, ки аз Мунзиму Пайрав меоварем намунаи њолати умумии ин мавзўъи шеъри ин солњост.

Аз Мунзим:

Љањлро аз Тољикистон дур мебоист кард,
Аз барои дури ў сур мебоист кард.
Миллати тољик то гардад халос аз дарди љањл,
Духтари тољикро духтур мебоист кард.

Аз Пайрав:

Бори нодонї зи дўстии духтарон бояд фиканд,
Фикрашон аз маърифат пурнур мебоист кард.
Ин асоси кўњнаро барбод мебоист дод,
Бо таљаддуд пайравї маљбур мебоист кард.

Дар заминаи таблиѓи илму дониш шоироне чун Лоњутї исломро сабабгори асосии ќафомонии иќтисоду маданияти Шарќ донистанд. Дар ин бора Лоњутї гуфта буд:

Гар дини араб равшанї аз Шарќ намебурд,
Тољик чунин мондаву тори намешуд.

Чунин шеърњоро, ки маънињои мулњидона доштанд, мо дар

эљодиёти Пайрав,  Аминзода ва дигарон мушоњида  мекунем. Ин шеърњо номањои манзуми таблиѓотї буданд ва њамчун осори адабї дар адабиёт мавќеъе надоранд.

Дигар аз намудњои шеъри солњои бист ашъори ишќї ва пейзажї буд. Махсусан шеъри ошиќона номаи тозаи зебоиписандиро корбаст мекард. Сарманшаи чунин назар адабиёти маорифпарварї буд, ки ин гуна шеърњоро мо дар эљодиёти Мирзо Сирољи Њаким, Фитрат ва дигарон пайдо карда метавонем. Дигар аз омилњои навангезии ин мавзўъ шеъри машрутахоњони Эрон буд. Акнун чашми ошиќ маъшуќаро аз дидгоњи њунар арзёбї мекард, акнун ќадри занро на фаќат њусн, балки аќлу дониш, касби њунари ў низ муайян менамуд. Шеърњои шиормонанди ишќї оњанги амиќи таблиѓотї доштанд. Масалан, ба ин пораи шеъри Лоњутї таваљљўњ кунед.

Андар ин даври тамаддун, санамо, лоиќ нест,
Дил бањре чун ту зи ороиши дониш ба канор.
Зишт набвад санаме чун ту зи дониш мањрум?
Њайф набвад шаљаре чун ту тањидаст аз бор?

Дар баробари ин дар адабиёти ин давр чунин консепсияи назарии адабї тарњ мешуд, ки тасвири ишќи суннатро инкор мекард:

Шоири сурх, магў љуз сухани озодї,
Васфи холу хати љонона чї маънї дорад?

Њамин консепсия таносуб ва мазмуни образњои анъанавиро дар тасвири мавзўи ишќ таѓйир дод. Беш аз ин, «Оњанги ишќиву гражданї» (96,139)-ро «ба мањбуба не, балки револютсия, халќ, синфи пролетар ва арзишњои дигари инќилобї гардид. Ва ин њодисањо омили суст шудани љамбањои ќудсї ва инсонии шеър гардида, ба тањкими назари сохтаву лоќайдона дар шеъри ошиќона мусоидат кард.

Дар раванди чунин њодисаи таассуфангези адабї Пайрав шеърњои ошиќонаи дардолуд ва Фитрат шеърњои пейзажии «њељ вобастагие ба ягон

масъалаи иљтимої» (96, 148) надошат гуфтанд, ки  њар ду њам  ноњаќона саркўб шуданд.

**Насри солњои бист**. Муњаќќиќони таърихи адабиёти тољик  солњои бистро «давраи  пайдоиш ва ташаккули  насри  советии тољик» (96,188) дониста, аз публисистикаи «Шўълаи инќилоб» (1919-1921) то нашри повести Айнї «Одина»-ро «давраи пайдоиши насри нави реалистї» ва «давраи ташаккули онро солњои 1927-1930 муайян кардаанд» (96).

Аз муаллифоне, ки дар ин давра беш аз њама дар шаклгирии публисистикаи тољик сањм гузоштааст, фаќат Айниро метавон ном бурд. Ба ѓайр аз маќолањои публисистї дар ин давра Айнї очеркњои таърихии «Таърихии амирони манѓиятияи Бухоро», «Материалњои таърихи инќилоби Бухоро», повестњои «Љаллодони Бухоро» ва «Одина»-ро таълиф кард. Воќеан њам «ин асарњо тањкурсии насри советии тољикро ба вуљуд овардаанд ва монанди назм «шарафи асосгузории он њам ба устод Айнї насиб гардид» (96, 189). Баъдтар Айнї мањораташро такмил дода, њикояи «Мољрўй», повестњои «Ањмади девбанд», «Ќулбобо» ва романи «Дохунда»-ро навишт ва бо ин асарњои худ «рољи тараќќии насри бадеиро муайян кард» (96, 189). Айнї њам дар очеркњои таърихии дар аввал зикршудааш, њам дар повестњову романи «Дохунда» нахустин бор «воќеиятро њаќќонию таърихан конкрет ва дар тараќќии револютсионї ба шакли хоси миллї» (96,189) нишон дод.

Дар охири солњои бистум ба майдони наср љавононе чун Љ. Икромї, Б. Аљизї, А.Дењотї, Њаким Карим, С. Улуѓзода, Бадриддин Икромї, Абдулѓанї Мирзоев ва Ќурбон Бањлулзода омаданд, ки њикояву очерк ва маќолањои танќидї менавиштанд. Дар ин давра Пайрав низ дар наср ќувваозмої карда, њикояи «Гуландом» ва повести нотамоми «Духтари чингиз»-ро навишт. Абдулвоњиди Мунзим њикояи «Обшори чашмдор»-ро эљод кард.

Агар Айнї дар асарњояш ба воќеияти таърихї мурољиат карда бошад, нависандагони љавон кўшиш мекунанд, ки дар мавзўи рўз асар нависанд.

Вале диди таърихї ва назари амиќу мољиятљў ба Айнї шароити фикриеро муњаё сохт, ки дар насри солњои бист сухани ба вазн ва баэътибор гўяд. Агар

Айнї дар маќолањои публисистї ва очеркњои таърихиаш «мубориза дар роњи сарнагун сохтани дунёи истибдоди феодалї ва ба даст овардани истиќлоли миллї»-ро њадафи асосии ѓоявї ќарор дода бошад, дар асарњои баъдиаш ба воситаи таљассуми бадеии воќеияти таърихї моњияти истибдод ва арзишњои инсонпарваронаи инќилобиро таъкид мекунад.

Арзиши таърихї ва гуманистии аввалин повести советии тољик дар он буд, ки нависанда њаќиќати талх ва фољиаомези њаёти халќро дар аморати Бухоро бо камоли даќиќназарї тасвир намуд. Ин повест њам монанди дигар асарњои Айнї зери таъсири идеяњои инќилоб навишта шуда, моњиятан назари синфиятљўй дар он афзалият дорад. Бо вуљуди ин муваффаќияти бузурги нависанда дар он буд, ки моњияти ѓайриинсонии сохти давлатдории амириро бо тамоми ќабоњаташ ошкор сохт. Чунин ѓояи инсонпарварона нафаќат дар изњори њамдардї ва рањму шафќат нисбат ба маќтулњо, балки дар ифодаи нафрату ѓазаб, ќањорат ва эътирози сохти иљтимої нисбат ба тартиботи сохти љамъияте зуњур кардааст, ки боиси кушта шудани мардуми бегуноњ мегардад (96, 229). Аз ин љињат тири аввалини Айнї ба муќобили низоми давлатдории ѓайриинсонї равона шуда, моњияти назари монадагори иљтимоии нависандаро муайян мекунад.

Повести «Одина» намунаи дигари насри ин солњост. Устод Айнї дар асар «ањволи коргарон ва дењќони тољикро дар арафаи Инќилоби Бухоро тасвир карда, дар эљоди он «худи њаёт мушоњидањои нависанда, воќеањои реалї ва таърихан конкрет, саргузашти одамони воќеї, маълумоти вакилони тољикони кўњистони оид ба маишат, урфу одат» (96, 235) ба нависанда кўмак кардааст.

Донишманди маъруф М.Шукуров дар бораи повестњои «Љаллодони Бухоро» ва «Одина» сухан ронда, гуфта буд, ки њар ќадами Айнї «дар насри тољик дар роњи тасвири реалистии зиндагонї як ќадами нав, њар сухани ў як сухани тоза буд. Њар сухани тозаи ў реализми тасвирро як дараља такмил медод ва як поя боло мебурд» (116,101).

Дар насри солњои бист ин ду асари Айнї љойгоњи хос доранд. Сарфи назар аз таъсир ва ба коргирии идеологияи њоким Айнї тавонист, ки ба воситаи

ин асарњояш аввалан моњияти ѓайриинсонии сохти давлатдории амириро нишон дињад, баъдан неруи бузурги халќро дар роњи дигаргунињои иљтимої ва таѓйири дунёи зулм арзишманд шинохтааст.

Айнї дар фароварди дањаи аввали «гардишњои инќилобї» романи «Дохунда»-ро чоп кард (1927-1930). Дар ин роман низ дар партави воќеият ва сиёсати расмии замон Айнї масъалаи озодї ва истиќлоли маънавию моддии инсонро аз муњимтари муаммоњо медонад. Вале ин масъала дар роман аз мавќеи манфиатњои синфї њал мегардад. Чунин назар ба нависанда имкон намедињад, ки дар сари категорияњои фалсафии инсон, озодї, замон ва макон ба хулосаи сањењ ояд. Аз њамин мавќеият фаъолияти љадидон дар роман мањкум мешавад, ки ба њаќиќати таърих рост намеояд. Хулосаи Айнї ин аст, ки озодии инсонро на назми давлатдорї, балки сохти он таъмин месозад.

Дар он замон ва баъд романи «Дохунда» миссияи бузурги таблиѓотї дошт. Њатто ин таъсир ба дараљае буд, ки ќањрамонони асар талмењи образњои адабї, дар назму наср гардиданд. Дар шеър такрор ба такрор ба сифати образи шеърии ќиёсї истифода шуданд.

Насри солњои бист бо асарњои Айнї њодисаи дигареро дар њаёти фарњангии тољикон тасдиќ кард. Ин ба њукми забони устувори насри бадеї мавќеъ гирифтани забони тољикї буд. Ин забоне буд, ки аз забони ноби форсии классикї гирифта, бо кўшиши Айнї бо роњи истифодаи санљидакорона аз забони мардумї сайќал ёфт ва мавќеият пайдо кард.

Чунонки дар боло ишора кардем, охири солњои бист як гурўњ љавонон ба арсаи адабиёт омаданд, ки «бо роњбарї ва маслињати Айнї» (96, 318) дар роњи ташаккули насри он солњо сањми босазо гузоштанд. Аз ин гурўњ танњо Љ. Икромї, А. Дењотї, Б. Аљзї, С. Улуѓзода ва Њ. Карим тавонистанд, ки саъю кўшиши тамом номашонро дар адабиёт сабт кунанд. Ин гурўњи адибон асосан ба навиштани њикоя майлу раѓбат доштанд. Њамин майл буд, ки Пайрав њикояи «Гуландом»-ро навишт ва њикояи «Обшори чашмдор»-и Мунзим низ дар њамин давра чоп шуд. Њикояњои ин нависандагон бо заминаи воќеии тасвир ва падид овардани њолу њавои замон фарќ мекарданд. Аксари

муаллифон рӯйдоди воќеи будани мазмуни њикояи «Ширин» чунин фикрро баён карда будан. Дар ин замина њикояњои Љ. Икромї «Ѓалаба», «Ширин», Дењотї «Њамидаи сиёњбахт», Алњизї «Никоњи дилхоњ», М. Абдулѓанї «Истиќлол» ва ѓайраро метавон ном бурд. Нависандагон дар ин њикояњо асосан ба воќеияти рӯз такя карда, муносибатњои нави љамъиятро ташвиќ мекарданд. Табиист, ки низоъњои сиёсии замона, аз љумла бархӯрдњои синфї дар маркази сужети ин њикояњо буд. Њикояњои Љ. Икромї «Як њавзи пурхун», Дењотї «Доѓи фарзанд» ва Алњизї «Подшоњ-подшоњ» фољиаи зиддиятњои синфиро баён мекунад. Бале, ба мо баён мекунад гуфтем, зеро ин њикояњо њанӯз аз тасвири батааннии амалу кирдори ќањрамонон дур буданд.

Дар мисоли навиштањои ин нависандањо баъзе махсусиятњои насри ин давраро ёдрас кардан мумкин аст. Таваљљӯњ ба воќиањои иљтимоию ахлоќї ва маишиву њаёти маънавии мардум, ки замини ин муборизањои синфї ва макру фиреби боёну рӯњониён ва расми зиёновар тафсир мешуд, аз мавќеияти ѓоявии насри ин давра хабар медињад.

Њамин тариќ дар насри солњои бист «асосан эљодиёти Айнї – повестњои «Љаллодони Бухоро», «Одина», «Ањмади девбанд» ва романи «Дохунда» мавќеи марказиро ишѓол (Таърих…, сањ. 323) менамоянд. Ин асарњо на фаќат ташаккули реализми сотсиалистиро дар насри тољик нишон  медоданд, балки услуби эљодии нависандаро, ки зуњуроти фардию конкрети метод мебошад, низ муайян» кардаанд.

Драмматургия дар адабиёти советии тољик њодисаи нав буд. Бо вуљуди ин аз оѓоз адибон ба эњёи ин жанр кӯшиданд ва нахустин драмањои тољикї ба ќалами Бењбудї ва Фитрат тааллуќ дорад. Бењбудї песаи «Падаркуш» ва Фитрат песаи таърихи «Рустам ва Сӯњроб»-ро навишт. Ин песањо дар замонааш арзиши таблиѓотї доштанд.

Аввалин намунањои нави наќди адабї ва адабиётшиносии тољик солњои бист ба вуљуд омаданд. Вале ин наќд њанӯз наќди комилан ташаккулёфта набуд. Хусусияти ин наќд аз он иборат буд,, ки «ба шуури тафаккури зиёиён, ки аз љињати љањонбинї, дониш ва таљрибаи њаётию эљодї дар як поя набуданд,

ба тадриљ марксистию ленинї, назари материалистї ба таърих, воќеият ва адабиёту санъат ќувват мегирифт. Чунин њолат аввалан махсусияти роњу равиши танќиди адабии тољикро муайян кунад, сониян майлу аќидањои мухталифро дар маънидоди вазъи адабї, адабиёти классикї, анъанаву навоварї ва шаклу мазмун нишон медињад» (14, 205).

Воќеият ин аст, ки ба сабаби набудани нашриянњо нимаи аввали солњои бист намунаи љиддии наќди адабиро пайдо карда наметавонем. Вале баъди таъсиси рўзномаву маљаллањо ва нашриёт намунањои танќид ва адабиётшиносї пайдо шуданд. Аввалин падидаи чашмгир дар адабиётшиносї – китоби устод Айнї «Намунаи адабиёти тољик» (1926) буд. Устод Айнї бо тањлилњои амиќ ва наќди осор дар ин китоб амалан ба пайдоиши наќди нав ва адабиётшиносї асос гузошт. Дар ин давра баъзе маќолањо чоп мешуд, ки дар онњо нисбат ба мероси гузашта назари манфї ва нодуруст баён мешуд. Дар ин замина маќолањои Акмал Аминзода «Дар майдони адабиёт», Ѓ. Ализода «Чароѓ пои худро равшан намекунад» Н. Бектош «Дастовез барои ташвиќотчиёни алифбои нав» нисбат ба мероси гузашта назари нодурустро таблиѓ мекарданд. Ин гуна маќолањо низ натиљаи сиёсати нодурусти сиёсати расмї оид ба мероси гузашта буд.

Тамоми љустуљўњои танќиди ин давра дар бораи адабиёт вобаста ба сиёсати њизб буд ва мунаќќидон принсипу воситањои эљоди бадеиро дар асоси тезисњои сиёсї њаллу фасл мекараднд. Њамин мавќеият доираи масъалањо ва рўњи интиќодии наќди адабиро муайян мекард.

Дар нимаи дуюми солњои XX нахустин маќолањои обзорї ба чашм мехўрданд, ки дар онњо муаллифон асосан ба муаммоњои он ваќт муњим – наќши љамъиятии адабиёт ва санъат, анъанаву навоварї, ягонагии шаклу мазмун вазну ќофия ва ѓайра бештар диќќат додаанд. Чанд маќолае ки Мирзо Мўњсини Ибрoњимї «Адабиёт ва санъат дар партави марксизм» Собит Манофзода «Порчањои адабии мо» Рањим Њошим «Адабиёти инќилобии тољик», Б. Азизї «Як назар ба шеърњои тољикї», Т. Зењнї «Вазни арўз ва вазни њиљої», Фахриддин Розї «Љамъияти муњаррирони гиромї» ва ѓайраро метавон

ном бурд.

Ба фикри мунаќќид Љ. Баќозода «Бо вуљуди мањдудияти доираи назар ихтилофот дар баёни фикру андеша, ањамияти ин маколањо дар он аст, ки муаллифон бо љушу хурўш, бо як нав њарорат бо рўњбаландии инќилобї барои муайян кардани принсипњои адабиёти нави сотсиалистї кўшидаанд. Сифатњои хоси назму насрро, ки њанўз миќдоран зиёд набуд, нишон додаанд». (14, 210).

Аксари маќолањои дар ин давра чоп шуда аслан сиёсати њизбро дар соњаи адабиёт пиёда кардаанд. Бинобар ин дар ин маќолањо моњият ва савияи адабиёти бадеї ба љои дуюм фаромада, арзиши сиёсии он ба љои аввал мегузарад. Маќолаи дар боло ишорашудаи С. Манофзода њам њамин гуна хусусият дорад. Вале дар маќолаи ў аввлин кўшиши наќди шеър ба назар мерасад, ки дар наќди он солњои муњим буд.

Дар ин солњо гуфтугўи нисбатан зиддї дар атрфои маљмўаи адибони тољик «Сабзаи навхез» бо маќолаи Набї Фахрї «Сабзаи навхез» ва адабиёти имрўзаи мо» ба вуќўъ пайваст. Муњимтарин фикри мунаќќид дар ин маќола таъкиди вай ба арзиши бадеии осори њунарист. Вай вазифаи адабиёти бадеиро барои дигарон дар бедор кардани завќи табиї, њаяљони бадеї ва мављи инќилобї медонад.

Маълум аст, ки солњои XX аввалин намунањои насри тољикї ба майдон омад. Дар атрофи ин асарњо низ фикру мулоњизањо баён мешуд. Аз њамин мавќеъ повести устод Айнї «Одина» ва њикояи Љ. Икромї «Ширин» мавриди гуфтугўи њалли танќид ќарор гирифт.

Наќди адабии тољик дар солњои 20 дар шароити дешвори идеологї ва муборизањои синфї ба вуљуд омад ва бо вуљуди кутањназарињо онњое, ки хишти аввали ин биноро гузоштанд, хидмате кардан ва мо бояд онњоро ба некї ёд кунем.

Идеологияи њизб ва њукумати болшевикї дар забон аз мероси гузашта њимоят мекард, вале дар амал сиёсати зуровари зидди миллї ба равнаќи адабиёт ва фарњанги асил, ки аз зоти худ људо набошад, муќобилат мекард.

Шароити сиёсиву иљтимоии кишвари тољикон, ки хеле хароб шуда буд, ба њукумати нав имкони љонбахши њаётсозро фароњам овард, ки зуд дар тамоми љабњањо тарафдор пайдо кунад. Ана дар њамин замина, ки љањолати рўњониёни мутаасиб ва мансабдорони фисќбунёд умеди мардумро барбод дода буд, онњо инќилобро чун «гардиши бузурги таърихї» пазируфтанд. Нерўњои озодихоњву миллатдўст низ ба њукми таърих тан доданд. Вале баъдтар маълум шуд, ки «ин гардиши бузурги таърихї» аз бисёр љињат барои халќи тољик гарон будааст.

Њамин тариќ, ин њодиса аз оѓози солњои бистум ва баъд тадриљан ба мањрум шудан аз бунёди маънавї оварда, нињоят камбаѓалии муњити маънавиро ављ бахшид, ки дар ин миён беш аз њама мисли Пайрав адибони пурњунар зиён диданд ва њатто ангезањои фољианоке барои чунин адибони эъмор гардид.

Адабиёти навини тољик аз нахустин солњои зуњураш ба нишондодњои њизб тобеъияти комил нишон дод. Чунин суханони Маяковский «нависанда он аст дар ин рўзгор, ки марше сарояд, нависад шоир»- мањаки эљодии адибони тољик ќарор гирифт. Ва муњаќќиќони адабиёти марксисти Айниро дар саргањи ин таррońии адабиёти нав аз дидгоњи сотсиализм ва њизб диаанд. Ба ифодаи М. Шукуров ба кўшиши адибоне чун Айнї «ба адабиёти халќњои Осиёи Миёна ва Ќазоќистон љараёни пурќуввати замони нави инќилоби сотсиалистї, мубориза ва дигарсозињои иљтимої дохил мегардад» (113,63).

Адабиёти нави тољикї дар заминаи дастурњои њизбї ва талќини чењрањои саршиноси адабиёти рус, ки афсарони собитќадами идеологияи њизбї» шинохта шуда буданд, тадриљан њуввият ва асолати хешро аз даст дода, ба зоњир «шаклан милливу мазмунан сотсиалистї» шуда монд. Горкий адабиёти ягона – адабиёти умумииттифоќро писандид. Ин идеология инсонро «винтик» шинохта, инженерони рўњи одамизод донист. Муњимтарин рисолати ин адабиёт рисолати идеологї буд, яъне таблиѓи ѓояи дўстии халќњо, ягонагии маънавии сиёсии онњо, ватандўстии советї.
Адабиёти нави тољикї дар заминаи дастурњои њизбї ва талќини чењрањои саршиноси адабиёти рус, ки афсарони собитќадами идеологияи њизбї» шинохта шуда буданд, тадриљан њуввият ва асолати хешро аз даст дода, ба зоњир «шаклан милливу мазмунан сотсиалистї» шуда монд. Горкий адабиёти ягона – адабиёти умумииттифоќро писандид. Ин идеология инсонро «винтик» шинохта, инженерони рўњи одамизод донист. Муњимтарин рисолати ин адабиёт рисолати идеологї буд, яъне таблиѓи ѓояи дўстии халќњо, ягонагии маънавии сиёсии онњо, ватандўстии советї.

Назоратчиёни адабиётшиносии марксистї назарияи адабиёти навро тарњ дода, методи ягонаи эљодиро барои адабиёти шўравї таъин карданд. Њамин тариќ, соли 1932 мафњуми «Методи асосии адабиёти шўравї – реализми сотсиалистї» ба майдон омад. Назар ба пиндошти муњаќќиќони адабиёти рус пеш аз ваќт баъзе асарњо, аз љумла «Модар»-и Горкий низ ба ин метод мутааллиќ шинохта шуда буд. (30, 26).

Чунин «пешбинињои» ѓайри илмї дар адабиётишносии тољик низ ба вуќуъ пайваст. Бисёр аз асарњое, ки ќабл аз зода шудани методи «реализми сотсиалистї» эљод шуда буданд, низ мутааллиќ ба ин метод дониста шуданд.

Воќеияти пеши назар ин аст, ки Айнї реализми сотсиалистиро аз Максим Горкий ва Владимир Маяковский барин адибони пролетарї омўхт. Њамчунин муњаќќиќон бар чунин њаќиќате итминон доранд, ки «Эљодиёти адибони рус, аз ќобили А.Фадеев, А.Толстой, А.Серафимович, М. Шолохов, Ф. Гладков, К. Федин, Н. Тихонов ба инкишофи адабиёти миллии мо таъсири басо калоне доштааст (97,9).

Ин таъсир љанбаи амиќи таќлидї дошта, аз оѓоз монеъи љустуљўњои ѓоявию бадеии адабиёти асил гардидааст. Дар оѓози ин таќлид ба чунин аќидаи Муњаммадљон Шакурї метавон розї шуд. Ў таъкид мекунад, ки «Бешак риводљи роману повест ё њикояњои реалистї, шаклњои нави достони манзум ё ќофиябандињои тоза, пайдоиши навъњои мухталифи намоишнома-дром, фољиа, мазњака ва бисёр навпардозињои дигар, ки дар адабиёти тољикї пайваста сурат мегирифтанд, њамаро рўйдоди муњимме ба шумор бояд овард». Вале, мутаассифона, чунин «Намунагарињо аз адабиёти рус» нависандагони моро дар бозљусти роњњои нав аксаран ноком гузоштанд. Ин ноком́ї мањсули режими шўравии гомравоию истеъморї ва идеологияи њукмрони њизбї буд.

Реализми сотсиалистро, ки баъзењо тафсир мекунад, дар асл бофтаи Сталин набуд. Вай воќеан њам вуљуд дошт ва реализме буд, ки ба инкишофи босуръати сотсиалию таърихии љамъият асос меёфт, на таќдири одамони алоњида ва ё љузњои иљтимої ва ё халќњо. Аз оѓози солњои сї сар карда ба меъёри тасвири шиорњои сиёсї табдил ёфт. Чунин изњори Сталин «Зиндагї

беҳтар шуд, зиндагии шавќовар шуд», меъёри дидгоҳи он гардид. Идеализатсияи воќеияти ѓайриидеалї реализм буда наметавонист. Ин воќеъияти инкишофи адабиёт танҳо хоси наср набуд, балки назмро низ фаро гирифта буд. Ҳатто дар солҳои ҳафтодум, ки дигарандешї дар ҷомеаи Шўравї каму беш воќеъ мешуд, шоирони тозаандеши тоҷик Лоиќ, Бозор Собир, Мастон Шералї махсусан барои «Назари носолим ба ҳаёти сотсиалистї» сазовори танќиду маломатҳои зиёд гардиданд. Дигарандешии шоирони тозаҷўро ҳатто Мирзо Турсунзода зуҳури майли хатарноки «ҳиссиёти бадбинона, сентиментализм ва ҳатто майл ба тасаввуф» дониста буд.

Дар асл Абдурраруфи Фитрат дар шеъри зикршуда аҳволї фоҷиабори кишварро хеле воќеъбинона ва шоирона ба ќалам додаст, ки аз назари шеърият низ аз бисёр навиштаҳои он солҳо бартарї дорад. Муҳимтар аз ҳама воќеияти он солҳоро бозгў мекунад:

Ин фасли хазон аст, дарахтон ҳама зарданд,
Ку сабза, куҷо лола, ба гулзор чї карданд.
Аз чангу ѓуборе, ки бувад моҳи хазонро,
Бечора дарахтон ҳама олуда гарданд.
Мурѓони ѓазалхон, ки зи гулзор паридан,
То фасли баҳорони дигар ҳеҷ нагарданд.
Ҳар ѓаллаву ҳар донаву ҳар мева, ки дидем,
Бурданд зи саҳрову ба анбор супурданд.

Ҳамчунон ки ишора шуд «Одина», «Ҷаллодони Бухоро», «Дохунда», «Ѓуломон»-и устод Айнї, «Шодї» ва «Ман гунаҳгорам»-и Ҷалол Икромї, «Навобод»-и Сотим Улуѓзода, «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил ва ѓайра аз аввалин намунаҳои насри он солҳо буданд. Дар ин миён ќиёсан «Марги судхўр»- устод Айнї ва «Ман гунаҳгорам»-и Ҷалол Икромї аз назари ҳунари нависандагї дар маҷрои умумии насри ин давра мутафовит ҳастанд.

Дар ин маврид бояд гуфт, ки дар ҳамаи асарҳо Айнї, аз ҷумла «Марги судхўр» низ назари синфї бараъло мушоҳида мешавад. Аз назари Айнї махсус ҳаракати бемайлон ва пурвусъати инќилобї анбўҳи бузурги оммаро ба

пешгоњи таърих баровард. Дар «Марги судхўр» низ нависанда эътимод дорад, ки ќимати иљтимоию ахлоќии инсонро муносибати вай ба инќилоб, ба њокимияти нав муайян мекунад. Дар њамин замина чашмандози ў ба типњои манфї моњияти бештари иљтимої касб мекунад. Дар мисоли «Марги судхўр» назари ў пурвусъат ва њамабин аст. Бинобар ин њам Айнї тавонистааст, ки симои њаљвии персонажњояшро бо тамоми ќабоњати ахлоќию маънавї падид оварад. Тамасхури Айнї моломоли нафрат ва ѓазаб аст. Аз ин мавќеъ Ќориишкамба танњо портрет классикии хасис нест, ки дар заминаи судхўрии Бухорои феодалї сабзидааст, балки портретест, ки дар ќувваи иљтимоию љамъбасти бадеї аз мумсикњои Моллер ва Балзак паст намеистад. Ин асари Айнї дар раванди инкишофи насри ин солњо њодисаи муњим буда, аз бисёр фазилатњои адабї бархўрдор аст ва дар ин замина тадќиќотњои низ ба анљом расидаанд.

Романи Љалол Икромї «Ман гунањгорам» низ бо бисёр љињатњо дар адабиёти ин солњо суннатшикан ва навоварона аст. Нависанда бори нахуст дар насри ин солњо «Тањлили њартарафаи психологиро воситаи асосии њалли масъалањои ахлоќи иљтимої ќарор дода буд» (115). Беш аз ин низои асар ботинї буда, љанбаи рўњии онро афзудааст. Арзиши ин романро дар ќиёси воќеияти адабии ин солњо он нуќта низ таъкид мекунад, ки нависанда назарияи «беконфликт»-ро пушти по зад, нахустин бор зиддиятњои рўњиву маънавии њаёти љомеъаро тарњи бадеї дод. Дар ин асар образи зан низ мавќеи дигар дорад. Нависандаро мавќеи иљтимої ва ќудсии зан ба андеша бурдааст, ки аз ин љињат биниши бадеии ў тозагие касб мекунад.

Бисёр муњаќќиќони адабиёт, хоса солњо сию панљоњ дар баробари тафовут наздикии биниши бадеии Икромиро бо Айнї дар мисоли баъзе бобњои повести «Марги судхўр» иќрор шудаанд, ки шояд дуруст бошад. Вале муњим ба назари мо он аст, ки Икромї дар ин асар чун Айнї ба тањќиќи бадеии хилќати инсон ва воќеияти иљтимої таваљљўњи хос пайдо кард. Айнї оѓози инќирози Ќориишкамбаро тасвир карда, њолати рўњии судхўрро њангоми њис кардани хавфи марговаре, њангоми дигаргунии дардомези рўњияи ў бо

тасвири амиќи психологї нишон медињад» (29,29). Назар ба мушоњидаи М. Шукуров «чунин тањлили психологї он гоњ чун як тарзи тањкия фаќат дар баъзе мавридњо вуљуд дошт, аммо дар «Ман гунањкорам» тамоми тањикяро фаро гирифт, воситаи асосии тасвири инсон, принсипи тасвир гардид».

Љанги дуюми љањонї муносибатро ба таърихи гузашта, алалхусус сањифањои озодихоњонаи таърихи халќ дигар кард. Акнун гузаштаро, махсусан рўњи ќањрамонаи осори гузаштагонро ба хидмати рўз гузоштан аз вазоифи муњимми рўз ба шумор омад. Љанг таѓироти љиддие дар муњити андеша ва амал ба вуљуд овард. Бисёре аз нависандагон, аз љумла Њабиб Юсуфї, Њаким Карим, Абдушукури Пирмуњаммадзода ва дигарон ќаламро ба силоњ иваз намуда, ба майдони љанг рафтанд.

Оњангњои зидди љангї дар адабиёти тољик ќабл аз љанг пайдо шуда буд. Махсусан дар шеър мазмунњои зидди љанг ривољ ёфт, ки дар адабиёти солњои сї хеле зиёд ба назар мерасад. Мо ин гуна шеърњоро дар эљодиёти аксари шоирони ин давра мушоњида мекунем. Вале бењтарини чунин шеърњои ватандўстонаро Пайраву Њабиб Юсуфї гуфтаанд. Вале њамин љанги љањонии дуввум ё худ Љанги Бузурги Ватанї оѓоз шуд, мавзўъњои мубориза бо фашизм, ѓояњои ватанхоњию адолатљўї ва инсонпарварона аз муњимтарин муаммоњои адабиёт ва осори адибон гардид. Аз рўзњои нахустини љанг адибон бо мурољиатномаи «Овози нависандагони Тољикистон» ба воситаи рўзномаи «Тољикистони сурх» (24 июни соли 1941) баромад карда, омодагиашонро бањри њифзи Ватан њам ба силоњ ва њам бо ќалам изњор карданд. Аз љумла, дар ин мурољиатнома омада буд, ки «Мо нависандагони Тољикистони офтобрўя худамонро ба камоли садоќат ба ихтиёри Ватан ва Партияи Коммунистї аз њамин сония сафарбар намудем. Агар Њукумати Советї ва партия барои мудофиаи ватани муќаддаси сотсиалистиамон ба мо фармон бидињад, мо тайёрем, ки ќалами худро ба яроќ иваз намуда, собитќадамона ба майдони љанг равем. Мо нависандагони советї аз пештара њам устувортар бо ќаламу шамшер кор мекунем, шўњрати ватани азиз ва Армияи Сурхи онро дар достонњо ва сурудњои худ тараннум менамоем»

(ниг.:112). Пас аз нашри ин њуљљат адибон амалан ба фаъолият шурўъ карданд. Гурўње ба љои ќалам силоњ гирифта, ба љанг рафтанд. Гурўњи дигар бо шеъру достон ва асарњои насрї бар зидди љанг овоз баланд карданд.

Дар ин миён Њабиб Юсуфї, Њаким Карим, Абдушукур Пирмуњаммадзода, Лутфулло Бузургзода, Абдуљаббор Ќањорї, Њабиб Ањрорї ва дигарон ба љанг рафта, дар муњорибањои шадид иштирок карданд ва Њабиб Юсуфию Абдушукур Пирмуњаммадзода, Лутфулло Бузургзода ва Њаким Карим љонашонро фидо намуданд.

Адабиёти тољик аз нахустин рўзњои љанг мазмун ва мундарињаашро дигар кард. Ба ифодаи мунаќќид Муњаммадљон Шукуров ин адабиёт «мазмуну шакл ва ранги љанговарона гирифт. Њиссиёти олии ватанпарварї, озодихоњї ва кинаву нафрат нисбат ба истилоњгарони фашизм мундарињаи асосии адабиёт буда, хусусиятњои жанрї ва воситањои бадеии онро муайян кард». Ба таќозои воќеият дар наср асосан жанрњои хурди адабї-очерку њикоя, фелетону маќолањои публисистї мавќеъ пайдо кард. Шоирон бошанд аввалњо асосан бо шеърњои хурди шиормонанд ва баъдтар бо достону манзумањо салномаи бадеии замони љангро инъикос намуданд.

Насри љангї. Дар зинањои аввал насри давраи љанг асосан хусусияти таблиѓотї дошт. Асосан нависандагон ба тасвири зоњирии воќеањои љанг, корномаи љанговарон ва мењнати аќибгоњ машѓул буданд. Назар ба мушоњидањои мунаќќид ва адабиётшинос Љўрахон Баќозода «аз мутолиаи асарњои замони љанг тасаввуроте њосил мешавад, ки баъзе офаридањои адибон як навъ сўњбатро мемонад. Чунин тарзи нигориши рўйдодњои замони љанг ва рўзгори инсон аз сифатњои фарќнок ва махсусияти реализми тасвир дар адабиёти он давр буда, бешубња, халќияти онро таќвият додааст ва аз ягонагии маќсаду вазифа, орзую омоли фардњои људогона ва тамоми мардуми мубориз, аз вањдати ќисмати халќ сар задааст» (ниг.: 14,50 – 65).

Айнї бо ду мафњуми барои инсон муќаддас шуури муосиронашро ба њаракат меоварад ва њиссу андешаи ононро ба љўш меандозад. Дар њамин

замина Айнї бо таърихи халќ, ба сарчашмањои ѓояи ватанхоњию ќањрамонї – осори адабию таърихии гузашта мурољиат карда, асарњое офарид, ки дар адабиёти давраи љанг мавќеи хос доранд. Дар ваќти офаридани чунин асарњо, устод Айнї ќабл аз њамиа аз афсонаву ривоятњо, сарнавишти шахсиятњои таърихї фаровон истифода кард. Нависандаи забардаст дар асараш «Чингизи асри XX» ќисмат ва аъмоли ношоями Гитлерро боταљовузкори њамќисматаш – Чингизи хунхор монанд мекунад. Фољиаи таърихии ду давраи таърихии аз њам дурро ќиёс карда, устод аз он ѓояи созандаи ватанпарварона берун мекашад. Маќсади аслии устод ошкор намудани моњияти бадеию разолат ва оќибати бесуди он буд, ки ба њадафаш расид. Сужети «Деви њафтсар» дар асоси афсонаи халќї сохта шудааст. Нависанда дар ќиёси образи афсонаи Деви њафсар оќибати сарнавишти пурфасоди Гитлерро пешгўї мекунад. Навиштањои дигари Айнї «Илмњои фикрњои олї ва бошишгоњи озодидўстон», «Модар – Ватан», «Бисту панљ сол» ва ѓайра моњияти таблиѓотї дошта, мардумро ба мењнату мубориза даъват мекарданд.

Айнї дар давраи љанг барои ошкор сохтани чењраи манфури фашизм аз жанри њаљвии фелетон низ истифода кард. Вай дар фелетонњои «Бадбўй будааст», «Харибедум» ба њаљви тезу кушанда маќсади ифлоси фашизмро зери танќид ва истењзо мегирад.

Агар дар чунин навиштањои публисистии устод Айнї асосан «воќеањои таърихї, афсонаву ривоятњо, хулоса њофизаи таърихии халќ ба рўйдодњои муњими иљтимоию сиёсии замон тобеъ шуда бошад ва барои мўътамаду барљаста ифода шудани нияти эљодии нависанда ва ѓояи асар хидмат намояд, очеркњои таърихии нисбатан калонтари илмию бадеии «Исёни Муќаннаъ» ва «Ќањрамони халќи тољик – Темурмалик» комиалан ба мавзўи таърихї бахшида шудаанд (14,39).

Нависанда дар ин ду асар ба оѓозгоњњои њофизаи таърихии халќ мурољиат карда, ба ёди мардум муборизањову ќањрамонињои озодихоњиашро ба зидди аљнабињои истилогар мерасонад. Дар яке агар диќќати мардумро ба исёни Муќаннаъ бар зидди арабњо љалб кунад, дар дигаре муборизаи

фидокоронаи Темурмаликро ба муќобили муѓулњо нишон медињад. Дар њар ду маврид њам њисси озодихоњї, ватанпарастї ва фидокории ќањрамонони таърихї барои нависандаи доно ифодагари рўњи тавоно ва шикастпазири халќ буд, ки ин ѓояи муњим алоќамандии нависандаро бо воќеияти замони љанг хеле барљаста ифода мекард ва «ба рўњи замони љанг созгор буд» (14,65).

Яке аз мавзўъњои асосии адабиёти ин давра, ки бо мавзўи љанг ва љанговар як љо љиддан ба тасвир омадааст, мавзўи дўстии халќњо мебошад. Масалан, Љалол Икромї дар њикояи «Њадя ба Октябр» ин мавзўъро дар симои ќањрамонони њикоя Кабир ва Соколов баён мекунад. Рањим Љалил дар њикояи «Њодисае аз Фронт» пайванди бародариро миёни Султон Рустамзода ва Дорченко таъкид карда, Фотењ Ниёзї оини бародариро ба воситаи сарнавишти Мухтор ба Поленко, Абдуррањмон ва Муќон Чермашовичи ќазоќ дар њикоягњои «Њаќќи хун» ва «Ќассоси додар» нишон медињад ва аз њикояи Сотим Улуѓзода «Атака» мо бо пањлўњои дигари дўстию рафоќати инсонї дар мисоли муносибатњои Шариф Њамидов ва Коля Девянов ошно мегардем.

Мунаќќид ва адабиётшинос Љўрахон Баќозода яке аз хусусиятњои адабиёти давраи љангии тољикро дар он мебинад, ки «дар асарњои нависандагон на ќањрамонї дар мадди аввал меистад» (14, 42). Мунаќќид ин хусусиятро њатто дар очеркњое, ки бевосита аз њаёти ќањрамони љанг навишта шудаанд, низ мушоњида кардааст. Њангоми мутолиаи фардии ќањрамононашон умуман эътибор надодаанд ва ин аз камбудињои љиддии адабиёти ин давр, хоса насри бадеї мебошад.

Муњимтарин мавзўе, ки дар насри ин давра ба назар мерасад, сарнавишти љанговари аз фронт баргашта мебошад. Ин гуна образњоро дар романи Љалол Икромї «Шодї» (Шодї) ва повести ў «Љавоби муњаббат» (Саидљон) ва романи «Навобод» Сотим Улуѓзода равшан мебинем.

Ѓайр аз ин насри ин давра таасуроти нависандагони аз фронт омада ва љанговари ба мењнати осоишта баргашта мавќеи хос дорад. Вале ин мавзўъро нависандагон акнун «дар зинаю савияи баландтари сифатї дарк ва тасвир» (14, 12) мекарданд.

Раҳим Ҷалил аз ҳамин мавќеъ дар ҳикояҳои «Пахтакор», «Зан ва шавҳар», «Умри дубора», «Хешу таборҳо» ва ѓайра рафоќати халќҳоро тасвир ва ифода кардааст. Нависандаи ҳунарманд Пўлод Толис бошад дар ҳикояҳои «Писарон», «Падарон ва писарон», «Модар» ба сарнавишти афроди аз ҷанг бозгашта ва ќисмати онҳо таваљљўҳ зоҳир намуд. Толис ҳикояҳои дигараш «Катео», «Писари ў», «Дар бўрон»-ро ба мавзўи дўстии халќҳо, рўҳи ќавии инсон ва фидокорию собитќадамї ихтисос додааст.

Вале дар адабиёти ин даврв то ба имрўз ҷиддитарин асар повести «Ёрони боҳиммат»-и Сотим Улуѓзода ва романи «Вафо»-и Фотеҳ Ниёзї мебошанд, ки дар мавриди ин ду асар мо баъдтар сухан хоҳем гуфт.

Ҷанг мазмуну мундариҷаи адабиётро дигар кард. Таваљљўҳ ба мавзўи ҷанг ва аќибгоҳ дар осори бадеї зиёд гардид. Хусусиятҳои адабиёти ин давраро ба эътибор гирифта М.Шукуров навишта буд: «Тамоми адабиёти сермиллати мо аз сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанї мазмуну шакл ва ранги ҷанговарона гирифт. Ҳиссиёти олии ватанпарварї, озодихоҳї ва кинаву нафрат нисбат ба истилогарони фашизм мундариҷаи асосии адабиёт буда, хусусиятҳои жанрї ва воситаҳои бадеии онро муайян кард». Бинобар ин ҳам дар наср мавќеъ гирифтани жанрҳои хурд, аз ќабили очерку ҳикоя, фелетону маќолаҳои публисистї ҳолати воќеии инкишофи адабиёт буд.

Бисёр адабиётшиносон адабиёти ин давораро солномаи бадеии ќаҳрамониҳои ҳаёти халќ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанї шинохтаанд.

Устод Айнї дар саргаҳи таблиѓоти зиддиҷангї меистод. Маќолаҳои публисистї ва очеркҳои таърихии ў ба бедории шуури миллї ва ифтихороти ватанхоҳї мусоидат кардаанд. Вале дар ин замина хидмати адибони ҷанговар зиёд аст.

Дар инкишофи навъҳои хурди адабї ва таҳќиќи бадеии воќеияти замони ҷанг, ҳам саҳнаҳои ҷанг ва ҳам корзори аќибгоҳ саҳми нависандагон Раҳим Ҷалил, Сотим Улуѓзода, Фотеҳ Ниёзї ва Ҷалол Икромї калон аст.

Очерку ҳикояҳои Сотим Улуѓзода «Як ва саду як», «Вай шаҳри Ленинро мудофиа мекунад», «Ҷонбозї», «Атака», Фотеҳ Ниёзї «Кабири Ҳоитї», «Азими

Мерган», «Аҳд ва вафо», «Рӯймолча», «Байрақ», «Қасоси додар», «Ҳаким Карим», «Хун ба хун» ангораҳоеанд аз саҳнаҳои ҷангии қаҳрамонони эшон. Муҳаққиқи ин мавзӯъ дар адабиётшиносии тоҷик Ҷ. Шарифов тасвирҳои лаҳзавиро аз камбудиҳои эҷодиёти ин адибон дониста буд. Баъдтар муҳаққиқ Ҷ. Бақозода ин камбудиҳоро ба сабаби он ки «вазъи душвори ҷанг ба ин адибон на танҳо барои бо кори эҷодӣ ҷиддан машғул шудан, ҳатто ба тасвири пурвусъати воқеа ва ба образҳои ҷанговар аз ҳар паҳлӯ наздик шудан низ имкон намедод», ҷуброн мекунад (14, 40-41). Вале ба назари мо ин ҷо камзарфии ин ва бисёр навиштаҳои дигар ба маҳорати нигорандагии муаллифон алоқаманд аст.

Камбудии аксари ҷангномаҳои мансуру манзуми адабиёти тоҷик ба пайгирии соддалавҳонаи онон бо назарияи илҳоқии «одами оддии шӯравӣ – қаҳрамони арса» вобаста аст. Дар ин раванд Сталин инсонро винтик ва нависандагонро «инженерони рӯҳи одамизод» шинохта буд. Намояндагони хоҳу нохоҳ ин тавсияро бояд мепазируфтанд. Ва инсони шӯравӣ низ ин ташбеҳи ноҷои доҳиро ҳамчун тавсиф пазируфт. Дар таҳкими ин ақида шеъру достон ва осори мансур ба миён омад. Зиёда аз ин ҷомеаи шӯравӣ, ба хусус зиёиён бо мактубҳои расмӣ ҳанӯз аз аввалин рӯзҳои ҷанг ба мадҳ ва ситоиши нерӯи фавқулоддаи ин «винтик» пардохтанд. «Винтикҳо» худашонро бо камоли садоқат ба ихтиёри Ватан ва ҳизби коммунистӣ сафарбар намуданд. Ин амал ҳеҷ ҷои истеҳзо надошт, вале аз даст додани тааҳҳуди нависандагӣ ва фурӯ гузоштани арзишҳои инсониву бадеӣ хеле таассуфангез омад. Ин амал пайомади ногуворero барои адабиёт муҷиб гардонид, ки то солҳои охир идома ёфт.

То таълифи қиссаи Сотим Улуғзода «Ёрони боҳиммат» ва романи Ф.Ниёзӣ «Вафо» чунин тасвири шахсияти инсон дар наср ва назми мо мақоми хосе дошт. Ба пайбурди аксари муҳаққиқони адабиёт ин асарҳо «ба эътибори таҳқиқи бадеии воқеияти замони ҷанг ва офаридани образи ҷанговари тоҷик дар адабиёт аз ҳамдигар куллан фарқ доранд» (14, 44). Баъд муҳаққиқ ин тафовутро дар тасвири психологӣ ва пурвусъати эпикӣ мебинад.

Ин шояд як паҳлӯи масъала бошад. Паҳлӯи муҳимми он биниши бадеии адиб аст. Зиёда аз ин тарҳи чашмандози ӯ ба шахсияти инсон мебошад. Яъне бо эҷоди ин асар консепсияи шахсият биниш сифатан тағйир мепазирад ва ҳақ ба ҷониб Бақозода аст, ки мегӯяд: «аз повести Сотим Улуғзода», «Ёрони боҳиммат» романи Фотеҳ Ниёзӣ «Вафо» ва баъзе ҳикояҳое, ки дар мавзӯи ҷанганд дар наср ба воситаи таҳқиқи бадеии хислату характери фардии ҷанговарон ошкор сохтани моҳияти умумихалқии Ҷанги Бузурги Ватанӣ тадриҷан оғоз ёфт» (14, 46).

***Ин хусусияти наср дар охири солҳои чилум ва ибтидои панҷоҳум ҳанӯз дар лиҳози бадеият чашмгир набошад ҳам, бо вуҷуди ин дар адабиёти тоҷик ҳодисаи нав буд ва солҳои баъд як дараҷа тақвият пайдо кард. Ва дар ин таърих ҳамоно мавқеи қиссаи «Ёрони боҳиммат» ҷудогона аст. Бо эҷоди ин асар нависанда ба дидгоҳҳои қолабӣ рахна андохт. Асар навҷӯёна буд, ки баъзе мунаққидон онро хуш напазируфтанд. Сотим Улуғзода бо ин асар меъёри қолабии тасвири қаҳрамони мусбатро шикаст.***

<u>Дар адабиёти ин давра расм буд, ки қаҳрамони аз корзор баргаштаро масъули ҳаёти ҷомеа тафсир кунанд. Ҳадафи ин гуна афрод дар адабиёт якто буд: чи тарз истеҳсолотро пеш бурд ва натиҷаро зиёда намуд. Ин афрод гӯё андешаи зиндагии хеш надоштанд, онҳо таваҷҷӯҳе ба зану фарзанд низ надоштанд. Ин ҳолати «ибратбахши винтикҳо – одамони шӯравӣ» эталони адабӣ буд. Улуғзода ҳамин гуна назари якрӯяро шикаст.</u>

Пеши назар инсонеро (дар мисоли образи Ҷӯрабек ва Зайнаб) падид овард, ки сарнавишти ибратангези инсонӣ дорад. Нависанда дар тасвири ҳар ду образ рӯҳшиноси комил аст. Барои ӯ меъёрҳои ахлоқӣ арзиши фаровон дошта, аз ҳамин дидгоҳ «хатои Зайнаб»-ро ислоҳ мекунад ва марҳаме ба ҷароҳати Ҷӯрабеки маъюб мегузорад. Агар воқеияти замони ҷангро пеши назар орем ба ҳама гуна суолҳое, ки нисбат ба амали Зайнаб, муносибати ӯ бо Каримов ва дигарон пайдо мешавад, ҷавоби мусбат пайдо мегардад. Зиёда аз ин чашмандози бадеии нависанда ба сарнавишти қаҳрамонон ба ҳадде амиқ ва пурвусъат аст, ки ҳама гуна тафсири қолабии ин мавзӯъро барҳам мезанад. Ин

асар роњи инсонро дар торикињо ва хамгаштњои зиндагї равшан медорад. Арзиши ахлоќї ва бадеии ќисса низ дар њамин аст.

Љои Пўлод Толис дар адабиёти ин давра људогона аст. Зеро сухани Толис аз оѓози фаъолияти эљодиаш бовазну боиродат буда, арзиши бадеї дошт. Ў аз ибтидо касби нависандагиро бисёр љиддї ва созанда шинохта, дар роњи такмили мањорати адабиаш саъй мекард. Баъдтар Фазлиддин Муњаммадиев хислатњои неки ўро ёд оварда, аз љумла навишта буд, ки «Толис њар коре, ки мекард аз сидќи дил, њамаи њушу ёду диќќати худро сафарбар ва сарф карда мекард». Њамин фазилат чењраи инсонї ва нависандагии ўро ташхис медињад. Устод Айнї аз аввалин касоне буд, ки истеъдоди Толисро шинохт ва ўро ба роњи дуруст њидоят кард. Шояд њамаи ин омилњо сабаб гардид, ки Толис соли 1954 дар синни биступанљсолагї ќиссаи дилангези «Тобистон»-ро навишт, ки барои насри тољик асари бунёдист.

Зимнан бояд гуфт, ки муњаќќиќ Љўрахон Баќозода вобаста ба савияи нависандагии эљодиёти Толисро ба ду давра људо мекунад. Давраи аввали эљодиёти ўро мансуб ба оѓози нависандагии ў то аввали солњои панљоњ дониста, даври дуюми эљодиёти ўро «тахминан аз соли 1954» ба ин тараф мешиносад.

Ў ба нависандагї замоне шурўъ кард, ки љанг поён ёфт ва халќ ба табобати захмњои он мепардохт. Бинобар ин њам табиист, ки аввалан навиштањои ў ба мавзўи љанг бахшида шуда, аз бозгаштани њаяљонангези «Падарон ва писарон», «Модар», «Катсо», «Дар бўрон», «Писари ў» як дараља тафовут доранд. Њарчанд ин навиштањои адиб аз лињози бадеият чандон пурарзиш нестанд, бо вуљуди ин баъзе масъалањои муњимро мавриди баррасї ќарор додаанд. Рўњияи пардозгарї аз камбудињои љиддии асарњои ин давраи муаллиф аст, ки онро њолати сиёсии мамлакат вазъ карда буд. Ин њодисаро бисёре аз адабиётшиносон ба талаботи моддию иќтисодї, техникии мамлакат алоќаманд дониста, бо ин амал њолати манфии вазъи инкишофи адабиётро љуброн кардани мешавад, ки сањењ нест (14, 175).

Вале дар эљодиёти Толис ва адабиёти ин давра асари ў «Тобистон»

маќоми хос дорад. Толис ба навиштани ин повест соли 1954 шурўъ карда, соли 1959 онро ба чоп расонид. Чопи ин асар њамон солњо ва баъд њамчун њодисаи муњими адабї шинохта шуд. Муњимтарин фазилатњои ин повестро дар ваќташ Мирзо Турсунзода дуруст хотирнишон карда буд. Вай гуфта буд, ки «ба ѓайр аз хубии забон, муайян будани характеристикаи ќањрамон, мустањкам будани риштаи сужет ва њаяљономезу самимї будани тањрир – ба ѓайр аз инњо Толис ба адабиёти мо аз љињати психологї кушода додани образи ќањрамонро даровардааст. Диќќат кунед, ки нависанда моро ба њељ чиз маљбур намекунад, моро ташвиќ намекунад, балки ба њамаи чизњо худи мо пурра ќаноат мекунем. Тамоми њаракатњои дил ва фикру орзуњои Њасани хурдсол њаминхел хеле нозук ва даќиќ тасвир ёфтаанд».

Муаллиф дар ин асар  воќеиятро аз дидгоњи бачаи сездањсола шарњу тафсир мекунад. Ин усул имкон додааст, ки дунёи ахлоќиву маънавии ќањрамон аниќ ва табии ба ќалам дода шавад. Мањорати  нависанда махсусан дар он равшан ба назар мерасад, ки дар тарзу оњанги баён рафтору кирдори ќањрамон њадди синну солро сахт ба эътибор гирифта, ба ин васила чењраи таъмимии ќањрамонашро ба вуљуд меорад, ки барои хонанда љињатњои муњими омўзандагї касб мекунад.

Њасани сездањсола орзуи ба фронт рафтан дошт. Вале таѓояш Абдулатиф сабаб шуд, ки зиндагии ў роњи дигар гирад. Абдулатифи маккор барои Њасани бетаљриба њалќаи доми фиреб гардид. Абдулатиф мекўшид, ки барои Њасан дом гузорад. Њасан ба ин дом афтид, зеро ба одамони худї, хоса таѓояш Абдулатиф бовар дошт. Ин  сабаб гардид, ки Њасан шарики макру риё ва њамкорињои таѓояш гардид.

Ќањрамони кўчаки нависанда мушоњидакор ва орзупарвар аст. Ба њама чиз таваљљўњи хос дорад. Вай эњсос мекунад, ки коргарони Зарчашма на фаќат ба Абдулатиф эњтиром надоранд, балки ўро бад њам мебинанд. Вале ў ба моњияти ин бадбинї сарфањм намеравад. Дар натиљаи  мушоњидањо ва ќиёси муомилаи таѓояш бо Шокиртарошаю Ќосимљон ва наздики ба онон оњиста-оњиста ба тањи гап сарфањм мерафтагї шуд.

Шокиртароша, Ќосимљон аз шахсиятњое њастанд, ки ба Њасан таъсири маънавї расонидаанд.

Ќањрамони повест дар миёни воќеъияти мураккаби замони љанг ба тасвир меояд. Воќеият ўро бо одамони гуногун, робита бо одамони «худи» - таѓояш ва њаммаслакони ў «бегонагон» - Ќосимљон, Шокиртароша, Ќарим чашми ўро ба њаќиќати зиндагї мекўшояд. Беш аз ин андешаи ўро дар бораи инсон тарњ медињад. Њасан бо таъсири робитае, ки бо одамон дошт, инсонњои нексириштро шинохта аз таѓояш Абдулатиф маънану ботинан људо мешавад ва рў ба одамони нексиришту поквиљдон ва мењнатдўст меоварад. Бо њамин дастур «хеш» барои ў бегона гардид ва «бегонагон» хеш шуданд. Хонандаро консепсияи ахлоќии тарњдодаи нависанда дар шинохти маќоми инсон мутваљљењ медорад ва ин њодиса дар насри ин давра ба ќудрат аст.

Чунончи дар боло ишора рафт таѓйироти нахустине, ки дар адабиёти ин давра рух дод, дигаргунињои жанрї мебошад. Истифода аз жанрњои хурд, мисли очерку њикоя, ангорањо ва махсусиятњои адабиёти ин давра буд. Дигаргунии дигари жанрї низ ба пайдоиши ёддошт, дром ва ѓайра вобаста мебошад. Маънз дар њамин давра муњимтарин асари устод Айнї «Ёддоштњо» ба майдон омад. Аз љониби Ѓанї Абдулло, Сотим Улуѓзода, Љалол Икромї, Мирзо Турсунзода, Муњаммадљон Ќосимов, Абдушукур Пирмуњаммадзода, Њаким Карим асарњои драмавї навишта шуданд.

Ќисме аз ин асарњо, аз љумла песањои Љ. Икромї «Дили модар» ва «Хонаи Нодир», Сотим Улуѓзода «Дар оташ»-ро театрњои драмавї ба сањна гузоштанд. Вале асарњои нисбатан муњимми ин давра њамоно «Шоњнома», «Лайлї ва Маљнун», «Хусрав ва Ширин» буданд. Ин дромњо масоили муњимми ахлоќї, аз љумла ватанпарастї, собитќадамї дар роњи муњаббати асил ва ва ѓайраро дар бар гирифта, аз љињати бадеият низ бартарињо доштанд.

Ибтидои таърихи навини шеъри тољикиро муњаќќиќон ба иттифоќ соли 1918 шинохтаанд. Солњои 1922-1924 сањифањои ин китоб холї мемонад. Ин солњое буд, ки дастгоњи расмї ба иттифоќи пантуркистон халќи тољикро бе минбар сохт, яъне мардуми мо бематбуот монд. То нашри «Овози тољик»

(15 августи соли 1924) шеъри тоҷикӣ чоп нашудааст.

Муҳаққиқони таърихи назми ин солҳо романтикаро аз хусусияти умдаи шеъри ин давра шинохтаанд. Ин равияро дар эҷодиёти Айнӣ, Аҷзӣ ва баъдтар Лоҳутӣ ба мушоҳида гирифта, мусовӣ набудани онро таъкид кардаанд (96, 27). Ва ин романтизм то дараҷае аз романтизми маорифпарварӣ тафовут дошт, ки ин ба ҷанбаи инқилобӣ ва моҳияти пурқувввати таблиғотӣ дошт он дида мешавад. Махсусан, шеърҳои ин давраи Лоҳутӣ дорои қувваи нави инқилобӣ буданд. Вале «Хаёлоти романтикии маорифпарваронаи Айнии шоир бо романтикаи инқилобии Лоҳутӣ як шуда, романтикаи адабиёти советии тоҷикро ба вуҷуд овард. Воқеияти инқилобӣ ва муборизаҳои қаҳрамононаи халқ заминаи ҳаётии ин романтикаро ташкил менамуд» (96,27).

Айнӣ сарвари адабиёти нав ва нахустшоири гардишҳои нави инқилобӣ гардид. «Суруди озодӣ»-ро навишт. Ҳаёти пурфоҷиаи аморати Бухоро, ки ӯро қариб ба ҳалокат расонида буд, заминае гардид барои таронаҳои васфии ӯ дар бораи Инқилоб. Дар шеърҳои васфии ӯ агар тараннуми ҳавохоҳонаи бебори ҳаводиси нави ҳаётӣ тасаллут дошта бошад, дар шеъри «Марисия»-и ӯ, ки дар марги бародараш Сироҷиддин гуфта шудааст, чеҳраи шахсияти пурқудрату қавиирода пеши назар меояд. Эҳсос мешавад, ки «Ин шеър аз ҷиҳати ҷӯшу хурӯши ҳиссиёт, андӯҳи бепоён ва ғазабу кинаи фаровон беҳтарин намунаи лирикаи оташафрӯзест, ки бо роҳи исён ва инқилоб обёрӣ шудааст» (73, 77).

Дар эҷодиёти манзуми ин давраи Айнӣ ин қабил шеърҳое, ки арзиши иҷтимоӣ доштанд, аз бадеиятӣ низ холӣ нестанд, ба назар мерасанд. Вале умуман назми ин давра аз тараннуми хушк ва бемояи Инқилоб, мактабу маориф, озодии зан ва ғайра иборат буда, зиндагӣ ва воқеоти онро танҳо аз дидгоҳи сиёсӣ ва табақотӣ тафсир мекунад. Дар бисёр мавридҳо ин қабил шеърҳо ҷуз тафсири манзуми воқеияти рӯз чизи дигаре надоранд.

Дар радифи шеъри Айнӣ мо аз матбуоти ин давра шеърҳои Т. Зеҳнӣ, Ш. Ҳилмӣ, А. Мунзим, А. Фитрат, Ҳамдӣ ва дигаронро низ дучор меоем, ки воқеан ҳам «Дар бораи воқеаҳои муҳимми замон бо шеър фикру мулоҳиза баён

кардаанд» (96, 32). Ин шеърҳо бештар хусусияти даъватӣ ва таблиғӣ дошта, аз лиҳози бадеият камарзишанд. Муҳаққиқони адабиёт ин давраи назми тоҷикро марҳалаи нахусти зуҳур ва инкишофи он донистаанд.

Марҳалаи дуюми он аз соли 1924 оғоз мешавад ва ин марҳала бо ташкили Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон ва таъсиси матбуоти тоҷикӣ - «Овози тоҷик» алоқаманд аст. Дар ин давра инқилоби нокомшудаи Эрон Лоҳутӣ барин шоирро ба Шӯравӣ овард, ки баъд Тоҷикистонро дуввумин ватани хеш интихоб намуд. Пайки инқилобии Лоҳутӣ дар ин давра шеъри «Инқилоби сурх» буд, ки шоирони тоҷик Айнӣ, Ҳамдӣ, Мунзим, Фитрат, Авҳадӣ ба он ҷавоб гуфта, Лоҳутиро ба «Адиби сурх» мусаммо карданд.

Муҳаққиқони шеъри Лоҳутӣ, аз ҷумла Сипонлу Лоҳутиро «Шоири дуҳовоӣ» хонда, вуруди ӯро ба Шӯравӣ марҳалаи заволи шоириаш донистааст. Донишманди тоҷик М. Шакурӣ низ бар ин ақида аст, ки «он гоҳ, ки Абулқосим Лоҳутӣ аз Эрон ба Шӯравӣ паноҳанда шуд (1922) бунёди фалсафии шеъраш қавӣ буд. Дар кишвари Шӯравӣ шеърҳое аз қабили қасидаи «Кремл» (1922), як силсила рубоиву ғазалҳо сурудааст, ки аз биниши фалсафии ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Аммо баъдтар ба вежа дар даҳаи сиюм шеъри иҷтимоии Лоҳутӣ аз ҳикматписандӣ дур рафтан гирифт ва мазмунан аз дастурҳои дастгоҳи идеологии рӯз иборат асту бас. Дар солҳои ҷанги зидди фашизми Олмон дар шеъри Лоҳутӣ боз ҷамъбастҳои амиқи умумиинсонӣ мавқеъи бештар пайдо карданд. Чун худ муборизи ҷаррор буд, ҷанги озодихоҳӣ боз чашмаи илҳоми моҳиятҷӯии ӯро ба ҷӯш овард» (М. Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист, «Садои Шарқ», 1998, 1-6 саҳ-116).

Фаъолияти шоирии Айнӣ дар ин давра мусовӣ бо фаъолияти носириаш идома дошт. Бисёре аз шеърҳои Айнӣ, Лоҳутӣ ва ҳамсафони дигари онҳо аз таъсири манфии ҷараёни идеологии вақт, ки бар адабиёт ва муҳити адабӣ нуфуз дошт, озод набуданд.

Дар ин давра танҳо эҷодиёти Пайрав Сулаймонӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи тамоюлҳо, мавзеъгузиниҳо ва саргумиҳо дар шеъри ин давра сухан гӯем. Дар ин боб муфассалу мушаххас дар эҷодиёти Пайрав сухан

хоњем гуфт. Алњол њамин ќадар метавон ишора кард, ки Пайрав ягона шоири ин давр буд ва ќурбони каљбозињои замон ва сиёсати давр гардид. Зарбу лате, ки ба ў ворид омад, ин ќаблан иќдоми боздоштани роњи нируњои солими адабиёт буд. Сарнавишти пурфољиаи њунарї ва инсонии Пайрав бозгўи њолати воќеии сиёсати адабии њизбу давлат дар ин солњост.

Дар давраи љанг низ назми тољик назми воќеагаро буд. Асосан хидмати таблиѓотиро адо мекард. Вале шоироне буданд чун Њабиб Юсуфї, ки барои шеъри асил мубориза доштанд ва нисбат ба шоирони дигар шеърњои бењтаре мегуфтанд.

Њабиб Юсуфї аз оѓози фаъолияти шоириаш (1934) ба гуфтани шеъри образнок майли тамом дошт. Бесабаб набуд, ки мафњуми «Ватан» дар шеъри ў тобиши хос пайдо карда, минбаъд дар љангномањои ў ба образи комили шеърї бадал мешавад. Шояд таањуди комили иљтимої ва шоириаш буд, ки ин номи муќаддасро дар бисёре аз шеърњояш бо њадафи амиќи ѓоявї ва эљодї гузоштааст. «Таронањои Ватан» унвони маљмўаи шеърњои ўст, ки соли 1939 нашр гардидааст. Ва бо номи «Ватан» шеърњои дигар низ гуфтааст.

Мавзўи Ватан ва муќаддасоти он паси њар сатри шеърњои замони љангии Њабиб Юсуфї љорист. Дар ин замина шеърњои «Таърих дидааст», «Интиќом», «Мо ба душман зарбањои душманафкан медињем», «Амон нест», «Муњаббат ва њаќиќат» љолибанд. Нируи халќ, ки соњиби хоки обу Ватан аст, дар ин шеърњо образи шеърии мафњум аст, ки бори амиќи шеърият мекашад ва шеъри шоирро ба назари хонанда љаззоб љилва медињад. Дар ин шеърњо шоир адолатро бар разолат муќобил гузошта, озодии Ватанро муњимтарин рукни њастии хеш тафсир мекунад. Дар ин замина муњаббати ў ба Ватан хеле амиќ меравад, ки хонандаро билкул фаро мегирад ва мутаассир месозад.

Тамоюли манфие, ки дар шеъри ин давра ба назар мерасад њамоно воќеанигории мањз аст, ки ин адабиётро аз асолати њунарї дур бурдааст. Ваќте иљмолан бо эљодиёти намояндагони шеъри ин давр, аз љумла Лоњутї, Турсунзода, Рањимї, Зуфархон Љавњарї, Суњайлї Љавњаризода, Ноил Шерзода, Сарвар, Ањмадљони Њамдї, Мунзим, Лутфї Обидхоља, Пайрав,

Њабиб Юсуфї, Мирсаид Миршакар, Нодир Шанбезода, Муњиддин Аминзода, Тилло Пўлодї, Боќї Рањимзода, Ѓаффор Мирзо, Саидалї Вализода, Њикмат Ризо ва дигарон назар афканем, равишњои мусбату манфии шеъри ин давраи тољик комилан пеши назар меояд. Мебинем, ки дар ин миён шоироне будаанд, ки рисолати хешро дар назди њунару Ватан ба хубї дарк крада ба ќадри истеъдод дар рушди шеъри тољикї сањм гузоштаанд. Гурўњи дигар, ки мутаассифона, бештаранд, шеърро барои нон ва ном гуфтаанд, ки якеро шомил шуда, дигареро бо фавти хеш аз даст додаанд. Ин гурўњро асосан сиёсати њизб рўи кор оварда, дастгирї карда ва аз онњо барои таблиѓ ва тањкими идеологияи љорї истифода кардааст. Ин гурўњ мањз сиёсати њизбро дар бораи адабиёт думбол мекарданд, ки оќибат онњоро чун шахсияти њунари ноком сохт ва беш аз ин ба рушди адабиёти асил монеъањои зиёде эљод кард.

Бисёр мавзўъњое, ки ба шеъри ин давра ворид шуданд, заминаи сиёсї доштанд. То ваќтњои наздик таваљљўњ ба мавзўи байналмиллалї дар шеъри тољикї аз равишњои тоза ва мусбат маънидод мешуд. Вале имрўз гурўње аз адабиётшиносон ба шеърњои дар ин мавзўъ гуфтаи Пайрав ва Турсунзода барин шоирон эрод мегиранд ва ин равишро аз њодисаи каммояи адабї таъбир мекунанд. Камбудии љиддї дар он буд, ки «шеъри сиёсии таблиѓї дар дањаи сї ва чињил аз њаќиќати воќеї кам чизеро дар бар дошт» (117). Дар њамаи ин гуна шеърњо њаёти халќи Шўравї, хоса сокинони Шарќи Шўравї пурмуболиѓа ба тавсир меомад.

Равиши номатлуби дигари шеъри ин давра фуру гузоштани њуввияти миллї буд. Назарияи халќи советї заминаи «њуќуќї»-ро барои чунин амал ба адабиёт, хоса ба муболиѓони ин сиёсат муњаё сохт. Ин равиш космополитизми зиёновар буд, ки шоирони саршинос ба гузашта бо танаффур нигариста, барои мероси гузаштаи миллї арзиши лозимаро ќоил намешуданд. Алайњи жанру шаклњои шеърї, аз љумла ќасида љанг эълон карда, њатто рўњи ахлоќписанди шоирони чун Саъдию Њофизро озор доданд.

Рў тофтан аз шеъри асили гузашта, офаридани шаклњои сунъї боиси ба

вуљуд омадани шеъру достонњои ќолабї гардид. Дар наср ва назм пайравии бесуд љуз сирќот онро чизи дигаре наметавон шинохт, риволљ ёфт ва ин гуна асарњо аз асолати њунарї бархурдор набуданд.

Мавзўоти замона таќозо кард, ки насру назми камзарфу каммояи ба истилољ истењсолї ба майдон ояд. Таќлид ба Горкий, таќлид ба Шолохов, ба Маяковский ифтихори адиб дониста шуд ва касе њаќ надошт, ки моњияти ин гуна љустуљўњоро тафсир кунад. Њамин гуна сиёсати нораво адабиёти аз њуввияти миллї марњумро рўи кор овард, ки боди ваќт бисёр сањифањои онро ба осорхонаи таърих тела дод.

**Савол ва супоришот:**

1. *Адабиёти давраи муборизаҳои ичтимой-сиёсӣ ва мафкуравӣ ва моҳияти он*
2. *Доир ба муборизаҳои истиқлолиятхоҳӣ дар адабиёти бадеї маълумот диҳед.*
3. *Адабиёти навини тољик ва оѓози ташаккули он.*
4. *Доир ба марњилаи инкори суннат ва мерос дар адабиёти тољик маълумот диҳед.*

## 4-мавзўи. НАСРИ БАДЕИИ АДАБИЁТИ НИММАИ АВВАЛИ АСРИ XX

### Нақша

1. *Адабиёти навини тољик ва оѓози ташаккули он.*
2. *Марњилаи инкори суннат ва мерос дар адабиёти тољик.*
3. *Моњияти асосии адабиёти марњилаи мавриди назар.*

Муњаќќиќони таърихи адабиёти тољик солњои бистро «давраи пайдоиш ва ташаккули насри советии тољик» (96,188) дониста, аз публисистикаи «Шўълаи инќилоб» (1919-1921) то нашри повести Айнї «Одина»-ро «давраи пайдоиши насри нави реалистї» ва «давраи ташаккули онро солњои 1927-1930 муайян кардаанд» (96).

Аз муаллифоне, ки дар ин давра беш аз њама дар шаклгирии публисистикаи тољик сањм гузоштааст, фаќат Айниро метавон ном бурд. Ба ѓайр аз маќолањои публисистї дар ин давра Айнї очеркњои таърихии «Таърихии

амирони манѓиятияи Бухоро», «Материалњои таърихи инќилоби Бухоро», повестњои «Љаллодони Бухоро» ва «Одина»-ро таълиф кард. Воќеан њам «ин асарњо тањкурсии насри советии тољикро ба вуљуд овардаанд ва монанди назм «шарафи асосгузории он њам ба устод Айнї насиб гардид» (96, 189). Баъдтар Айнї мањораташро такмил дода, њикояи «Мољрўй», повестњои «Ањмади девбанд», «Ќулбобо» ва романи «Дохунда»-ро навишт ва бо ин асарњои худ «роњи тараќќии насри бадеиро муайян кард» (96, 189). Айнї њам дар очеркњои таърихии дар аввал зикршудааш, њам дар повестњову романи «Дохунда» нахустин бор «воќеиятро њаќќонию таърихан конкрет ва дар тараќќии револютсионї ба шакли хоси миллї» (96,189) нишон дод.

Дар охири солњои бистум ба майдони наср љавононе чун Љ. Икромї, Б. Аљизї, А.Дењотї, Њаким Карим, С. Улуѓзода, Бадриддин Икромї, Абдулѓанї Мирзоев ва Ќурбон Бањлулзода омаданд, ки њикояву очерк ва маќолањои танќидї менавиштанд. Дар ин давра Пайрав низ дар наср ќувваозмої карда, њикояи «Гуландом» ва повести нотамоми «Духтари чингиз»-ро навишт. Абдулвоњиди Мунзим њикояи «Обшори чашмдор»-ро эљод кард.

Агар Айнї дар асарњояш ба воќеияти таърихї муроҷиат карда бошад, нависандагони љавон кўшиш мекунанд, ки дар мавзўи рўз асар нависанд.

Вале диди таърихї ва назари амиќу моњиятљўи Айнї шароити фикриеро муњаё сохт, ки дар насри солњои бист сухани ба вазн ва баэътибор гўяд. Агар Айнї дар маќолањои публисистї ва очеркњои таърихиаш «мубориза дар роњи сарнагун сохтани дунёи истибдоди феодалї ва ба даст овардани истиќлоли миллї»-ро њадафи асосии ѓоявї ќарор дода бошад, дар асарњои баъдиаш ба воситаи таљассуми бадеии воќеияти таърихї моњияти истибдод ва арзишњои инсонпарваронаи инќилобиро таъкид мекунад.

Арзиши таърихї ва гуманистии аввалин повести советии тољик дар он буд, ки нависанда њаќиќати талх ва фољиаомези њаёти халќро дар аморати Бухоро бо камоли даќиќназарї тасвир намуд. Ин повест њам монанди дигар асарњои Айнї зери таъсири идеяњои инќилоб навишта шуда, моњиятан назари синфиятљўй дар он афзалият дорад. Бо вуљуди ин муваффаќияти бузурги

нависанда дар он буд, ки моњияти ѓайриинсонии сохти давлатдории амириро бо тамоми ќабоњаташ ошкор сохт. Чунин ѓояи инсонпарварона нафаќат дар изњори њамдардї ва рањму шафќат нисбат ба маќтулњо, балки дар ифодаи нафрату ѓазаб, ќањорат ва эътирози сохти иљтимої нисбат ба тартиботи сохти љамъияте зуњур кардааст, ки боиси кушта шудани мардуми бегунoњ мегардад (96, 229). Аз ин љињат тири аввалини Айнї ба муќобили низоми давлатдории ѓайриинсонї равона шуда, моњияти назари монадагори иљтимоии нависандаро муайян мекунад.

Повести «Одина» намунаи дигари насри ин солњост. Устод Айнї дар асар «ањволи коргарон ва дењќони тољикро дар арафаи Инќилоби Бухоро тасвир карда, дар эљоди он «худи њаёт мушоњидањои нависанда, воќеањои реалї ва таърихан конкрет, саргузашти одамони воќеї, маълумоти вакилони тољикони кўњистони оид ба маишат, урфу одат» (96, 235) ба нависанда кўмак кардааст.

Донишманди маъруф М.Шукуров дар бораи повестњои «Љаллодони Бухоро» ва «Одина» сухан ронда, гуфта буд, ки њар ќадами Айнї «дар насри тољик дар роњи тасвири реалистии зиндагонї як ќадами нав, њар сухани ў як сухани тоза буд. Њар сухани тозаи ў реализми тасвирро як дараља такмил медод ва як поя боло мебурд» (116,101).

Дар насри солњои бист ин ду асари Айнї љойгоњи хос доранд. Сарфи назар аз таъсир ва ба коргирии идеологияи њоким Айнї тавонист, ки ба воситаи ин асарњояш аввалан моњияти ѓайриинсонии сохти давлатдории амириро нишон дињад, баъдан неруи бузурги халќро дар роњи дигаргунињои иљтимої ва таѓйири дунёи зулм арзишманд шинохтааст.

Айнї дар фароварди дањаи аввали «гардишњои инќилобї» романи «Дохунда»-ро чоп кард (1927-1930). Дар ин роман низ дар партави воќеият ва сиёсати расмии замон Айнї масъалаи озодї ва истиќлоли маънавию моддии инсонро аз муњимтари муаммоњо медонад. Вале ин масъала дар роман аз мавќеи манфиатњои синфї њал мегардад. Чунин назар ба нависанда имкон намедињад, ки дар сари категорияњои фалсафии инсон, озодї, замон ва макон ба хулосаи сањењ ояд. Аз њамин мавќеият фаъолияти љадидон дар роман

маҳкум мешавад, ки ба ҳақиқати таърих рост намеояд. Хулосаи Айнӣ ин аст, ки озодии инсонро на назми давлатдорӣ, балки сохти он таъмин месозад.

Дар он замон ва баъд романи «Дохунда» миссияи бузурги таблиғотӣ дошт. Ҳатто ин таъсир ба дараҷае буд, ки қаҳрамонони асар талмеҳи образҳои адабӣ, дар назму наср гардиданд. Дар шеър такрор ба такрор ба сифати образи шеърии қиёсӣ истифода шуданд.

Насри солҳои бист бо асарҳои Айнӣ ҳодисаи дигареро дар ҳаёти фарҳангии тоҷикон тасдиқ кард. Ин ба ҳукми забони устувори насри бадеӣ мавқеъ гирифтани забони тоҷикӣ буд. Ин забоне буд, ки аз забони ноби форсии классикӣ гирифта, бо кӯшиши Айнӣ бо роҳи истифодаи санҷидакорона аз забони мардумӣ сайқал ёфт ва мавқеият пайдо кард.

Чунонки дар боло ишора кардем, охири солҳои бист як гурӯҳ ҷавонон ба арсаи адабиёт омаданд, ки «бо роҳбарӣ ва маслиҳати Айнӣ» (96, 318) дар роҳи ташаккули насри он солҳо саҳми босазо гузоштанд. Аз ин гурӯҳ танҳо Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, Б. Аҷзӣ, С. Улуғзода ва Ҳ. Карим тавонистанд, ки саъю кӯшиши тамом номашонро дар адабиёт сабт кунанд. Ин гурӯҳи адибон асосан ба навиштани ҳикоя майлу рағбат доштанд. Ҳамин майл буд, ки Пайрав ҳикояи «Гуландом»-ро навишт ва ҳикояи «Обшори чашмдор»-и Мунзим низ дар ҳамин давра чоп шуд. Ҳикояҳои ин нависандагон бо заминаи воқеии тасвир ва падид овардани ҳолу ҳавои замон фарқ мекарданд. Аксари муаллифон рӯйдоди воқеи будани мазмуни ҳикояи «Ширин» чунин фикрро баён карда будан. Дар ин замина ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Ғалаба», «Ширин», Деҳотӣ «Ҳамидаи сиёҳбахт», Аҷизӣ «Никоҳи дилхоҳ», М. Абдулғанӣ «Истиқлол» ва ғайраро метавон ном бурд. Нависандагон дар ин ҳикояҳо асосан ба воқеияти рӯз такя карда, муносибатҳои нави ҷамъиятро ташвиқ мекарданд. Табиист, ки низоъҳои сиёсии замона, аз ҷумла бархӯрдҳои синфӣ дар маркази сужети ин ҳикояҳо буд. Ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ «Як ҳавзи пурхун», Деҳотӣ «Доғи фарзанд» ва Аҷизӣ «Подшоҳ-подшоҳ» фоҷиаи зиддиятҳои синфиро баён мекунад. Бале, ба мо баён мекунад гуфтем, зеро ин ҳикояҳо ҳанӯз аз тасвири батаанниии амалу кирдори қаҳрамонон дур буданд.

Дар мисоли навиштаҳои ин нависандаҳо баъзе махсусиятҳои насри ин давраро ёдрас кардан мумкин аст. Таваҷҷӯҳ ба воқиаҳои иҷтимоию ахлоқӣ ва маишиву ҳаёти маънавии мардум, ки замини ин муборизаҳои синфӣ ва макру фиреби боёну рӯҳониён ва расми зиёновар тафсир мешуд, аз мавқеияти ғоявии насри ин давра хабар медиҳад.

Ҳамин тариқ дар насри солҳои бист «асосан эҷодиёти Айнӣ – повестҳои «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Аҳмади девбанд» ва романи «Дохунда» мавқеи марказиро ишғол (Таърих…, саҳ. 323) менамоянд. Ин асарҳо на фақат ташаккули реализми сотсиалистиро дар насри тоҷик нишон медоданд, балки услуби эҷодии нависандаро, ки зуҳуроти фардию конкрети метод мебошад, низ муайян» кардаанд.

Драмматургия дар адабиёти советии тоҷик ҳодисаи нав буд. Бо вуҷуди ин аз оғоз адибон ба эҳёи ин жанр кӯшиданд ва нахустин драмаҳои тоҷикӣ ба қалами Беҳбудӣ ва Фитрат тааллуқ дорад. Беҳбудӣ песаи «Падаркуш» ва Фитрат песаи таърихи «Рустам ва Сӯҳроб»-ро навишт. Ин песаҳо дар замонааш арзиши таблиғотӣ доштанд.

Аввалин намунаҳои нави нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик солҳои бист ба вуҷуд омаданд. Вале ин нақд ҳанӯз нақди комилан ташаккулёфта набуд. Хусусияти ин нақд аз он иборат буд,, ки «ба шуури тафаккури зиёиён, ки аз ҷиҳати ҷаҳонбинӣ, дониш ва таҷрибаи ҳаётию эҷодӣ дар як поя набуданд, ба тадриҷ марксистию ленинӣ, назари материалистӣ ба таърих, воқеият ва адабиёту санъат қувват мегирифт. Чунин ҳолат аввалан махсусияти роҳу равиши танқиди адабии тоҷикро муайян кунад, сониян майлу ақидаҳои мухталифро дар маънидоди вазъи адабӣ, адабиёти классикӣ, анъанаву навоварӣ ва шаклу мазмун нишон медиҳад» (14, 205).

Воқеият ин аст, ки ба сабаби набудани нашрияҳо нимаи аввали солҳои бист намунаи ҷиддии нақди адабиро пайдо карда наметавонем. Вале баъди таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо ва нашриёт намунаҳои танқид ва адабиётшиносӣ пайдо шуданд. Аввалин падидаи чашмгир дар адабиётшиносӣ – китоби устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) буд. Устод Айнӣ бо

таҳлилҳои амиќ ва наќди осор дар ин китоб амалан ба пайдоиши наќди нав ва адабиётшиносї асос гузошт.  Дар ин давра  баъзе  маќолаҳо чоп мешуд, ки дар онҳо нисбат ба мероси гузашта назари манфї ва нодуруст баён мешуд. Дар ин замина  маќолаҳои Акмал Аминзода «Дар майдони адабиёт», Ѓ. Ализода «Чароѓ пои худро равшан намекунад» Н. Бектош «Дастовез барои ташвиќотчиёни алифбои нав» нисбат ба мероси гузашта  назари нодурустро таблиѓ мекарданд. Ин гуна  маќолаҳо низ натиҷаи сиёсати  нодурусти сиёсати расмї оид ба мероси гузашта буд.

Тамоми ҷустуҷўҳои танќиди ин давра  дар бораи адабиёт  вобаста ба сиёсати ҳизб буд ва мунаќќидон принсипу воситаҳои  эҷоди бадеиро  дар асоси тезисҳои сиёсї ҳаллу фасл мекараднд. Ҳамин мавќеият доираи масъалаҳо ва рўҳи интиќодии наќди адабиро муайян мекард.

Дар нимаи дуюми солҳои  XX  нахустин маќолаҳои  обзорї  ба чашм мехўрданд, ки дар онҳо муаллифон асосан ба муаммоҳои он ваќт  муҳим – наќши ҷамъиятии адабиёт ва санъат, анъанаву навоварї, ягонагии  шаклу мазмун  вазну ќофия  ва ѓайра  бештар диќќат додаанд. Чанд маќолае ки Мирзо Мўҳсини  Иброҳимї «Адабиёт ва санъат дар  партави марксизм»  Собит Манофзода «Порчаҳои  адабии мо»  Раҳим Ҳошим «Адабиёти инќилобии тоҷик», Б. Азизї «Як назар ба шеърҳои тоҷикї», Т. Зеҳнї «Вазни арўз ва вазни ҳиҷої», Фахриддин Розї «Ҷамъияти  муҳаррирони гиромї» ва ѓайраро метавон ном бурд.

Ба фикри мунаќќид Ҷ. Баќозода «Бо вуҷуди маҳдудияти доираи  назар ихтилофот дар баёни фикру андеша, аҳамияти  ин маколаҳо дар он аст, ки муаллифон бо ҷушу хурўш, бо як нав ҳарорат  бо  рўҳбаландии инќилобї барои муайян кардани  принсипҳои адабиёти нави сотсиалистї  кўшидаанд. Сифатҳои  хоси назму насрро, ки ҳанўз миќдоран зиёд набуд,  нишон додаанд». (14, 210).

Аксари маќолаҳои дар ин давра  чоп шуда аслан  сиёсати  ҳизбро дар соҳаи адабиёт  пиёда кардаанд.  Бинобар ин дар ин маќолаҳо моҳият ва савияи адабиёти бадеї   ба ҷои дуюм фаромада, арзиши  сиёсии он  ба ҷои аввал

мегузарад. Маќолаи дар боло ишорашудаи С. Манофзода њам њамин гуна хусусият дорад. Вале дар маќолаи ў аввлин кўшиши наќди шеър ба назар мерасад, ки дар наќди он солњои муњим буд.

Дар ин солњо гуфтугўи нисбатан зиддї дар атрфои маљмўаи адибони тољик «Сабзаи навхез» бо маќолаи Набї Фахрї «Сабзаи навхез» ва адабиёти имрўзаи мо» ба вуќўъ пайваст. Муњимтарин фикри мунаќќид дар ин маќола таъкиди вай ба арзиши бадеии осори њунарист. Вай вазифаи адабиёти бадеиро барои дигарон дар бедор кардани завќи табиї, њаяљони бадеї ва мављи инќилобї медонад.

Маълум аст, ки солњои ХХ аввалин намунањои насри тољикї ба майдон омад. Дар атрофи ин асарњо низ фикру мулоњизањо баён мешуд. Аз њамин мавќеъ повести устод Айнї «Одина» ва њикояи Љ. Икромї «Ширин» мавриди гуфтугўи њалли танќид ќарор гирифт.

Наќди адабии тољик дар солњои 20 дар шароити дешвори идеологї ва муборизањои синфї ба вуљуд омад ва бо вуљуди кутањназарињо онњое, ки хишти аввали ин биноро гузоштанд, хидмате кардан ва мо бояд онњоро ба некї ёд кунем.

Идеологияи њизб ва њукумати болшевикї дар забон аз мероси гузашта њимоят мекард, вале дар амал сиёсати зуровари зидди миллї ба равнаќи адабиёт ва фарњанги асил, ки аз зоти худ људо набошад, муќобилат мекард.

Шароити сиёсиву иљтимоии кишвари тољикон, ки хеле хароб шуда буд, ба њукумати нав имкони љонбахши њаётсозро фароњам овард, ки зуд дар тамоми љабњањо тарафдор пайдо кунад. Ана дар њамин замина, ки љањолати рўњониёни мутаасиб ва мансабдорони фисќбунёд умеди мардумро барбод дода буд, онњо инќилобро чун «гардиши бузурги таърихї» пазируфтанд. Нерўњои озодихоњву миллатдўст низ ба њукми таърих тан доданд. Вале баъдтар маълум шуд, ки «ин гардиши бузурги таърихї» аз бисёр љињат барои халќи тољик гарон будааст.

Њамин тариќ, ин њодиса аз оғози солњои бистум ва баъд тадриљан ба мањрум шудан аз бунёди маънавї оварда, нињоят камбағалии муњити

маънавиро ављ бахшид, ки дар ин миён беш аз њама мисли Пайрав адибони пурњунар зиён диданд ва њатто ангезањои фољианоке барои чунин адибони эъмор гардид.

Адабиёти навини тољик аз нахустин солњои зуњураш ба нишондодњои њизб тобеъияти комил нишон дод. Чунин суханони Маяковский «нависанда он аст дар ин рўзгор, ки марше сарояд, нависад шоир»- мањаки эљодии адибони тољик ќарор гирифт. Ва муњаќќиќони адабиёти марксисти Айниро дар саргањи ин таррорњии адабиёти нав аз дидгоњи сотсиализм ва њизб диаанд. Ба ифодаи М. Шукуров ба кўшиши адибоне чун Айнї «ба адабиёти халќњои Осиёи Миёна ва Ќазоќистон љараёни пурќуввати замони нави инќилоби сотсиалистї, мубориза ва дигарсозињои иљтимої дохил мегардад» (113,63).

Адабиёти нави тољикї дар заминаи дастурњои њизбї ва талќини чењрањои саршиноси адабиёти рус, ки афсарони собитќадами идеологияи њизбї» шинохта шуда буданд, тадриљан њуввият ва асолати хешро аз даст дода, ба зоњир «шаклан милливу мазмунан сотсиалистї» шуда монд. Горкий адабиёти ягона – адабиёти умумииттифоќро писандид. Ин идеология инсонро «винтик» шинохта, инженерони рўњи одамизод донист. Муњимтарин рисолати ин адабиёт рисолати идеологї буд, яъне таблиѓи ѓояи дўстии халќњо, ягонагии маънавии сиёсии онњо, ватандўстии советї.

Адабиёти нави тољикї дар заминаи дастурњои њизбї ва талќини чењрањои саршиноси адабиёти рус, ки афсарони собитќадами идеологияи њизбї» шинохта шуда буданд, тадриљан њуввият ва асолати хешро аз даст дода, ба зоњир «шаклан милливу мазмунан сотсиалистї» шуда монд. Горкий адабиёти ягона – адабиёти умумииттифоќро писандид. Ин идеология инсонро «винтик» шинохта, инженерони рўњи одамизод донист. Муњимтарин рисолати ин адабиёт рисолати идеологї буд, яъне таблиѓи ѓояи дўстии халќњо, ягонагии маънавии сиёсии онњо, ватандўстии советї.

Назоратчиёни адабиётшиносии марксистї назарияи адабиёти навро тарњ дода, методи ягонаи эљодиро барои адабиёти шўравї таъин карданд. Њамин тариќ, соли 1932 мафњуми «Методи асосии адабиёти шўравї – реализми сотсиалистї» ба майдон омад. Назар ба пиндошти муњаќќиќони адабиёти рус пеш аз ваќт баъзе асарњо, аз љумла «Модар»-и Горкий низ ба ин метод мутааллиќ шинохта шуда буд. (30, 26).

Чунин «пешбиниҳои» ғайри илмӣ дар адабиётшиносии тоҷик низ ба вуқуъ пайваст. Бисёр аз асарҳое, ки қабл аз зода шудани методи «реализми сотсиалистӣ» эҷод шуда буданд, низ мутааллиқ ба ин метод дониста шуданд.

Воқеияти пеши назар ин аст, ки Айнӣ реализми сотсиалистиро аз Максим Горкий ва Владимир Маяковский барин адибони пролетарӣ омӯхт. Ҳамчунин муҳаққиқон бар чунин ҳақиқате итминон доранд, ки «Эҷодиёти адибони рус, аз қобили А.Фадеев, А.Толстой, А.Серафимович, М. Шолохов, Ф. Гладков, К. Федин, Н. Тихонов ба инкишофи адабиёти миллии мо таъсири басо калоне доштааст (97,9).

Ин таъсир ҷанбаи амиқи тақлидӣ дошта, аз оғоз монеъи ҷустуҷӯҳои ғоявию бадеии адабиёти асил гардидааст. Дар оғози ин тақлид ба чунин ақидаи Муҳаммадҷон Шакурӣ метавон розӣ шуд. Ӯ таъкид мекунад, ки «Бешак ривоҷи роману повест ё ҳикояҳои реалистӣ, шаклҳои нави достони манзум ё қофиябандиҳои тоза, пайдоиши навъҳои мухталифи намоишнома-дром, фоҷиа, мазҳака ва бисёр навпардозиҳои дигар, ки дар адабиёти тоҷикӣ пайваста сурат мегирифтанд, ҳамаро рӯйдоди муҳимме ба шумор бояд овард». Вале, мутаассифона, чунин «Намунагариҳо аз адабиёти рус» нависандагони моро дар бозҷусти роҳҳои нав аксаран ноком гузоштанд. Ин нокомӣ маҳсули режими шӯравии гомравоию истеъморӣ ва идеологияи ҳукмрони ҳизбӣ буд.

Реализми сотсиалистро, ки баъзеҳо тафсир мекунад, дар асл бофтаи Сталин набуд. Вай воқеан ҳам вуҷуд дошт ва реализме буд, ки ба инкишофи босуръати сотсиалию таърихии ҷамъият асос меёфт, на тақдири одамони алоҳида ва ё ҷузъҳои иҷтимоӣ ва ё халқҳо. Аз оғози солҳои сӣ сар карда ба меъёри тасвири шиорҳои сиёсӣ табдил ёфт. Чунин изҳори Сталин «Зиндагӣ беҳтар шуд, зиндагии шавқовар шуд», меъёри дидгоҳи он гардид. Идеализатсияи воқеияти ғайриидеалӣ реализм буда наметавонист. Ин воқеъияти инкишофи адабиёт танҳо хоси наср набуд, балки назмро низ фаро гирифта буд. Ҳатто дар солҳои ҳафтодум, ки дигарандешӣ дар ҷомеаи Шӯравӣ каму беш воқеъ мешуд, шоирони тозаандеши тоҷик Лоиқ, Бозор Собир, Мастон Шералӣ маҳз барои «Назари носолим ба ҳаёти сотсиалистӣ»

сазовори танќиду маломатњои зиёд гардиданд. Дигарандешии шоирони тозаљўро њатто Мирзо Турсунзода зуњури майли хатарноки «њиссиёти бадбинона, сентиментализм ва њатто майл ба тасаввуф» дониста буд.

Дар асл Абдурраufи Фитрат дар шеъри зикршуда ањволї фољиабори кишварро хеле воќеъбинона ва шоирона ба ќалам додаст, ки аз назари шеърият низ аз бисёр навиштањои он солњо бартарї дорад. Муњимтар аз њама воќеияти он солњоро бозгў мекунад:

Ин фасли хазон аст, дарахтон њама зарданд,
Ку сабза, куљо лола, ба гулзор чї карданд.
Аз чангу ѓуборе, ки бувад мољи хазонро,
Бечора дарахтон њама олуда гарданд.
Мурѓони ѓазалхон, ки зи гулзор париданд,
То фасли бањорони дигар њељ нагарданд.
Њар ѓаллаву њар донаву њар мева, ки дидем,
Бурданд зи сањрову ба анбор супурданд.

Њамчунон ки ишора шуд «Одина», «Љаллодони Бухоро», «Дохунда», «Ѓуломон»-и устод Айнї, «Шодї» ва «Ман гунањгорам»-и Љалол Икромї , «Навобод»-и Сотим Улуѓзода, «Одамони љовид»-и Рањим Љалил ва ѓайра аз аввалин намунањои насри он солњо буданд. Дар ин миён ќиёсан «Марги судхўр»- устод Айнї ва «Ман гунањгорам»-и Љалол Икромї аз назари њунари нависандагї дар маљрои умумии насри ин давра мутафовит њастанд.

Дар ин маврид бояд гуфт, ки дар њамаи асарњо Айнї, аз љумла «Марги судхўр» низ назари синфї бараъло мушоњида мешавад. Аз назари Айнї мањз њаракати бемайлон ва пурвусъати инќилобї анбўњи бузурги оммаро ба пешгоњи таърих баровард. Дар «Марги судхўр» низ нависанда эътимод дорад, ки ќимати иљтимоию ахлоќии инсонро муносибати вай ба инќилоб, ба њокимияти нав муайян мекунад. Дар њамин замина чашмандози ў ба типњои манфї мољияти бештари иљтимої касб мекунад. Дар мисоли «Марги судхўр» назари ў пурвусъат ва њамабин аст. Бинобар ин њам Айнї тавонистааст, ки симои њаљвии персонажњояшро бо тамоми ќабоњати ахлоќию маънавї

падид оварад. Тамасхури Айнї моломоли нафрат ва ѓазаб аст. Аз ин мавќеъ Ќориишкамба танњо портрет классикии хасис нест, ки дар заминаи судхўрии Бухорои феодалї сабзидааст, балки портретест, ки дар ќувваи иљтимоию љамъбасти бадеї аз мумсикњои Моллер ва Балзак паст намеистад. Ин асари Айнї дар раванди инкишофи насри ин солњо њодисаи муњим буда, аз бисёр фазилатњои адабї бархўрдор аст ва дар ин замина тадќиќотњои низ ба анљом расидаанд.

Романи Љалол Икромї «Ман гунањгорам» низ бо бисёр љињатњо дар адабиёти ин солњо суннатшикан ва навоварона аст. Нависанда бори нахуст дар насри ин солњо «Тањлили њартарафаи психологиро воситаи асосии њалли масъалањои ахлоќи иљтимої ќарор дода буд» (115). Беш аз ин низои асар ботинї буда, љанбаи рўњии онро афзудааст. Арзиши ин романро дар ќиёси воќеияти адабии ин солњо он нуќта низ таъкид мекунад, ки нависанда назарияи «беконфликт»-ро пушти по зад, нахустин бор зиддиятњои рўњиву маънавии њаёти љомеъаро тарњи бадеї дод. Дар ин асар образи зан низ мавќеи дигар дорад. Нависандаро мавќеи иљтимої ва ќудсии зан ба андеша бурдааст, ки аз ин љињат биниши бадеии ў тозагие касб мекунад.

Бисёр муњаќќиќони адабиёт, хоса солњо сию панљоњ дар баробари тафовут наздикии биниши бадеии Икромиро бо Айнї дар мисоли баъзе бобњои повести «Марги судхўр» иќрор шудаанд, ки шояд дуруст бошад. Вале муњим ба назари мо он аст, ки Икромї дар ин асар чун Айнї ба тањќиќи бадеии хилќати инсон ва воќеияти иљтимої таваљљўњи хос пайдо кард. Айнї оѓози инќирози Ќориишкамбаро тасвир карда, њолати рўњии судхўрро њангоми њис кардани хавфи марговаре, њангоми дигаргунии дардомези рўњияи ў бо тасвири амиќи психологї нишон медињад» (29,29). Назар ба мушоњидаи М. Шукуров «чунин тањлили психологї он гоњ чун як тарзи тањкия фаќат дар баъзе мавридњо вуљуд дошт, аммо дар «Ман гунањкорам» тамоми тањикяро фаро гирифт, воситаи асосии тасвири инсон, принсипи тасвир гардид».

Љанги дуюми љањонї муносибатро ба таърихи гузашта, алалхусус сањифањои озодихоњонаи таърихи халќ дигар кард. Акнун гузаштаро,

махсусан рўњи ќањрамонаи осори гузаштагонро ба хидмати рўз гузоштан аз вазоифи муњимми рўз ба шумор омад. Љанг таѓироти љиддие дар муњити андеша ва амал ба вуљуд овард. Бисёре аз нависандагон, аз љумла Њабиб Юсуфї, Њаким Карим, Абдушукури Пирмуњаммадзода ва дигарон ќаламро ба силоњ иваз намуда, ба майдони љанг рафтанд.

Оњангњои зидди љангї дар адабиёти тољик ќабл аз љанг пайдо шуда буд. Махсусан дар шеър мазмунњои зидди љанг ривољ ёфт, ки дар адабиёти солњои сї хеле зиёд ба назар мерасад. Мо ин гуна шеърњоро дар эљодиёти аксари шоирони ин давра мушоњида мекунем. Вале бењтарини чунин шеърњои ватандўстонаро Пайраву Њабиб Юсуфї гуфтаанд. Вале њамин љанги љањонии дуввум ё худ Љанги Бузурги Ватанї оѓоз шуд, мавзўъњои мубориза бо фашизм, ѓояњои ватанхоњию адолатљўї ва инсонпарварона аз муњимтарин муаммоњои адабиёт ва осори адибон гардид. Аз рўзњои нахустини љанг адибон бо мурољиатномаи «Овози нависандагони Тољикистон» ба воситаи рўзномаи «Тољикистони сурх» (24 июни соли 1941) баромад карда, омодагиашонро бањри њифзи Ватан њам ба силоњ ва њам бо ќалам изњор карданд. Аз љумла, дар ин мурољиатнома омада буд, ки «Мо нависандагони Тољикистони офтобрўя худамонро ба камоли садоќат ба ихтиёри Ватан ва Партияи Коммунистї аз њамин сония сафарбар намудем. Агар Њукумати Советї ва партия барои мудофиаи ватани муќаддаси сотсиалистиамон ба мо фармон бидињад, мо тайёрем, ки ќалами худро ба яроќ иваз намуда, собитќадамона ба майдони љанг равем. Мо нависандагони советї аз пештара њам устувортар бо ќаламу шамшер кор мекунем, шўњрати ватани азиз ва Армияи Сурхи онро дар достонњо ва сурудњои худ тараннум менамоем» (ниг.:112). Пас аз нашри ин њуљљат адибон амалан ба фаъолият шурўъ карданд. Гурўње ба љои ќалам силоњ гирифта, ба љанг рафтанд. Гурўњи дигар бо шеъру достон ва асарњои насрї бар зидди љанг овоз баланд карданд.

Дар ин миён Њабиб Юсуфї, Њаким Карим, Абдушукур Пирмуњаммадзода, Лутфулло Бузургзода, Абдуљаббор Ќањорї, Њабиб Ањрорї

ва дигарон ба љанг рафта, дар муњорибањои шадид иштирок карданд ва Њабиб Юсуфию Абдушукур Пирмуњаммадзода, Лутфулло Бузургзода ва Њаким Карим љонашонро фидо намуданд.

Адабиёти тољик аз нахустин рўзњои љанг мазмун ва мундариљаашро дигар кард. Ба ифодаи мунаќќид Муњаммадљон Шукуров ин адабиёт «мазмуну шакл ва ранги љанговарона гирифт. Њиссиёти олии ватанпарварї, озодихоњї ва кинаву нафрат нисбат ба истилогарони фашизм мундариљаи асосии адабиёт буда, хусусиятњои жанрї ва воситањои бадеии онро муайян кард». Ба таќозои воќеият дар наср асосан жанрњои хурди адабї-очерку њикоя, фелетону маќолањои публисистї мавќеъ пайдо кард. Шоирон бошанд аввалњо асосан бо шеърњои хурди шиормонанд ва баъдтар бо достону манзумањо салномаи бадеии замони љангро инъикос намуданд.

Насри љангї. Дар зинањои аввал насри давраи љанг асосан хусусияти таблиѓотї дошт. Асосан нависандагон ба тасвири зоњирии воќеањои љанг, корномаи љанговарон ва мењнати аќибгоњ машѓул буданд. Назар ба мушоњидањои мунаќќид ва адабиётшинос Љўрахон Баќозода «аз мутолиаи асарњои замони љанг тасаввуроте њосил мешавад, ки баъзе офаридањои адибон як навъ сўњбатро мемонад. Чунин тарзи нигориши рўйдодњои замони љанг ва рўзгори инсон аз сифатњои фарќнок ва махсусияти реализми тасвир дар адабиёти он давр буда, бешубња, халќияти онро таќвият додааст ва аз ягонагии маќсаду вазифа, орзую омоли фардњои људогона ва тамоми мардуми мубориз, аз вањдати ќисмати халќ сар задааст» (ниг.: 14,50 – 65).

Айнї бо ду мафњуми барои инсон муќаддас шуури муосиронашро ба њаракат меоварад ва њиссу андешаи ононро ба љўш меандозад. Дар њамин замина Айнї бо таърихи халќ, ба сарчашмањои ѓояи ватанхоњию ќањрамонї – осори адабию таърихии гузашта муроҷиат карда, асарњое офарид, ки дар адабиёти давраи љанг мавќеи хос доранд. Дар ваќти офаридани чунин асарњо, устод Айнї ќабл аз њамиа аз афсонаву ривоятњо, сарнавишти шахсиятњои таърихї фаровон истифода кард. Нависандаи забардаст дар асараш «Чингизи асри ХХ» ќисмат ва аъмоли ношоями Гитлерро бо таљовузкори њамќисматаш

– Чингизи хунхор монанд мекунад. Фољиаи таърихии ду давраи таърихии аз њам дурро ќиёс карда, устод аз он ѓояи созандаи ватанпарварона берун мекашад. Маќсади аслии устод ошкор намудани моњияти бадеию разолат ва оќибати бесуди он буд, ки ба њадафаш расид. Сужети «Деви њафтсар» дар асоси афсонаи халќї сохта шудааст. Нависанда дар ќиёси образи афсонаи Деви њафсар оќибати сарнавишти пурфасоди Гитлерро пешгўї мекунад. Навиштањои дигари Айнї «Илмњои фикрњои олї ва бошишгоњи озодидўстон», «Модар – Ватан», «Бисту панљ сол» ва ѓайра моњияти таблиѓотї дошта, мардумро ба мењнату мубориза даъват мекарданд.

Айнї дар давраи љанг барои ошкор сохтани чењраи манфури фашизм аз жанри њаљвии фелетон низ истифода кард. Вай дар фелетонњои «Бадбўй будааст», «Харибедум» ба њаљви тезу кушанда маќсади ифлоси фашизмро зери танќид ва истењзо мегирад.

Агар дар чунин навиштањои публисистии устод Айнї асосан «воќеањои таърихї, афсонаву ривоятњо, хулоса њофизаи таърихии халќ ба рўйдодњои муњими иљтимоию сиёсии замон тобеъ шуда бошад ва барои мўътамаду барљаста ифода шудани нияти эљодии нависанда ва ѓояи асар хидмат намояд, очеркњои таърихии нисбатан калонтари илмию бадеии «Исёни Муќаннаъ» ва «Ќањрамони халќи тољик – Темурмалик» комиалан ба мавзўи таърихї бахшида шудаанд (14,39).

Нависанда дар ин ду асар ба оѓозгоњњои њофизаи таърихии халќ мурољиат карда, ба ёди мардум муборизањову ќањрамонињои озодихоњиашро ба зидди аљнабињои истилогар мерасонад. Дар яке агар диќќати мардумро ба исёни Муќаннаъ бар зидди арабњо љалб кунад, дар дигаре муборизаи фидокоронаи Темурмаликро ба муќобили муѓулњо нишон медињад. Дар њар ду маврид њам њисси озодихоњї, ватанпарастї ва фидокории ќањрамонони таърихї барои нависандаи доно ифодагари рўњи тавоно ва шикастпазири халќ буд, ки ин ѓояи муњим алоќамандии нависандаро бо воќеияти замони љанг хеле барљаста ифода мекард ва «ба рўњи замони љанг созгор буд» (14,65).

Яке аз мавзўъњои асосии адабиёти ин давра, ки бо мавзўи љанг ва

љанговар як љо љиддан ба тасвир омадааст, мавзўи дўстии халќњо мебошад. Масалан, Љалол Икромї дар њикояи «Њадя ба Октябр» ин мавзўъро дар симои ќањрамонони њикоя Кабир ва Соколов баён мекунад. Рањим Љалил дар њикояи «Њодисае аз Фронт» пайванди бародариро миёни Султон Рустамзода ва Дорченко таъкид карда, Фотењ Ниёзї оини бародариро ба воситаи сарнавишти Мухтор ба Поленко, Абдуррањмон ва Муќон Чермашовичи ќазоќ дар њикояњои «Њаќќи хун» ва «Ќассоси додар» нишон медињад ва аз њикояи Сотим Улуѓзода «Атака» мо бо пањлўњои дигари дўстию рафоќати инсонї дар мисоли муносибатњои Шариф Њамидов ва Коля Девянов ошно мегардем.

Мунаќќид ва адабиётшинос Љўрахон Баќозода яке аз хусусиятњои адабиёти давраи љангии тољикро дар он мебинад, ки «дар асарњои нависандагон на ќањрамонї дар мадди аввал меистад» (14, 42). Мунаќќид ин хусусиятро њатто дар очеркњое, ки бевосита аз њаёти ќањрамони љанг навишта шудаанд, низ мушоњида кардааст. Њангоми мутолиаи фардии ќањрамононашон умуман эътибор надодаанд ва ин аз камбудињои љиддии адабиёти ин давр, хоса насри бадеї мебошад.

Муњимтарин мавзўе, ки дар насри ин давра ба назар мерасад, сарнавишти љанговари аз фронт баргашта мебошад. Ин гуна образњоро дар романи Љалол Икромї «Шодї» (Шодї) ва повести ў «Љавоби муњаббат» (Саидљон) ва романи «Навобод» Сотим Улуѓзода равшан мебинем.

Ѓайр аз ин насри ин давра таасуроти нависандагони аз фронт омада ва љанговари ба мењнати осоишта баргашта мавќеи хос дорад. Вале ин мавзўъро нависандагон акнун «дар зинаю савияи баландтари сифатї дарк ва тасвир» (14, 12) мекарданд.

Рањим Љалил аз њамин мавќеъ дар њикояњои «Пахтакор», «Зан ва шавњар», «Умри дубора», «Хешу таборњо» ва ѓайра рафоќати халќњоро тасвир ва ифода кардааст. Нависандаи њунарманд Пўлод Толис бошад дар њикояњои «Писарон», «Падарон ва писарон», «Модар» ба сарнавишти афроди аз љанг бозгашта ва ќисмати онњо таваљљўњ зоњир намуд. Толис њикояњои дигараш «Катео», «Писари ў», «Дар бўрон»-ро ба мавзўи дўстии халќњо, рўњи ќавии

инсон ва фидокорию собитқадамӣ ихтисос додааст.

Вале дар адабиёти ин даврв то ба имрӯз ҷиддитарин асар повести «Ёрони бофиммат»-и Сотим Улуғзода ва романи «Вафо»-и Фотеҳ Ниёзӣ мебошанд, ки дар мавриди ин ду асар мо баъдтар сухан хоҳем гуфт.

Ҷанг мазмуну мундариҷаи адабиётро дигар кард. Таваҷҷӯҳ ба мавзӯи ҷанг ва ақибгоҳ дар осори бадеӣ зиёд гардид. Хусусиятҳои адабиёти ин давраро ба эътибор гирифта М.Шукуров навишта буд: «Тамоми адабиёти сермиллати мо аз сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ мазмуну шакл ва ранги ҷанговарона гирифт. Ҳиссиёти олии ватанпарварӣ, озодихоҳӣ ва кинаву нафрат нисбат ба истилогарони фашизм мундариҷаи асосии адабиёт буда, хусусиятҳои жанрӣ ва воситаҳои бадеии онро муайян кард». Бинобар ин ҳам дар наср мавқеъ гирифтани жанрҳои хурд, аз қабили очерку ҳикоя, фелетону мақолаҳои публисистӣ ҳолати воқеии инкишофи адабиёт буд.

Бисёр адабиётшиносон адабиёти ин давораро солномаи бадеии қаҳрамониҳои ҳаёти халқ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шинохтаанд.

Устод Айнӣ дар саргаҳи таблиғоти зиддиҷангӣ меистод. Мақолаҳои публисистӣ ва очеркҳои таърихии ӯ ба бедории шуури миллӣ ва ифтихороти ватанхоҳӣ мусоидат кардаанд. Вале дар ин замина хидмати адибони ҷанговар зиёд аст.

Дар инкишофи навъҳои хурди адабӣ ва таҳқиқи бадеии воқеияти замони ҷанг, ҳам саҳнаҳои ҷанг ва ҳам корзори ақибгоҳ саҳми нависандагон Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ ва Ҷалол Икромӣ калон аст.

Очерку ҳикояҳои Сотим Улуғзода «Як ва саду як», «Вай шаҳри Ленинро мудофиа мекунад», «Ҷонбозӣ», «Атака», Фотеҳ Ниёзӣ «Кабири Ҳоитӣ», «Азими Мерган», «Аҳд ва вафо», «Рӯймолча», «Байрақ», «Қасоси додар», «Ҳаким Карим», «Хун ба хун» ангораҳоеанд аз саҳнаҳои ҷангии қаҳрамонони эшон. Муҳаққиқи ин мавзӯъ дар адабиётшиносии тоҷик Ҷ. Шарифов тасвирҳои лаҳзавиро аз камбудиҳои эҷодиёти ин адибон дониста буд. Баъдтар муҳақиқ Ҷ. Бақозода ин камбудиҳоро ба сабаби он ки «вазъи душвори ҷанг ба ин адибон на танҳо барои бо кори эҷодӣ ҷиддан машғул шудан, ҳатто ба тасвири

пурвусъати воќеа ва ба образњои љанговар аз њар пањлў наздик шудан низ имкон намедод», љуброн мекунад (14, 40-41). Вале ба назари мо ин љо камзарфии ин ва бисёр навиштањои дигар ба мањорати нигорандагии муаллифон алоќаманд аст.

Камбудии аксари љангномањои мансуру манзуми адабиёти тољик ба пайгирии соддалавњонаи онон бо назарияи илњоќии «одами оддии шўравї – ќањрамони арса» вобаста аст. Дар ин раванд Сталин инсонро винтик ва нависандагонро «инженерони рўњи одамизод» шинохта буд. Намояндагони хоњу нохоњ ин тавсияро бояд мепазируфтанд. Ва инсони шўравї низ ин ташбењи нољои дољиро њамчун тавсиф пазируфт. Дар тањкими ин аќида шеъру достон ва осори мансур ба миён омад. Зиёда аз ин љомеаи шўравї, ба хусус зиёиён бо мактубњои расмї њанўз аз аввалин рўзњои љанг ба мадњ ва ситоиши нерўи фавќулоддаи ин «винтик» пардохтанд. «Винтикњо» худашонро бо камоли садоќат ба ихтиёри Ватан ва њизби коммунистї сафарбар намуданд. Ин амал њељ љои истењзо надошт, вале аз даст додани таањњуди нависандагї ва фурў гузоштани арзишњои инсониву бадеї хеле таассуфангез омад. Ин амал пайомади ногувореро барои адабиёт муљиб гардонид, ки то солњои охир идома ёфт.

То таълифи ќиссаи Сотим Улуѓзода «Ёрони бољиммат» ва романи Ф.Ниёзї «Вафо» чунин тасвири шахсияти инсон дар наср ва назми мо маќоми хосе дошт. Ба пайбурди аксари муњаќќиќони адабиёт ин асарњо «ба эътибори тањќиќи бадеии воќеияти замони љанг ва офаридани образи љанговари тољик дар адабиёт аз њамдигар куллан фарќ доранд» (14, 44). Баъд муњаќќиќ ин тафовутро дар тасвири психологї ва пурвусъати эпикї мебинад.

Ин шояд як пањлўи масъала бошад. Пањлўи муњимми он биниши бадеии адиб аст. Зиёда аз ин тарњи чашмандози ў ба шахсияти инсон мебошад. Яъне бо эљоди ин асар консепсияи шахсият биниш сифатан таѓйир мепазирад ва њаќ ба љониб Баќозода аст, ки мегўяд: «аз повести Сотим Улуѓзода», «Ёрони бољиммат» романи Фотењ Ниёзї «Вафо» ва баъзе њикояњое, ки дар мавзўи љанганд дар наср ба воситаи тањќиќи бадеии хислату характери фардии

љанговарон ошкор сохтани моњияти умумихалќии Љанги Бузурги Ватанї тадриљан оѓоз ёфт» (14, 46).

***Ин хусусияти наср дар охири солњои чилум ва ибтидои панљоњум њанўз дар лињози бадеият чашмгир набошад њам, бо вуљуди ин дар адабиёти тољик њодисаи нав буд ва солњои баъд як дараља таќвият пайдо кард. Ва дар ин таърих њамоно мавќеи ќиссаи «Ёрони боњиммат» људогона аст. Бо эљоди ин асар нависанда ба дидгоњњои ќолабї рахна андохт. Асар нављўёна буд, ки баъзе мунаќќидон онро хуш напазируфтанд. Сотим Улуѓзода бо ин асар меъёри ќолабии тасвири ќањрамони мусбатро шикаст.***

Дар адабиёти ин давра расм буд, ки ќањрамони аз корзор баргаштаро масъули њаёти љомеа тафсир кунанд. Њадафи ин гуна афрод дар адабиёт якто буд: чи тарз истењсолотро пеш бурд ва натиљаро зиёда намуд. Ин афрод гўё андешаи зиндагии хеш надоштанд, онњо таваљљўње ба зану фарзанд низ надоштанд. Ин њолати «ибратбахши винтикњо – одамони шўравї» эталони адабї буд. Улуѓзода њамин гуна назари якрўяро шикаст.

Пеши назар инсонеро (дар мисоли образи Љўрабек ва Зайнаб) падид овард, ки сарнавишти ибратангези инсонї дорад. Нависанда дар тасвири њар ду образ рўњшиноси комил аст. Барои ў меъёрњои ахлоќї арзиши фаровон дошта, аз њамин дидгоњ «хатои Зайнаб»-ро ислоњ мекунад ва марњаме ба љароњати Љўрабеки маъюб мегузорад. Агар воќеияти замони љангро пеши назар орем ба њама гуна суолњое, ки нисбат ба амали Зайнаб, муносибати ў бо Каримов ва дигарон пайдо мешавад, љавоби мусбат пайдо мегардад. Зиёда аз ин чашмандози бадеии нависанда ба сарнавишти ќањрамонон ба њадде амиќ ва пурвусъат аст, ки њама гуна тафсири ќолабии ин мавзўъро барњам мезанад. Ин асар рўњи инсонро дар торикињо ва хамгаштњои зиндагї равшан медорад. Арзиши ахлоќї ва бадеии ќисса низ дар њамин аст.

Љои Пўлод Толис дар адабиёти ин давра људогона аст. Зеро сухани Толис аз оѓози фаъолияти эљодиаш бовазну боиродат буда, арзиши бадеї дошт. Ў аз ибтидо касби нависандагиро бисёр љиддї ва созанда шинохта, дар рўњи такмили мањорати адабиаш саъй мекард. Баъдтар Фазлиддин Муњаммадиев

хислатҳои неки ӯро ёд оварда, аз ҷумла навишта буд, ки «Толис ҳар коре, ки мекард аз сидқи дил, ҳамаи ҳушу ёду диққати худро сафарбар ва сарф карда мекард». Ҳамин фазилат чеҳраи инсонӣ ва нависандагии ӯро ташхис медиҳад. Устод Айнӣ аз аввалин касоне буд, ки истеъдоди Толисро шинохт ва ӯро ба роҳи дуруст ҳидоят кард. Шояд ҳамаи ин омилҳо сабаб гардид, ки Толис соли 1954 дар синни биступанҷсолагӣ қиссаи дилангези «Тобистон»-ро навишт, ки барои насри тоҷик асари бунёдист.

Зимнан бояд гуфт, ки муҳаққиқ Ҷӯрахон Бақозода вобаста ба савияи нависандагии эҷодиёти Толисро ба ду давра ҷудо мекунад. Давраи аввали эҷодиёти ӯро мансуб ба оғози нависандагии ӯ то аввали солҳои панҷоҳ دониста, даври дуюми эҷодиёти ӯро «тахминан аз соли 1954» ба ин тараф мешиносад.

Ӯ ба нависандагӣ замоне шурӯъ кард, ки ҷанг поён ёфт ва халқ ба табобати захмҳои он мепардохт. Бинобар ин ҳам табиист, ки аввалан навиштаҳои ӯ ба мавзӯи ҷанг бахшида шуда, аз бозгаштани ҳаяҷонангези «Падарон ва писарон», «Модар», «Катсо», «Дар бӯрон», «Писари ӯ» як дараҷа тафовут доранд. Ҳарчанд ин навиштаҳои адиб аз лиҳози бадеият чандон пурарзиш нестанд, бо вуҷуди ин баъзе масъалаҳои муҳимро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Рӯҳияи пардозгарӣ аз камбудиҳои ҷиддии асарҳои ин давраи муаллиф аст, ки онро ҳолати сиёсии мамлакат вазъ карда буд. Ин ҳодисаро бисёре аз адабиётшиносон ба талаботи моддию иқтисодӣ, техникии мамлакат алоқаманд дониста, бо ин амал ҳолати манфии вазъи инкишофи адабиётро ҷуброн кардани мешавад, ки саҳеҳ нест (14, 175).

Вале дар эҷодиёти Толис ва адабиёти ин давра асари ӯ «Тобистон» мақоми хос дорад. Толис ба навиштани ин повест соли 1954 шурӯъ карда, соли 1959 онро ба чоп расонид. Чопи ин асар ҳамон солҳо ва баъд ҳамчун ҳодисаи муҳими адабӣ шинохта шуд. Муҳимтарин фазилатҳои ин повестро дар вақташ Мирзо Турсунзода дуруст хотирнишон карда буд. Вай гуфта буд, ки «ба ғайр аз хубии забон, муайян будани характеристикаи қаҳрамон, мустаҳкам будани риштаи сужет ва ҳаяҷономезу самимӣ будани таҳрир – ба ғайр аз инҳо Толис

ба адабиёти мо аз љињати психологї кушода додани образи ќањрамонро даровардааст. Диќќат кунед, ки нависанда моро ба њељ чиз маљбур намекунад, моро ташвиќ намекунад, балки ба њамаи чизњо худи мо пурра ќаноат мекунем. Тамоми њаракатњои дил ва фикру орзуњои Њасани хурдсол њаминхел хеле нозук ва даќиќ тасвир ёфтаанд».

Муаллиф дар ин асар воќеиятро аз дидгоњи бачаи сездањсола шарњу тафсир мекунад. Ин усул имкон додааст, ки дунёи ахлоќиву маънавии ќањрамон аниќ ва табии ба ќалам дода шавад. Мањорати нависанда махсусан дар он равшан ба назар мерасад, ки дар тарзу оњанги баён рафтору кирдори ќањрамон њадди синну солро сахт ба эътибор гирифта, ба ин васила чењраи таъмимии ќањрамонашро ба вуљуд меорад, ки барои хонанда љињатњои муњими омўзандагї касб мекунад.

Њасани сездањсола орзуи ба фронт рафтан дошт. Вале таѓояш Абдулатиф сабаб шуд, ки зиндагии ў роњи дигар гирад. Абдулатифи маккор барои Њасани беталњриба њалќаи доми фиреб гардид. Абдулатиф мекўшид, ки барои Њасан дом гузорад. Њасан ба ин дом афтид, зеро ба одамони худї, хоса таѓояш Абдулатиф бовар дошт. Ин сабаб гардид, ки Њасан шарики макру риё ва њамкорињои таѓояш гардид.

Ќањрамони кўчаки нависанда мушоњидакор ва орзупарвар аст. Ба њама чиз таваљљўњи хос дорад. Вай эњсос мекунад, ки коргарони Зарчашма на фаќат ба Абдулатиф эњтиром надоранд, балки ўро бад њам мебинанд. Вале ў ба моњияти ин бадбинї сарфањм намеравад. Дар натиљаи мушоњидањо ва ќиёси муомилаи таѓояш бо Шокиртарошаю Ќосимљон ва наздики ба онон оњиста-оњиста ба тањи гап сарфањм мерафтагї шуд.

Шокиртароша, Ќосимљон аз шахсиятњое њастанд, ки ба Њасан таъсири маънавї расонидаанд.

Ќањрамони повест дар миёни воќеъияти мураккаби замони љанг ба тасвир меояд. Воќеият ўро бо одамони гуногун, робита бо одамони «худи» - таѓояш ва њаммаслакони ў «бегонагон» - Ќосимљон, Шокиртароша, Ќарим чашми ўро ба њаќиќати зиндагї мекўшоянд. Беш аз ин андешаи ўро дар бораи

инсон тарњ медињад. Њасан бо таъсири робитае, ки бо одамон дошт, инсонњои нексириштро шинохта аз таѓояш Абдулатиф маънану ботинан људо мешавад ва рў ба одамони нексиришту поквиљдон ва мењнатдўст меоварад. Бо њамин дастур «хеш» барои ў бегона гардид ва «бегонагон» хеш шуданд. Хонандаро консепсияи ахлоќии тарњдодаи нависанда дар шинохти маќоми инсон мутваљљењ медорад ва ин њодиса дар насри ин давра ба ќудрат аст.

Чунончи дар боло ишора рафт таѓйироти нахустине, ки дар адабиёти ин давра рух дод, дигаргунињои жанрї мебошад. Истифода аз жанрњои хурд, мисли очерку њикоя, ангорањо ва махсусиятњои адабиёти ин давра буд. Дигаргунии дигари жанрї низ ба пайдоиши ёддошт, дром ва ѓайра вобаста мебошад. Маъз дар њамин давра муњимтарин асари устод Айнї «Ёддоштњо» ба майдон омад. Аз љониби Ѓанї Абдулло, Сотим Улуѓзода, Љалол Икромї, Мирзо Турсунзода, Муњаммадљон Ќосимов, Абдушукур Пирмуњаммадзода, Њаким Карим асарњои драмавї навишта шуданд.

Ќисме аз ин асарњо, аз љумла песањои Љ. Икромї «Дили модар» ва «Хонаи Нодир», Сотим Улуѓзода «Дар оташ»-ро театрњои драмавї ба сањна гузоштанд. Вале асарњои нисбатан муњимми ин давра њамоно «Шоњнома», «Лайлї ва Маљнун», «Хусрав ва Ширин» буданд. Ин дромњо масоили муњимми ахлоќї, аз љумла ватанпарастї, собитќадамї дар роњи муњаббати асил ва ва ѓайраро дар бар гирифта, аз љињати бадеият низ бартарињо доштанд.

Ибтидои таърихи навини шеъри тољикиро муњаќќиќон ба иттифоќ соли 1918 шинохтаанд. Солњои 1922-1924 сањифањои ин китоб холї мемонад. Ин солњое буд, ки дастгоњи расмї ба иттифоќи пантуркистон халќи тољикро бе минбар сохт, яъне мардуми мо бематбуот монд. То нашри «Овози тољик» (15 августи соли 1924) шеъри тољикї чоп нашудааст.

Муњаќќиќони таърихи назми ин солњо романтикаро аз хусусияти умдаи шеъри ин давра шинохтаанд. Ин равияро дар эљодиёти Айнї, Аљзї ва баъдтар Лоњутї ба мушоњида гирифта, мусовї набудани онро таъкид кардаанд (96, 27). Ва ин романтизм то дараљае аз романтизми маорифпарварї тафовут дошт, ки ин ба љанбаи инќилобї ва мољияти пурќуввати таблиѓотї дошт он дида

мешавад. Махсусан, шеърҳои ин давраи Лоҳутӣ дорои қувваи нави инқилобӣ буданд. Вале «Хаёлоти романтикии маорифпарваронаи Айнии шоир бо романтикаи инқилобии Лоҳутӣ як шуда, романтикаи адабиёти советии тоҷикро ба вуҷуд овард. Воқеияти инқилобӣ ва муборизаҳои қаҳрамононаи халқ заминаи ҳаётии ин романтикаро ташкил менамуд» (96,27).

Айнӣ сарвари адабиёти нав ва нахустшоири гардишҳои нави инқилобӣ гардид. «Суруди озодӣ»-ро навишт. Ҳаёти пурфоҷиаи аморати Бухоро, ки ӯро қариб ба ҳалокат расонида буд, заминае гардид барои таронаҳои васфии ӯ дар бораи Инқилоб. Дар шеърҳои васфии ӯ агар тараннуми ҳавохоҳонаи бебори ҳаводиси нави ҳаётӣ тасаллут дошта бошад, дар шеъри «Марисия»-и ӯ, ки дар марги бародараш Сироҷиддин гуфта шудааст, чеҳраи шахсияти пурқудрату қавиирода пеши назар меояд. Эҳсос мешавад, ки «Ин шеър аз ҷиҳати ҷӯшу хурӯши ҳиссиёт, андӯҳи бепоён ва ғазабу кинаи фаровон беҳтарин намунаи лирикаи оташафрӯзест, ки бо роҳи исён ва инқилоб обёрӣ шудааст» (73, 77).

Дар эҷодиёти манзуми ин давраи Айнӣ ин қабил шеърҳое, ки арзиши иҷтимоӣ доштанд, аз бадеиятӣ низ холӣ нестанд, ба назар мерасанд. Вале умуман назми ин давра аз тараннуми хушк ва бемояи Инқилоб, мактабу маориф, озодии зан ва ғайра иборат буда, зиндагӣ ва воқеоти онро танҳо аз дидгоҳи сиёсӣ ва табақотӣ тафсир мекунад. Дар бисёр мавридҳо ин қабил шеърҳо ҷуз тафсири манзуми воқеияти рӯз чизи дигаре надоранд.

Дар радифи шеъри Айнӣ мо аз матбуоти ин давра шеърҳои Т. Зеҳнӣ, Ш. Ҳилмӣ, А. Мунзим, А. Фитрат, Ҳамдӣ ва дигаронро низ дучор меоем, ки воқеан ҳам «Дар бораи воқеаҳои муҳимми замон бо шеър фикру мулоҳиза баён кардаанд» (96, 32). Ин шеърҳо бештар хусусияти даъватӣ ва таблиғӣ дошта, аз лиҳози бадеият камарзишанд. Муҳаққиқони адабиёт ин давраи назми тоҷикро марҳалаи нахусти зуҳур ва инкишофи он донистаанд.

Марҳалаи дуюми он аз соли 1924 оғоз мешавад ва ин марҳала бо ташкили ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон ва таъсиси матбуоти тоҷикӣ - «Овози тоҷик» алоқаманд аст. Дар ин давра инқилоби нокомшудаи Эрон

Лоҳутӣ барин шоирро ба Шӯравӣ овард, ки баъд Тоҷикистонро дуввумин ватани хеш интихоб намуд. Пайки инқилобии Лоҳутӣ дар ин давра шеъри «Инқилоби сурх» буд, ки шоирони тоҷик Айнӣ, Ҳамдӣ, Мунзим, Фитрат, Авҳадӣ ба он ҷавоб гуфта, Лоҳутиро ба «Адиби сурх» мусаммо карданд.

Муҳаққиқони шеъри Лоҳутӣ, аз ҷумла Сипонлу Лоҳутиро «Шоири дуҳовоӣ» хонда, вуруди ӯро ба Шӯравӣ марҳалаи заволи шоириаш донистааст. Донишманди тоҷик М. Шакурӣ низ бар ин ақида аст, ки «он гоҳ, ки Абулқосим Лоҳутӣ аз Эрон ба Шӯравӣ паноҳанда шуд (1922) бунёди фалсафии шеъраш қавӣ буд. Дар кишвари Шӯравӣ шеърҳое аз қабили қасидаи «Кремл» (1922), як силсила рубоиву ғазалҳо сурудааст, ки аз биниши фалсафии ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Аммо баъдтар ба вежа дар даҳаи сиюм шеъри иҷтимоии Лоҳутӣ аз ҳикматписандӣ дур рафтан гирифт ва мазмунан аз дастурҳои дастгоҳи идеологии рӯз иборат асту бас. Дар солҳои ҷанги зидди фашизми Олмон дар шеъри Лоҳутӣ боз ҷамъбастҳои амиқи умумиинсонӣ мавқеъи бештар пайдо карданд. Чун худ муборизи ҷаррор буд, ҷанги озодихоҳӣ боз чашмаи илҳоми моҳиятҷӯии ӯро ба ҷӯш овард» (М. Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист, «Садои Шарқ», 1998, 1-6 саҳ-116).

Фаъолияти шоирии Айнӣ дар ин давра мусовӣ бо фаъолияти носириаш идома дошт. Бисёре аз шеърҳои Айнӣ, Лоҳутӣ ва ҳамсафони дигари онҳо аз таъсири манфии ҷараёни идеологии вақт, ки бар адабиёт ва муҳити адабӣ нуфуз дошт, озод набуданд.

Дар ин давра танҳо эҷодиёти Пайрав Сулаймонӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи тамоюлҳо, мавзеъгузиниҳо ва саргумиҳо дар шеъри ин давра сухан гӯем. Дар ин боб муфассалу мушаххас дар эҷодиёти Пайрав сухан хоҳем гуфт. Алҳол ҳамин қадар метавон ишора кард, ки Пайрав ягона шоири ин давр буд ва қурбони каҷбозиҳои замон ва сиёсати давр гардид. Зарбу лате, ки ба ӯ ворид омад, ин қаблан иқдоми боздоштани роҳи нируҳои солими адабиёт буд. Сарнавишти пурфоҷиаи ҳунарӣ ва инсонии Пайрав бозгӯи ҳолати воқеии сиёсати адабии ҳизбу давлат дар ин солҳост.

Дар давраи ҷанг низ назми тоҷик назми воқеагаро буд. Асосан хидмати

таблиѓотиро адо мекард. Вале шоироне буданд чун Њабиб Юсуфї, ки барои шеъри асил мубориза доштанд ва нисбат ба шоирони дигар шеърњои бењтаре мегуфтанд.

Њабиб Юсуфї аз оѓози фаъолияти шоириаш (1934) ба гуфтани шеъри образнок майли тамом дошт. Бесабаб набуд, ки мафњуми «Ватан» дар шеъри ў тобиши хос пайдо карда, минбаъд дар љангномањои ў ба образи комили шеърї бадал мешавад. Шояд таањуди комили иљтимої ва шоириаш буд, ки ин номи муќаддасро дар бисёре аз шеърњояш бо њадафи амиќи ѓоявї ва эљодї гузоштааст. «Таронањои Ватан» унвони маљмўаи шеърњои ўст, ки соли 1939 нашр гардидааст. Ва бо номи «Ватан» шеърњои дигар низ гуфтааст.

Мавзўи Ватан ва муќаддасоти он паси њар сатри шеърњои замони љангии Њабиб Юсуфї љорист. Дар ин замина шеърњои «Таърих дидааст», «Интиќом», «Мо ба душман зарбањои душманафкан медињем», «Амон нест», «Муњаббат ва њаќиќат» љолибанд. Нируи халќ, ки сољиби хоки обу Ватан аст, дар ин шеърњо образи шеърии мафњум аст, ки бори амиќи шеърият мекашад ва шеъри шоирро ба назари хонанда љаззоб љилва медињад. Дар ин шеърњо шоир адолатро бар разолат муќобил гузошта, озодии Ватанро муњимтарин рукни њастии хеш тафсир мекунад. Дар ин замина муњаббати ў ба Ватан хеле амиќ меравад, ки хонандаро билкул фаро мегирад ва мутаассир месозад.

Тамоюли манфие, ки дар шеъри ин давра ба назар мерасад њамоно воќеанигории мањз аст, ки ин адабиётро аз асолати њунарї дур бурдааст. Ваќте иљмолан бо эљодиёти намояндагони шеъри ин давр, аз љумла Лоњутї, Турсунзода, Рањимї, Зуфархон Љавњарї, Суњайлї Љавњаризода, Ноил Шерзода, Сарвар, Ањмадљони Њамдї, Мунзим, Лутфї Обидхољa, Пайрав, Њабиб Юсуфї, Мирсаид Миршакар, Нодир Шанбезода, Муњиддин Аминзода, Тилло Пўлодї, Боќї Рањимзода, Ѓаффор Мирзо, Саидалї Ализода, Њикмат Ризо ва дигарон назар афканем, равишњои мусбату манфии шеъри ин давраи тољик комилан пеши назар меояд. Мебинем, ки дар ин миён шоироне будаанд, ки рисолати хешро дар назди њунару Ватан ба хубї дарк крада ба ќадри истеъдод дар рушди шеъри тољикї сањм гузоштаанд. Гурўњи дигар, ки

мутаассифона, бештаранд, шеърро барои нон ва ном гуфтаанд, ки якеро шомил шуда, дигареро бо фавти хеш аз даст додаанд. Ин гурӯҳро асосан сиёсати ҳизб рӯи кор оварда, дастгирӣ карда ва аз онҳо барои таблиғ ва таҳкими идеологияи ҷорӣ истифода кардааст. Ин гурӯҳ маҳз сиёсати ҳизбро дар бораи адабиёт думбол мекарданд, ки оќибат онҳоро чун шахсияти ҳунари ноком сохт ва беш аз ин ба рушди адабиёти асил монеъаҳои зиёде эҷод кард.

Бисёр мавзӯъҳое, ки ба шеъри ин давра ворид шуданд, заминаи сиёсӣ доштанд. То ваќтҳои наздик таваҷҷӯҳ ба мавзӯи байналмиллалӣ дар шеъри тоҷикӣ аз равишҳои тоза ва мусбат маънидод мешуд. Вале имрӯз гурӯҳе аз адабиётшиносон ба шеърҳои дар ин мавзӯъ гуфтаи Пайрав ва Турсунзода барин шоирон эрод мегиранд ва ин равишро аз ҳодисаи каммояи адабӣ таъбир мекунанд. Камбудии ҷиддӣ дар он буд, ки «шеъри сиёсии таблиғӣ дар даҳаи сӣ ва чиҳил аз ҳаќиќати воќеӣ кам чизеро дар бар дошт» (117). Дар ҳамаи ин гуна шеърҳо ҳаёти халќи Шӯравӣ, хоса сокинони Шарќи Шӯравӣ пурмуболиға ба тавсир меомад.

Равиши номатлуби дигари шеъри ин давра фуру гузоштани ҳуввияти миллӣ буд. Назарияи халќи советӣ заминаи «ҳуќуќӣ»-ро барои чунин амал ба адабиёт, хоса ба муболиғони ин сиёсат муҳаё сохт. Ин равиш космополитизми зиёновар буд, ки шоирони саршинос ба гузашта бо танаффур нигариста, барои мероси гузаштаи миллӣ арзиши лозимаро ќоил намешуданд. Алайҳи жанру шаклҳои шеърӣ, аз ҷумла ќасида ҷанг эълон карда, ҳатто рӯҳи ахлоќписанди шоирони чун Саъдию Ҳофизро озор доданд.

Рӯ тофтан аз шеъри асили гузашта, офаридани шаклҳои сунъӣ боиси ба вуҷуд омадани шеъру достонҳои ќолабӣ гардид. Дар наср ва назм пайравии бесуд ҷуз сирќот онро чизи дигаре наметавон шинохт, риволҷ ёфт ва ин гуна асарҳо аз асолати ҳунарӣ бархурдор набуданд.

Мавзӯоти замона таќозо кард, ки насру назми камзарфу каммояи ба истилоҳ истеҳсолӣ ба майдон ояд. Таќлид ба Горкий, таќлид ба Шолохов, ба Маяковский ифтихори адиб дониста шуд ва касе ҳаќ надошт, ки моҳияти ин

гуна љустуљўњоро тафсир кунад. Њамин гуна сиёсати нораво адабиёти аз њуввияти миллї марњумро рўи кор овард, ки боди ваќт бисёр сањифањои онро ба осорхонаи таърих тела дод.

**Савол ва супоришот:**

1. *Адабиёти давраи муборизаҳои ичтимой-сиёсӣ ва мафкуравӣ ва моҳияти он*
2. *Доир ба муборизаҳои истиқлолиятхоҳӣ дар адабиёти бадеї маълумот диҳед.*
3. *Адабиёти навини тољик ва оѓози ташаккули он.*
4. *Доир ба марњилаи инкори суннат ва мерос дар адабиёти тољик маълумот диҳед.*

## Мавзўи 5. Дарачаи ташаккули насри бадеии точик аз солҳои 60 қарни XX- то имрўз

***Нақша:***

1. *Даврони бозгашт ва эҳё. (Охири солҳои 50 то имрўз).*
2. *Хусусиятҳои хоси инкишофи адабиёти ин давра.*
3. *Равишҳои асосии назму наср.*
4. *Хидматҳои Мўъмин Қаноат, Лоиқ Шералй ва Бозор Собир дар инкишофи шеъри ин давра.*
5. *Инкишофи насри бадеии точик ва хусусиятҳои асосии он.*
6. *Падидањои тоза дар адабиёти марњилаи мавриди назар.*

Таѓйироти нисбї дар њаёти сиёсиву мадании мамлакати шўравї фаќат баъди анљумани XX њизби коммунистї рух дод. Таѓйири дидгоњњои њизб ба адабиёт фазои муносиботро ба он њам дигар кард. Дар зинаи аввал њизб гирењи мушкилаи муносибат ба мероси гузаштаро боз кард. Дар ин замина таваљљўњ ба нашри мероси гузашта, омўзиши таърих ва таљлили зодрўзи абармардони таърихи фарњанг афзуд. Бузургдошти солрўзи Рўдакї, Њофиз, Љомї ва Ањмади Дониш аз муњимтарин кўшишњо дар ин замина буд. Њамчунин ба таќозои вазъи ба амаломада пайвандњои ќатъшудаи фаврњангї миёни кишварњои њамљавор як дараља барќарор гардид. Ин њодиса, имконияти бањрабардориро аз фарњангу адаби Эрон муњайё сохт.

Баъди анљумани њизб назар ба таърих, фарњанг, аз љумла, рољи таърихии инкишофи адабиёт ва сарнавишти адибон як андоза дигар шуд. Номи

сиёњи сарнавишти бисёре аз фарзандони намакњалоли халќ, ки ба тўњмат њабсу таъќиб шуда буданд, сафед гардид ва бегунoњии онoнро њизбу њукумат эътироф карданд. Ин њама шароитеро фароњам овард, ки то дараљае халќу кишвар аз садамаи сиёсї ва маънавї рањої ёбад. Ин њолат табиист, ки боиси таѓйир пазируфтани диди адибон ба воќеият гардид ва ба меъёрњои тасвир низ дигаргунї ворид кард.

Назари солим ба осори адабии гузаштагон ва мероси адибони кишварњои њамљваор шароити нашри осори баъзе аз адибони саршиноси Эрону Покистон ва Афѓонистонро муњайё сохт. Дар ин замина аз љониби Мирсаид Миршакар ба чоп расидани баргузидаи осори Муњаммад Иќбол њодисаи муњимми фарњангї буд ва ба муњити шеъри тољикї, аз љумла, эљодиёти худи Миршакар бетаъсир набуд.

Охири солњои панљоњ ба майдони адабиёт гурўњи адибони љавоне ворид шуданд, ки вуќуфе аз гузашта ва имрўз доштанд. Ин гурўњ дар мактаби суннатњои адабии гузашта ва њам Айниву Лоњутї парвариш ёфта, вобаста ба фазои сиёсии мамлакат чашмандозиашон ба воќеият низ дигаргуна буд. Дар сари ин сарљўи сабз Мўъмин Ќаноат ќарор дошт. Гурўњи дигари шоирон аз ќабили Лоиќ, Бозор Собир, Ѓоиб Сафарзода, Њабибулло Файзулло, Гулназар, Гулрухсор ва дигарон ба майдон ворид шуданд, ки њар кадоме дид ва консепсияи хоси эљодї доштанд.

Дар наср низ тозаљўи шурўъ гардид. Як навъ тањрир ва фурўгузории дидгоњњои ќолабї воќеъ шуд, ки натиљањои мусбат ба дунбол дошт. Дар раванди њамин дигаргунињо навиштањои Љ.Икромї «Духтари оташ», «Дувоздањ дарвозаи Бухоро», «Тахти вожгун», «Хатлон», Рањим Љалил «Шўроб», Юсуф Акобиров «Замини падарон», «Норак», «Водии муњаббат», «Дунё ба умед», Муњиддин Хољаев «Об - рўшної» ва ѓайра ба вуљуд омад.

Зимнан бояд гуфт, ки арзиши бадеии ин асарњо яксон набуданд. Дар њамаи инњо таъсири тамоюли манфии воќеанигорї ва тобеъият ба дархостњои иќтисодиву ахлоќии њизб равшан ба назар мерасад.

Яке аз тамоюлњои дигари зиёновари насри ин давра њамоно зоњирнамоии воќеањои шигифтангез ва тасвирњои парнографистї мебошад. Ин амалро баъзе нависандагон мањз барои шўњратталабї мекарданд, ки зиёни њам ахлоќиву њам маънавї дар пай дошт. Дар ин равиш асарњои Юсуф Акобиров «Замини падарон», «Норак», «Водии муњаббат» ва «Дунё ба умед»-ро метавон зикр кард.

Мутаассифона, Юсуф Акобиров консепсияи пешинаи худро дар тасвири чењраи зан аз даст дода. Чењраи занони ишратпараст, сабукпо ва бадахлоќ дар асарњои ў мавќеъ пайдо мекунанд.

Ќаблан Акобиров ба образу характерњои занону духтароне таваљљўњ дошт, ки ахлоќан зебо ва дар ишќу муњаббат содиќу устуворанд. Ин гуна ќањрамонони ў дорои «малоњат, њаёи шарќии ба занону духтарони тољик хос» (Љ. Баќозода) буданд. Ин мавќеи ѓоявии нависанда дар повестњояш хеле ќавї буд. Афсўс, ки дар романњои зикршуда назари нависнада ба чењраи ќудсии зан дигар шуда, акнун «зан на њамчун шахсияти комил, инсони озод, на њамчун неруи фаъоли љамъият, балки њамчун фарде тасвир мешавад, ки дунёи тангу мањдуд дорад, зиндагии мешанї мељўяд» **(Ниг.: 14,101-109).**

Дар бисёре аз асарњои ин давра наќли воќиа ва тасвири рўякии њодисаву воќеањо нуфуз дошта, нависандагонро аз љустуљўњои амиќи бадеї боз доштааст. Бинобар ин њам насри ин замони тољикї аз љараёни љустуљўњои пуршитоби насри бадеии халќњои Иттињоди собиќи Шўравї хеле-хеле аќиб меистад. Ин навиштањоро бо асарњои хуби нависандагони рус, латиш, гурљї ва арманї наметавонем муќоиса кард. Зимнан бояд гуфт, ки чунин муќоисањоро гоњо адабиётшиносони тољик анљом додаанд, вале дар ин ќиёс бештар мутаваљљењи мазмуну мундариља, ѓоя ва образњои асарњо шуда, љанбаи бадеї ва њунари нависандагиро фурў гузоштаанд.

Баъдтар асарњои Ўрун Кўњзод «Як рўзи дароз, рўзи бисёр дароз», «Њам кўњи баланд, њам шањри азим», Сорбон «Актёр», «Зарафшон», Саттор Турсун «Се рўзи бањор», Муњиддин Хољаев «Нанг ва номус» ба майдон омад, ки савия ва диди муаллифон дар шинохти њаќиќати таърих то андозае дигар

шуда буд. Ин муаллифон воќеияти таърихї ва рўзмарраро на аз дидгоњњои ќолабї, балки аз мавќеи арзишњои умумиинсонї шарњу тасвир карда, образњои љолиберо ба вуљуд оварданд. Сабаби ба душворї ва гоњо бо ихтисор чоп шудани ин асарњо низ дар тозаназарии муаллифон буд, ки ба сензураи ваќт писанд намеомад.

Дар рушди насри ин давра хидмати С. Улуѓзода бузург аст. Вай бо таълифи як силсила асарњои таърихї ёди мардуми моро ба гузаштаи дуру наздик мутаваљљењ сохт. Таърихи бадеии кишвар ва сарнавишти бењин фарзандони онро ба воситаи асарњои хубаш падид овард. Дар ин замина драмањои ў бахшида ба Рўдакї, Абўалї ибни Сино, Темурмалик ва Ањмади Дониш аз бисёр љињат љолиб буда, як навъ худшиносии миллиро дар љомеъаи мо таќвият бахшид.

Ба назари мо муњимтарини тамоюл дар эљодиёти С. Улуѓзода он аст, ки вай беш аз њама ќудрати тавоноии маънавии халќро, ки ба сурати ќањрамонї дар шароитњои мураккаб ва мушкил зуњур кардааст, тасвир мекунад. Чун идроки бадеии инсонро дар эљодиёти адиб ба назар гирем, образњои Рўдакї, Сино, Ањмади Дониш, Темурмалик, Восеъ, Шиволї ва ѓайра пеш аз њама таљассуми зўрмандии маънавии халќ њастанд. Љои романи «Фирдавсї» дар эљодиёти Улуѓзода хос аст. Ин роман њашамати таърих, маънавиёти миллатро пеши чашми мо зинда медорад ва тамоюли эљодиёти адиб – худшиносии миллиро таќвият мебахшад.

Баъди съезди XX-и њизби коммунистї таваљљўњи нависандагон ба масоили ахлоќ ва худшиносии фард бештар гардид. Дар ин замина хидматњои Фазлиддин Муњаммадиев бузург аст. Романи «Палатаи кунљакї», ќиссањои «Варта», «Шоњии япон», њикоянњои «Љага», «Рўзи дафни усто Оќил», «Роњ», «Сози мунаввар», «Даъво», «Хиёбони Нодир» ва ѓайра дар насри тољикї њарфи тозаанд. Назари моњиятљў ва ахлоќписанди нависанда арзиши ин асарњои ўро афзудаанд. Зимнан бояд таъкид кард, ки Фазлиддин Муњаммадиев аз нависандагонест, ки шеваи равоншиносии тасвирро дар насри мо таљдид кард. Дар ин замина романи «Палатаи кунљакї» асари љолиб ва

пандомўзест. Нависанда аз аввалин навиштаљояш ба маънавиёти инсон таваљљўњи хос дошт. Њатто сарнавишти «одамони кўњна» барои ў омўзанда ва барои љомеъа беарзиш набуд. Чунин консепсияи идроки бадеї дар асарњои минбаъдаи ў инкишоф ёфт. Дар ин равиш романи «Палатаи кунљакї» дар эљодиёти адиб маќоми хос дорад.

Дар раванди љустуљўњои маънавию ахлоќии насри имрўзаи тољик Љумъа Одина ва романи ў «Гузашти айём» љойгоњи хос дорад. Љумъа Одина аз љумлаи нависнадагони тозаназар буд. Аввалин њикояњо ва повестњои «Авроќи рангин», «Иншо дар мавзўи озод» гувоњи чашмандозии хоси ў дар шинохти њаќиќати зиндагї ва сарнавишти инсон буданд.

Романи «Гузашти айём» љасоратмандии ўро дар роњи тањќиќ воќеият, сарфи назар аз тамоми бандњои расмиву ѓайрирасмї собит кард. Нависанда аввал романро дар маљаллаи «Садои Шарќ» ба чоп расонд ва ба муќовимати сахти кормандони њизбу давлат дучор гардид. Сензураи давлатї нусхањои онро мусодира кард. Бисёре аз масъулони њизбї ва баъзе мунаќќидон (А. Сайфуллоев) романро аз љињати ѓоявї зиёновар эълон карданд ва он њама талошњои бемаънї оќибат сари навсиандаро хўрд.

Вале замона худ барои адиби танњо фатвои наљот баровард. «Гузашти айём» сафед шуд ва дар шакли китоби алоњида ба чоп расид. Љумъа Одинаев дар ин асар манзараи вусъатнокеро аз воќеияти солњои 30-40 ба тасвир мегирад. Роман як марњалаи муњимми њастии халќи тољикро аз пањлуњои наваш, аз назари идеявию ахлоќї фаро мегирад. Дар ин асар нависанда бори аввал дар насри тољикї ќолабњои маъмулиро дар тасвири симои коммунист шикаст, моњияти амалу кирдори инсони фармонравоеро, ки бунёди ахлоќї ва маънавияш хароб аст, падид овард ва мањз њамин нуќтаи ѓоявии асар муќобилати дастгоњњои расмиро ба вуљуд овард.

**Мунаќќид А.Набиев романи «Гузашти айём»-ро романи андешањо, аќидаву принсипњо шинохта буд (65, 41),** ки воќеан дуруст аст. Ин асар њам аз љињати ѓоявї ва њам бадеї асари навоварона эътироф шудааст. «Гузашти айём» арзиши фаровони ахлоќї дошта, дар ташаккули љонфидої,

инсондӯстӣ, вафодорию муњаббат барин хислатњо ба хонанда кӯмак мекунад. Арзиши дигар ва бисёр муњимми роман дар он аст, ки мо доир ба бисёр пањлуњои воќеияти солњои сӣ, ибтидои љанги љањонӣ њарфи тозаро аз забони нависанда мешунавем. Дар тасвир ва тањлили воќеањо адиб ќабл аз њама ба арзишњои умуминсонӣ арљи бештар медињад.

**Абдулњамид Самадов, Бахманёр ва Сайф Рањим** дар рушди насри ин давра њар кадоме ба ќадри имкониятњои худ сањм гузоштаанд. Љустуљӯњои А. Самад бо дигаргунињое, ки дар насри воќеанигор ва ахлоќписанди солњои охир ба вуљуд омад, алоќаманд аст. Дар навиштањояш ӯ бештар ба масоили ахлоќӣ, хилќати муосирон ва тамоюлњои манфии ахлоќие, ки дар даври Шӯравӣ тайи солњо рушд кард, таваљљӯњ кардааст. Дар ин радиф навиштањои ӯ «Баъд аз сари падар», «Аспи бобом», «Косаи давр» аз бисёр љињатњо љолиби диќќатанд.

**А.Самадов** дар повести аввалинаш «Баъд аз сари падар» амалу кирдори ќањрамонашро дар зиндагии њаррӯза, њаёти соддаи орому хонаводагӣ ба мушоњида мегирад ва дар ин замина ба масоили муњим, монанди идеали ќањрамон, суннатњои ахлоќиву маънавӣ, бузургиву пастии афрод ва ғайра таваљљӯњ мекунад. Ин тамоюли эљодии ӯ дар навиштањои баъдиаш, аз љумла «Косаи давр» ва баъзе њикояњои ӯ аз ќабили «Њазл» риволљ ёфтааст.

**Бисёр муњаќќиќон зуњури тамоюли навро дар рољи дарки бадеии воќеият ба эљодиёти Бањманёр ва Сайф Рањимзод** алоќаманд медонанд, ки аз воќеият дур нест. Дар навиштањои ин гурӯњ хоса Бањманёр тафаккури тахайюлӣ афзалият дошта, шаклњои щартиву рамзӣ ифодагари усули бадеии нависандаанд. Дар ин замина аз нахустин навиштањояш Бањманёр ба мавзӯњои њифзи табиат, пайванди инсону муњит, набототу љамод, пайванди олами кабиру сағир ва ғайра диќќат мекард ва ин равия дар навиштањои баъдиаш инкишоф ёфт. Маљмӯаи аввали ӯ «Ишќи сайёд» (1984) асосан њамин масъалањоро дар бар гирифта, нависанда кӯшидааст, ки њаддал имкон аз усули воќеъанигории мањз, ки дар насри тољик маќом дошт иљтиноб кунад.

Усули тасвири шартиву рамзї дар маљмўаҳои охири ў **«Аспи обї»** (1988) ва **«Дуди њасрат»** (1993) такмил ёфта, нависанда кўшидааст, ки беќадрї ва хориву зории инсон, азоби алиме, ки инсон гаравгони он шудааст ва саргумии мардумро дар гиру дори дунё, њамчунин сияњрўии одамону замонро нишон дињед. Навиштањои Бањманёр аз љињати бадеият сабќате доранд, суханаш хос аст.

**Сайфи Рањимзод** низ аз нависандагони љўянда ва тозанигори имрўз аст. Вай бо нашри нахустин маљмўааш «Ситорањои сари танўр» (1984) собит кард, ки пайгири роњи тайшуда нест ва њарфи худашро дар адабиёт арза карданист. Аз нашри маљмўаи аввал то маљмўањои «Аз ёдњо, аз ёдњо…» (1988), «Доѓистон» (1993) ў пайгири њамин мароми эљодист. Сайф Рањим дар мавзўъ ва биниши бадеї «истиќлол»-и комил дорад. Ў дар њељ навиштааш ба воќеанигорї тамоюле зоњир накардааст ва ин аз фазилати эљодии ўст. Ў дар навиштањояш аз бемаънавиятї, фасоди ахлоќ, ноинсофї, худбинї, поймол гардидани адолат ва мусоват дар љомеа урён њарф намезанад, балки зимни тасвир ин њама масоилро матрањ сохта, хонандаро сари андеша ва натиљагирї танњо мегузорад.

Тозакорињои солњои шаст ва ибтидои солњои њафтодро дар шеъри тољикї муњаќќиќон ба иттифоќ ба кўшишњои Мўъмин Ќаноат, Лоиќ ва Бозор Собир алоќаманд донистаанд, ки воќеият аст.

**Муњимтарин таѓйироте, ки дар шеъри ин давра ба назар мерасад, дигар шудани усули тасвир аст. Дигар аз таѓйиротњо таваљљўњ ба мавзўъњои муњимми зиндагии инсон ва таърих аст. Худшиносии миллї њадафи асосии андешаи шоиронаи ин гурўњ ќарор гирифт. Дар шеър ба тасвир омадани сарнавишти инсонї ва маънавии абармардони таърих, монанди Рўдакї, Ибни Сино, Оли Сомон, Айнї ва ѓайра њадафњои амиќи ѓоявї дошт.**

шоирон дар боби таърих, дар боби мавќеияти ашхоси барљастаи таърих, сарнавишти миллат ва забону фарњанги вай љиддан ба андеша рафтанд.

**Ба ифодаи М.Шакурї ин гуна дигаргуниҳо дар шеъри даҳаи шасту ҳафтод зиёд ба вуҷуд омаданд. Беш аз ин «дар шеър силсилаи афкор – андешаҳои мураккаби пайдарҳам, андешапарварии пурҳиссиёт, ки аксаран мўҳтавои иҷтимоӣ ва гоҳ мундариҷаи фалсафӣ дошт, ривоҷ ёфт. Андеша дигар бо диди синфи маҳдуд набуд, яъне на фақат бар синфиятгаронӣ, ки кам-кам коҳиш меёфт, балки бар чашмандози густурдатаре бунёд дошта, арзишҳои башариро ҳар чи бештар дарбар меоварад» (116,119).**

**Шеър акнун ифодагари ҳиссу андеша, тўғёни дил гардида ба ҳудудҳои жанрӣ низ рахна андохт. Тағйироте дар сохтмони шеър, истифодаи арўз ба миён омад, ки на ҳама вақт муфид ва натиҷанок буд. Дар ҳамин равиш шеъри озод бо шеъри тоҷикӣ омехт ва баъзе намунаҳои хубе низ ба миён омад.**

Мўъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир пайванди шеъри тоҷикиву форсиро таҳким бахшида, шеъри моро ба асл ҳам шаклан ва ҳам маънан хеле наздик бурданд. Шеър аз назари ҳунар низ то дараҷае ба камол расид.

Мутаассифона дром дар адабиёти ин давра мақоми шоён надорад. Драманависоне чун С.Сафаров, М.Бахтӣ, К.Кибром асарҳои саҳнавӣ навиштаанд. Дромҳои инқилобии Ғанӣ Абдулло ба ваҷҳи мавзўъ асосан рўи саҳна буданд.

Фазлиддин Муҳаммадиев низ бо номи «Охирин арўсии амир-ал-мўъминин» драмае навишт. Вале беҳтарин асарҳои ин давра ҳамон «Темурмалик», «Восеъ», «Алломаи Адҳам ва дигарон»-и С. Улуғзода шинохта шудаанд. Ин асарҳо бо муҳиммиятии мавзўъ ва арзиши бадеӣ дар таърихи адабиёти мо мақоми хос доранд. Нависандаи бузург таърихро ба хидмати имрўз кашида, хонандаи хешро дар баробари фоҷиаҳои таърихи халқ ба андеша мебарад. Ҳиссу ифтихори инсонӣ ва миллиро ба ҷунбиш меорад ва масъулиятро бар дўши муосирон мегузорад, ки ин ҳам шинохти ҳақиқати таърих ва софкории ахлоқ аст. Масъулиятшиносии инсонӣ ва таҳаддуди иҷтимоӣ муҳимтарин рукни фикри бадеии нависанда аст.

Аз охири солҳои ҳаштод ба баъд даврони тозатар дар таърихи адабиёти тоҷик оғоз меёбад. Ин тозакориҳо, бешак ба бозсозии иҷтимоию сиёсии давр

сахт марбут аст. бозсозї муњити комилан озодеро дар љомеъа ба вуљуд овард. Дар ин раванд фошгўиву озодандешї риволљ ёфт ва ин њодиса, бешак, таъсири амиќе ба муњити маънавї гузошт ва фаъолиятмандии иљтимоиву граждании адибонро зиёд кард. Бисёре аз адибон, њам шоиру нависандагон ва њам муњаќќиќони таъриху адабиёт ба воќеият ва таърих таљдидї назар карданд. Њамаи ин дигаргунињо ба он овард, ки адабиёт то њадде аз сиёсатфурўшии мањз ва иљтимоигарони дурушт рањої ёфт.

Бешак, ба рушди ин раванди мусбат матбуоти рўз мусоидат кард. Бисёр рўзномаву маљаллањо дар чопи асарњои адабиву маќолањои нављўёна иќдомњои љиддиро ба роњ монданд. Дар ин равиш ашъор ва маќолањои Мўъмин Ќаноат, Лоиќ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор, Фарзона, Камол Насрулло, Низом Ќосим, Сиёвуш ва дигарон ба чоп расид, ки муњити озодандеширо дар љомеъа тавсиа бахшид ва чашми мардумро ба шеъри асил кушод.

Дар наср ин гуна раванди «истиќлолхоњї» нисбатан сусттар ба назар мерасад. Вале чењрањое чун Љ. Одина, Ў. Кўњзод, Саттор Турсун, Абдулњамиди Самад, Бањманёр, Сайф Рањим ва К. Мирзо дар ин замина хидмате кардаанд. Муњимтарин иќдоми онњо насрро аз воќеъагароии мањз як дараља берун овардан ва арзишњои њунариро боло бурдан буд.

**Савол ва супоришот:**

1. *Муаммоҳои адабиёти навин дар даврони бозгашт ва эҳё. (Охири солҳои 50 то имрўз).*
2. *Хусусиятҳои хоси инкишофи адабиёти ин давраро дар асоси эҷодиёти адибони давр нишон диҳед.*
3. *Хидматҳои Мўъмин Қаноат, Лоиқ Шералй ва Бозор Собир дар инкишофи шеъри ин давра муайян кунед.*
4. *Инкишофи насри бадеии точик ва хусусиятҳои асосии он дар осони нависандагони давраи мазкур.*

## III. АМАЛИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАРИ

**1. Трилогияи Чалол Икромӣ 2-соат**

"Духтари оташ","Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро", "Тахти вожгун" ва проблемаи таҳавввули сегонанависӣ дар адабиёти точик

**Адабиёт:**

*Муқимов.Р Чалол Икромӣ-драматург.-Д.:Адиб,1988,96с*
*Худойдодов Б.Се очерк дар бораи се адиб.-Д.:Ирфон, 1984*
*Икромӣ Ч. Романҳо:"Шодӣ","Ман гунаҳкорам","Духтари оташ","Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро","Тахти вожгун"*
*Њамроев Ч. Таърихи адабиёти навини точик. –Тошканд: Тамаддун, 2015*

**2. Мавқеи достон дар эчодиёти М.Турсунзода. 2-соат**

Достонҳои "Садои Осиё","Чароғи абадӣ" ва "Чони ширин", мавзӯъ ва моҳияти онҳо.

**Адабиёт:**

*Бобоев Ю. Сипаҳсолори назм.-Д.: Ирфон,1971*
*Бобоев Ю. Эстетика ва қадамҳоиназму насри точик..-Д.:Адиб, 1988*
*Маҳорати эчодии М. Турсунзода (мачмӯи мақолаҳо).-Д.:УДТ,1981*
*Њамроев Ч. Таърихи адабиёти навини точик. –Тошканд: Тамаддун, 2015*

**3. Сотим Улуғзода ва таърихият дар осори ӯ. 2-соат**

Офариниши образҳои таърихӣ.

**Адабиёт:**

*Улуғзода С. Асарҳои мунтахаб, иборат аз 4 чилд.-Д.:Ирфон,1967-1976*
*Улуғзода С. Фирдавсӣ.-Д.: Адиб,1988*
*Њамроев Ч. Таърихи адабиёти навини точик. –Тошканд: Тамаддун, 2015*

**4. Инкишофи жанри достони манзум дар эчодиёти М. Қаноат. 2-соат**

Масъалаи анъана ва навоварӣ дар достони муосир. Таҳаввул ва тачдиди жанри достон дар эчодиёти М.Қаноат.

**Адабиёт:**

*Қаноат М.Осори мунтахаб, ч.2.Достонҳо-Д.: Ирфон,1982*
*Њамроев Ч. Таърихи адабиёти навини точик. –Тошканд: Тамаддун, 2015*

**5. Тасвири проблемаҳои ахлоқи ичтимоӣ, қувватгирифтани психологизми тасвир, вусъати монологи ботинӣ. 2-соат**

Майл ба рӯйдодҳои таърихӣ дар насри Саттор Турсун.

***Адабиёт:***

*Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон.-Д.: Ирфон, 1987*
*Турсун С. "Пайванд", "Се рӯзи як баҳор" –Д.:*
*Њамроев Ч. Таърихи адабиёти навини точик. –Тошканд: Тамаддун, 2015*

# ГЛОССАРИЙ

| Термин | Шарҳ |
|---|---|
| **Автобиографизм** (юнонї) | инъикоси лаҳзаҳои ҳаёти муаллиф дар асараш. |
| **Лирикаи автопсихологї** | ашъори лирикие, ки дар он ҳолатҳои рўҳии худи муаллиф ифода ёфтааст. |
| **Анахронизм** (юнонї) | ѓайритаърихї; саҳван ё ќасдан нодуруст ва хато тасвир кардани воќеа, замон ва корномаи шахсони гузаштаи таърихї дар асари бадеї; асарҳо дар бораи Искандари Македонї, Абўмуслим ва ѓайра. |
| **Апсихологизм** | инкори тасвири ҳолатҳои рўҳї дар эљоди бадеї. |
| **Архетип** (лотинї) | 1) нахустобраз; нусхаи аслии асари ќадим; 2) «идея»-ро асоси системаи образ номидан дар эстетикаи К.Г.Юнг. |
| **Герменевтика** (юнонї) | тафсирот, ташреҳот; навъи илми матншиносї, ки назария ва хусусиятҳои асарҳои ќадимиро меомўзад ва матнҳои онҳоро барќарор мекунад. |
| **Глосса** (юнонї) | калимаи нодир; калимаи мушкилмаънои архаистие, ки маънаю мазмуни онро котиб, муҳаррир, хонанда дар ҳошияи асар шарҳ медиҳанд |
| **Глоссарий** (юнонї) | луѓат; шарҳу тафсири калимаҳои архаистї, камистеъмол ва номафҳум; ҳошия, иловаҳо дар ҳошия ва вараќи асар. |
| **Подтекст** | маънои ниҳонї, таҳтулматн; матни тамсилї, матни маљозї, матни иҳоммаъно. |
| **Психоанализ** | усули таҳлили психологї; яке аз љараёнҳои субъективї- идеалистї дар соҳаи эљоди бадеї, ки ба омўзишу таҳлили азобу машаќќат ва ҳолати рўҳии персонажҳо диќќати асосї дода, маќоми љамъиятї ва иљтимоии персонажҳоро аз эътибор соќит мекунал. |
| **Психологизм** (юнонї) | ба фаъолияти рўҳї иснод овардани нависанда; майли амиќ тасвир кардани рўҳия, олами ботинї ва ноаёни инсон. |

| | |
|---|---|
| **Мактаби психологї** | яке аз мактабњои илмї-эстетикї, ки дар чоряки охири асри X1X ба вуљуд омада ба фаъолият ва њолати рўњии санъаткорон маќоми калон медод ва фолклору адабиётро дар асоси «оѓози иродаи нахустин» тадќиќ мекард. |
| **Омўзиши статистикии шеър** | тањлили шуморавии ашъор, тадќиќи њисобии шеър, ки дар методи статистикї (усули риёзї-њисобкунї) дида мешавад. |
| **Адабиётшиносии структуралї** | адабиётшиносие, ки сохти асарњои бадеиро меомўзад. |
| **Семиотика** | илм дар бораи аломат ва системаи аломатњои забон ва услуб мебошад. Семиотикаро услуби аломатию шартї дар эљоди бадеї њам меноманд. |

# VIII. АДАБИЁТЛАР РЎЙХАТИ


**I. Ўзбекистон Республикаси Президентининг асарлари**

1. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб ҳалқимиз билан бирга қурамиз. – Т.: “Ўзбекистон”. 2017. – 488 б.
2. Мирзиёев Ш.М. Миллий тараққиёт йўлимизни қатъият билан давом эттириб, янги босқичга кўтарамиз – Т.: “Ўзбекистон”. 2017. – 592 б.

**II. Норматив-ҳуқуқий ҳужжатлар**

3. Ўзбекистон Республикасининг Конституцияси. – Т.: Ўзбекистон, 2018.
4. Ўзбекистон Республикасининг “Таълим тўғрисида”ги Қонуни.
5. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2015 йил 12 июндаги “Олий таълим муасасаларининг раҳбар ва педагог кадрларини қайта тайёрлаш ва малакасини ошириш тизимини янада такомиллаштириш чора-тадбирлари тўғрисида” ги ПФ-4732-сонли Фармони.
6. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича Ҳаракатлар стратегияси тўғрисида”ги 4947-сонли Фармони.
7. Ўзбекистон Республикаси Президентининг "Олий таълим тизимини янада ривожлантириш чора-тадбирлари тўғрисида”ги 2017 йил 20 апрелдаги ПҚ-2909-сонли Қарори.
8. Ўзбекистон Республикаси Президентининг “2019-2021 йилларда Ўзбекистон Республикасини инновацион ривожлантириш стратегиясини тасдиқлаш тўғрисида”ги 2018 йил 21 сентябрдаги ПФ-5544-сонли Фармони.
9. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 майдаги “Ўзбекистон Республикасида коррупцияга қарши курашиш тизимини янада такомиллаштириш чора-тадбирлари тўғрисида”ги ПФ-5729-сон Фармони.
10. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 17 июндаги “2019-2023 йилларда Мирзо Улуғбек номидаги Ўзбекистон Миллий университетида талаб юқори бўлган малакали кадрлар тайёрлаш тизимини тубдан такомиллаштириш ва илмий салоҳиятини ривожлантири чора-тадбирлари тўғрисида”ги ПҚ-4358-сонли Қарори.
11. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 августдаги “Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг узлуксиз малакасини ошириш тизимини жорий этиш тўғрисида”ги ПФ-5789-сонли Фармони.
12. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 августдаги 8 октябрдаги “Ўзбекистон Республикаси олий таълим тизимини 2030 йилгача ривожлантириш концепциясини тасдиқлаш тўғрисида”ги ПФ-5847-сонли Фармони.

**Ш. Махсус адабиётлар**

13. Дастури таълимии забони точикӣ, (с. 5-9). Тошкент, 2003.
14. Мутолиа кардан: Таълим методлари.Тошкент, 2004, 2 бўлим.

15. Хӯҷақулов С. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубй. Самарқанд. СамДУ: 2012.

16. Истамова М. Методикаи таълими забони точикӣ. Самарқанд. –2003.

17. Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ Дар асоси технологияи нави таълим. –Самарқанд, 2015.

**IV. Интернет сайтлар**

18. Ўзбекистон Республикаси Олий ва ўрта махсус таълим вазирлиги: www.edu.uz.
19. http://bimm.uz
20. http://ziyonet.uz

**Samarqand davlat universiteti huzuridagi pedagogik kadrlarni qayta tayyorlash va ularning malakasini oshirish mintaqaviy markazida 2022 yil aprel-may oylarida o‘tkaziladigan Tojik tili yo‘nalishi o‘quv-uslubiy majmualari bo‘yicha**

**EKSPERT XULOSASI**

Samarqand davlat universiteti huzuridagi pedagogik kadrlarni qayta tayyorlash va ularning malakasini oshirish mintaqaviy markazida 2022 yil aprel-may oylarida oliy ta’lim muassasalari professor-o‘qituvchilarining “ Tojik tili” yo‘nalishi qayta tayyorlash va malaka oshirish kursi mutaxassislik fanlaridan tuzilgan o‘quv-uslubiy majmualar va chiqish testi savollari maxsus fanlar blokidagi modullarning o‘quv dasturiga mos va uni to‘liq qamrab olgan holda tuzilgan. Test savolari 4 ta muqobil javobda tuzilib, 1 ta to‘g‘ri javobni o‘z ichiga oladi. O‘quv-uslubiy majmua va test savollari qo‘yilgan talablarga javob beradi.

**Ekspertlar**

| | | |
|---|---|---|
| Xamroyev Jumaqul | SamDU, Tojik filologiyasi va xorijiy sharq tillari kafedrasi mudiri, f.f.d. | |
| Shernazarov Akmal | SamDU, Tojik filologiyasi va xorijiy sharq tillari kafedrasi dotsenti, f.f.n. | |
| Meliyev Baxtiyor Abduxomidovich | SamDU mintaqaviy markaz bo’lim boshlig’i, g.f.f.d. | |

**Mintaqaviy markaz direktori,**
**geografiya fanlari doktori, professor:** **S.B.Abbasov**

**ЭКСПЕРТНОЕ ЗАКЛЮЧЕНИЕ**

**Об учебно-методических комплексах по направление истории Узбекистана, которые пройдут в апреле 2022 года в Региональном центре переподготовки и повышения квалификации педагогических кадров при Самаркандском государственном университете**

В апреле 2022 года Региональном центре переподготовки и повышения квалификации педагогических кадров при Самаркандском государственном университете проведет курс переподготовки и повышения квалификации преподавателей высших учебных заведений по направлению «Родной язык и литература: Таджикский язык». Учебно-методические комплексы соответствуют с учебным планом модулей специального научного блока и полностью охватить его. Учебно-методические комплексы соответствуют современном требованиям.

**Зарубежный эксперты:**

**1. Сироджиддини Эмомали,**
**доктор филологических наук,**
**профессор факултети филологии ТНУ**

**2. Хомидов Дилмурод Раджабович,**
**доктор филологических наук,**
**профессор факултети филологии ТНУ**

Акт
Чтоб